МУБОРАК ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИК,
ЗИҲҲӢ БАХТУ ЗИҲҲӢ ИҚБОЛИ ТОҶИК!

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

№36 (12570)
8 сентябри
соли 2026

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО



ИСТИҚЛОЛ – ГАРОНТАРИН НЕЪМАТ ВА ПУРҚИМАТТАРИН САРВАТИ ЗИНДАГӢ

Аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ситоиши Истиқлоли давлатӣ

Истиқлолу озодӣ барои мо рамзи воқеии ифтихор аз Ватану ватандорӣ, бузургтарин имконияти давлатсозиву давлатдории мустақил, илҳомбахши азму талошҳои созанда ба хотири таъмин намудани рушди давлат, ободии Ватан, зиндагии осоиштаи мардуми Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҳар як оилаи кишвар мебошад.

***

Истиқлолу озодӣ барои мардуми Тоҷикистон гаронтарин неъмат ва пурқиматтарин сарвати зиндагӣ мебошад. Зеро ин падидаи нодири таърихӣ ба мо барои бунёди давлати мустақил, ҷомеаи озод ва мутамаддину пешрафта, эҳёи воқеии забон, таърих, фарҳанг ва дигар суннату арзишҳои чандинҳазорсолаи миллӣ имконият фароҳам овард.

***

Истиқлолу озодӣ, истиқрори сулҳу суботи сартосарӣ ва ваҳдати миллӣ роҳи моро ба сӯйи амалӣ гардонидани дигаргуниҳои бунёдии ҷамъиятиву сиёсӣ боз намуд.

***

Истиқлол барои мардуми шарафманди тоҷик имконият фароҳам овард, ки ихтиёри давлатдориро ба дасти худ гирифта, ба сӯйи зиндагии осуда, эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ роҳи васеъ кушоянд.

***

Истиқлоли давлатӣ Тоҷикистонро бо ҷаҳон ва ҷаҳонро бо Тоҷикистон наздик гардонид ва сиёсати «дарҳои кушода» боиси болоравии бесобиқаи нуфузу обрӯи Тоҷикистон дар байни ҷомеаи байналмилалӣ гардид.

***

Мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки ҳама дастоварду пешрафтҳои мо маҳз ба шарофати Истиқлоли давлатӣ, сарҷамъиву иттиҳод ва заҳмати содиқонаи мардуми шарифи Тоҷикистон ба даст омадаанд. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки дар ҳифзу таҳкими дастовардҳои давлатдории навинамон талоши аз ин ҳам бештар намоем, фарзандонамонро дар руҳияи худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, эҳтиром ба таъриху фарҳанги миллӣ ва заҳмати софдилонаву содиқона тарбия намоем.

***

Ҷавонони даврони истиқлол, ки парчамбардор ва меросбарони тамаддуни ориёӣ ва гузаштагони бофарҳангу соҳибмаърифати миллати тоҷик мебошанд, бояд хуб донанд, ки ояндаи дурахшони ин миллату давлат маҳз ба кӯшишу ғайрат, иродаву матонат ва заҳмати бунёдгаронаи онҳо вобаста мебошад. Дар баробари ин, ҷавононро зарур аст, ки дар пешорӯи таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир зиракии сиёсиро аз даст надода, дар назди Ватан ва миллат масъулияти боз ҳам бештар ҳис намоянд ва дар ҳимояи манфиатҳои миллат ва давлати худ ҳамеша омода бошанд.

***

Бо камоли ифтихору сарфарозӣ иброз медорам, ки расидан ба истиқлоли сиёсӣ ва таъсис додани давлати соҳибихтиёр бузургтарин, муқаддастарин ва муҳимтарин падидаи таърихи муосири халқи тоҷик мебошад. Ин рӯйдоди беназир ҳамчун оғози таҳаввулоти бунёдӣ дар сарнавишти миллати бостонии тоҷик заминаи устувори худшиносии миллии мардуми моро фароҳам овард, ба хотири ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва оғози ташаббусҳои созанда омили муттаҳидсоз гардид.

***

Рамзҳои давлати соҳибистиқлол қабул карда шуданд, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ таъмин ва ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ оғоз гардида, буҳрони шадиду фарогири иқтисодӣ ба эътидол оварда шуд ва раванди эҳёи арзишҳои миллӣ самту суръат ёфт.

***

Дар даврони Истиқлоли давлатӣ мо тамоми саъю талоши худро дар доираи чор ҳадафи стратегии миллӣ – таъмин намудани истиқлоли энергетикии кишвар, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани он, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат муттаҳид сохтем.

***

Дар ин росто, мо бояд насли наврасу ҷавонро бо таърихи бисёр қадимӣ ва шукӯҳманду пурифтихори миллати тоҷик, бо мақому манзалати забони ширину шоиронаи тоҷикӣ, бо фарҳанги рангорангу ғановатманди бостонӣ, расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои деринаи миллӣ ҳарчи бештар ошно намоем. Мо бояд дар зеҳну шуури онҳо ҳисси баланди миллӣ, ифтихори ватандорӣ, нангу номус ва муҳаббату садоқат ба Ватанро тарбия кунем.

***

Истиқлоли давлатӣ барои мардуми мо имконияти нодири таърихӣ фароҳам оварду, ки зери парчами миллии худ муттаҳид шуда, бо заҳмати аҳлонаву бунёдкорона бисёр мушкилоту монеаҳои сахту сангинро паси сар намоянд ва кишвари маҳбубамонро ба марҳалаи рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ расонанд.

***

Маҳз дар натиҷаи заҳмати содиқонаву ватандӯстонаи сокинони сарбаланди мамлакат пойдевори давлати навини тоҷикон ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ гузошта шуд, кишвари мо дар арсаи ҷаҳон эътироф гардид ва муҳимтар аз ҳама, барои пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва боз ҳам беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

***

Дар вазъияти печидаву нооромии ҷаҳони муосир ҳар як шаҳрванди огоҳи Тоҷикистон бояд дарк намояд, ки аз баракати истиқлолу соҳибихтиёрӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мо ба чӣ неъмати бузурге муяссар шудаем. Яъне, ҳар як фарди бонангу номуси Ватанро зарур аст, ки бо дарки амиқи қадру манзалат ва аҳаммияти истиқлолу озодӣ ва бо заҳмати софдилонаву саъю талоши ватандӯстона ҷиҳати ободии сарзамини аҷдодиамон, таҳкими иқтидори иқтисодии давлати соҳибихтиёрамон ва парафшонии ҷовидонаи парчами миллӣ саъю талош намояд.

***

Бисёр муҳим аст, ки мо қадру қимати Ватани азизи худ – Тоҷикистон ва давлати соҳибистиқлоламонро донем ва фаромӯш насозем, ки танҳо бо доштани давлати мустақил дар ҷомеаи башарӣ мавқеи сазовор дошта метавонем.

Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj
Телефон барои тамос: 225-81-55

Истиқлолу озодӣ барои ҳар фарди Тоҷикистон арзиши муқаддастарин, сарвати гаронбаҳотарин ва сарчашмаи саодат ба ҳисоб меравад.
Эмомалӣ Раҳмон

ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ

ИФТИТОҲИ ТАЪЛИМГОҲИ НАВ



2 сентябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бинои нави муассисаи таълимии ғайридавлатии таҳсилоти миёнаи умумии «Имкон»-ро барои 800 хонанда дар кӯчаи Аҳрории шаҳри Душанбе мавриди истифода қарор доданд.

Иншооти нав бо мақсади фароҳам овардани шароити арзандаи таълиму тарбия аз ҷониби бародарони соҳибкор Валиҷон, Пиран ва Пайрав Ахмедовҳо бунёд шудааст.

Зимни шиносоӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар тарҳрезӣ ва сохтмони бино ба сифати корҳо ва истифодаи маблағи сарфакорона ва самаранок аз ҷониби бародарони соҳибкор Валиҷон, Пиран ва Пайрав Ахмедовҳо таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир шудааст.

Сохтмони ин муассисаи муосири таълимӣ бо риояи талаботи меъёрҳои муосири шаҳрсозӣ анҷом дода шудааст. Дар раванди бунёди иншоот 80 сокини маҳаллӣ бо кори муваққатӣ таъмин гардиданд.

Муассиса дорои 59 синфхонаи таълимӣ ва як қатор ҳуҷраҳои ёрирасон мебошад. Дар синфхонаҳои муассиса барои омӯзиши фанҳои гуногун, аз ҷумла, технологияҳои иттилоотӣ, касбу ҳунар, биология, физика, санъати тасвирӣ ва забонҳои хориҷӣ заминаи зарурии моддию техникӣ фароҳам оварда шудааст. Ҳар як кабинети фаннӣ бо назардошти хусусияти таълимӣ ва талаботи барномаи таълимӣ муҷаҳҳаз карда шудааст.

Дар муассисаи таълимӣ ҳоло 34 омӯзгор, ки 90 фоизи онҳоро бонувон ташкил медиҳад, ба фаъолияти касбӣ машғул буда, раванди таълим асосан бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шудааст. Оянда дар ин ҷо таълими забони чинӣ ҳам ба роҳ монда мешавад. Ин равиш ба хонандагон имконият медиҳад, ки дар баробари гирифтани дониши муосир, малакаи муошират бо забонҳои хориҷиро низ такмил диҳанд.

Муассиса, ҳамчунин, дорои ошхона бо 290 ҷойи нишаст, толори варзишӣ, ду ҳавзи шиновариӣ барои писарону духтарон, толори маҷлис бо 180 ҷойи нишаст, боғи зимистона ва толори тирпарронӣ барои гузаронидани машғулиятҳои омодагии ибтидоии ҳарбӣ мебошад.

Толори варзишӣ бо таҷҳизоти зарурӣ барои баргузории машғулиятҳои гуногуни варзишӣ пешбинӣ шуда, ба хонандагон имконият медиҳад, ки дар шароити муносиб ба тарбияи ҷисмонӣ машғул шаванд ва маҳорати варзишии худро такмил диҳанд.

Ҳавзҳои шиноварӣ бо назардошти талаботи муосир бунёд гардида, барои писарону духтарон алоҳида пешбинӣ шудаанд ва муҳити муносиб барои омӯзиши шиноварӣ, обутоби ҷисмонӣ ва беҳсозии саломатии хонандагон фароҳам меоранд.

Толори барҳавои маҷлис бо 180 ҷойи нишаст барои баргузории чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ, маҳфилҳои таълимӣ ва ҷамъомадҳои гуногун пешбинӣ шуда, толори тирпарронӣ низ бо таҷҳизоти зарурӣ барои гузаронидани машғулиятҳои ҳарбӣ имконияти хуб фароҳам месозад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки фароҳам овардани шароити муосири таълиму тарбия ва баланд бардоштани сифати таҳсилот аз самтҳои муҳимтарини сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад.

Омӯзгорон ба истифодаи самараноки имкониятҳои омодашуда, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва тарбияи насли соҳибмаърифату ватандӯст ҳидоят карда шуданд.

Мулоқот бо 151 ятим ва тақдими туҳфаҳо ба онҳо

2 сентябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт Маркази хизматрасонии «Аҳмадҷон»-ро мавриди истифода қарор доданд.

Зимни муаррифӣ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки иншооти мазкур бо саҳми соҳибкори ватанӣ Мустафо Атобуллоев дар масоҳати умумии 11 ҳазор метри мураббаъ бунёд ёфта, барои фароҳам овардани шароити мусоиди хизматрасонӣ, тиҷоратӣ ва фароғатӣ ба сокинону меҳмонони пойтахт пешбинӣ шудааст.

Маркази хизматрасонии «Аҳмадҷон» аз маҷмуи биноҳои се ва чорошёна иборат буда, дар он се ошхона, маркази савдо, тарабхона бо 150 ҷойи нишаст, маркази дилхушии кӯдакон, меҳмонхона бо 18 ҳуҷра, 12 ҳуҷраи корӣ ва маҷлисгоҳ ҷойгир шудаанд.

Ҳамчунин, дар маҷмаа таваққуфгоҳи замонавӣ бо шароити зарурӣ, майдони саққобозӣ (билярд), толори машқҳои варзишӣ ва фароғатӣ мавҷуд буда, дар он барои истироҳату дилхушии сокинону меҳмонон имкониятҳои мусоид фароҳам оварда шудааст.

Дар болои бино панелҳои офтобӣ насб гардидаанд, ки қисме аз эҳтиёҷоти онро бо неруи барқ таъмин менамоянд.

Баробари ба истифода додани марказ, дар маҷмуъ, 250 нафар бо кори доимӣ таъмин хоҳанд шуд.

Ба истифода додани чунин иншооти муосири хизматрасонӣ дар пойтахт ба рушди соҳибкории ватанӣ, фароҳамсозии ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва боз ҳам ободу зебо гардондани муҳити шаҳр мусоидат менамояд.

Дар идомаи боздид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо 151 ятим мулоқот намуда, ба онҳо туҳфаҳои идона тақдим карданд.

Таваҷҷуҳи пайваста ба қишрҳои ниёзманди ҷомеа, бахусус ятимону бепарасторон, яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, иқдоми мазкур идомаи тадбирҳои хайру савоб дар самти дастгирии кӯдакону наврасон ва фароҳам овардани шароити муносиб барои зиндагиву таҳсили онҳо мебошад.

Ёдовар мешавем, ки ин иншооти зебои муосир дар соҳили чапи рӯди Душанбе дар доираи навсозии васеи кӯчаи Абдулаҳад Қаҳҳорови пойтахт бунёд ёфта, ба симои ин мавзеъ, ки ба макони истироҳату фароғат ва сайру гашти сокинону меҳмонони Душанбешаҳри нозанин бояд табдил ёбад, ҳусни дилкаш зам намудааст. Ҳамчунин, ҷойи зикр аст, ки 13 марти соли 2023 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои навсозии васеи кӯчаи Абдулаҳад Қаҳҳорови пойтахт санги асос гузошта буданд.

Инак маркази наву муосири хизматрасонии «Аҳмадҷон» аз ҷумлаи нахустин иншоот мебошад, ки дар ин масир бо тарҳи зебову замонавӣ ба истифода дода шуд.

БОЗДИД АЗ КИТОБХОНАИ ОММАВИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН БА НОМИ ШАМСИДДИН ШОҲИН

4 сентябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Муассисаи давлатии «Китобхонаи оммавии вилояти Хатлон ба номи Шамсиддин Шоҳин»-ро дар шаҳри Бохтар пас аз навсозӣ ва рақамикунонӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Китобхонаи оммавии вилояти Хатлон соли 2011 таъсис ёфта, ба истиқболи ҷашни бошукӯҳи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи эълон гардидани солҳои 2026-2030 ҳамчун «Солҳои фарҳанги китобхонӣ дар вилояти Хатлон» аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят бо маблағи 7 миллион сомонӣ пурра таъмиру навсозӣ гардидааст.

Дар ин маркази бузурги илму фарҳанг зиёда аз 400 ҳазор адабиёт бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, инчунин, дигар асноди иттилоотӣ нигоҳдорӣ мешавад, ки аз ин нишондиҳанда 100 ҳазор нусхаро адабиёти бачагона ташкил медиҳад.

Толору шуъбаҳои китобхона бо технологияи муосир, аз ҷумла, 100 компютер ва планшетҳои ба шабакаи интернет пайваст муҷаҳҳаз гардонида шуда, махзани рақамии китобхона 2 миллион нусха адабиёти гуногунсоҳа ва бадеиро бо имкониятҳои васеи электронӣ ташкил медиҳад.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки китобхона пас аз таъмиру навсозӣ ба маркази муосири инноватсионӣ табдил ёфтааст.

Дар он бо истифода аз имкониятҳои зеҳни сунъӣ ҷустуҷӯи маълумот, тавсияи адабиёт мувофиқи завқу хоҳиши хонанда, таҳлили мундариҷа ва дигар хизматрасонии самаранок тариқи барномаи электронии миллии Китобдор, ки дар ҳамин ҷо таҳия шудааст, ба таври фаврӣ анҷом дода мешавад.

Ин лоиҳаи навоварона бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ гардидааст, ки минбаъд метавонад ҳамчун намунаи таҷрибаи пешқадам барои рушди китобхонаҳои муосир дар дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар истифода шавад.

Дар ин боргоҳи илму маърифат Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фарогирии зиёда аз 5 ҳазор нусха маводи мултимедиавӣ таъсис дода шудааст, ки мақсади асосии он фароҳам овардани фонди алоҳидаи ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ ва асноди марбут ба фаъолияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо кормандони китобхона навсозӣ ва рақамикунонии ин даргоҳи илму донишро шоистаи таҳсин хонда, таъкид намуданд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми 35 соли соҳибистиқлолӣ рушди анъанаи китобдориву китобхониро яке аз самтҳои муҳими сиёсати фарҳангӣ медонад, зеро китоб ганҷинаи тамаддуни инсоният аст.

Дар ин даргоҳи илмомӯзӣ 35 корманд фаъолияти худро ҷиҳати ҷалби аҳли ҷомеа ба китобхонӣ ва баланд бардоштани дониш, хирад ва маърифат равона намудаанд.

Дар ҳамин ҷо, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 7 иншооти таъйиноти гуногунро дар шаҳри Бохтар, ноҳияҳои Кушониён ва Ҷалолиддини Балхӣ ба таври фосилавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки биноҳои нави Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар вилояти Хатлон бо 65 ҷойи корӣ, Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилӣ дар вилояти Хатлон бо ҳайати шахсии иборат аз 1400 нафар, меҳмонхонаи «Аниса» дар маҳаллаи Турсунзода бо 50 кати хоб ва 20 ҷойи корӣ аз ҷумлаи онҳоанд.

Ҳамчунин, бинои маъмурӣ ва таълимӣ-таҷрибавии Коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 74 барои 500 хонанда дар ду баст дар деҳаи Шӯразамини деҳоти Навоии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бо шароити хуби таълиму тарбия ва технологияву синфхонаҳои фаннӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Дар доираи татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корхонаи асфалту бетонро бо иқтидори 2500 тонна дар як рӯз ва бо 20 ҷойи корӣ дар шаҳраки Бохтариён ва корхонаи истеҳсоли хокаи махсус барои асфалтро бо иқтидори 240 тонна дар як рӯз ва бо 15 ҷойи корӣ дар ноҳияи Кушониён ба таври фосилавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдомҳои созандаи соҳибкоронро амали ватандӯстонаю намунавӣ арзёбӣ намуда, таъкид доштанд, ки ба сифати маҳсулот таваҷҷуҳи ҷиддӣ бояд зоҳир карда шавад ва дар оянда доираи фаъолияти корхонаҳо васеъ ва ҷойҳои корӣ афзун гардад.

Китоби «Эмомалӣ Раҳмон – муаррифгари таърихи ниёгон ва тамаддуни навини тоҷикон» ба нашр расид.

ТАНТАНАИ ИДОНА

ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ПАРАДИ ҲАРБӢ

7 сентябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар майдони Истиқлоли пойтахт дар Паради ҳарбӣ ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Нахуст Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кулли мардуми Тоҷикистон, афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, собиқадорони хизмати ҳарбӣ ва ҳамаи иштирокдорони паради ҳарбиро ба ифтихори ҷашни бузургу муқаддаси миллӣ самимона табрик гуфтанд.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон дар зарфи 35 соли соҳибистиқлолӣ роҳи басо сахту сангинро тай намуд ва аз санҷишҳои сахти таърих гузашт. Хусусан, солҳои аввали соҳибихтиёрӣ барои кишвари мо давраи бисёр мураккаб буданд.

Гуфта шуд, ки дар он рӯзҳои вазнин масъалаҳои барқарорсозии сохти конститутсионӣ, таъмин намудани сулҳу оромӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, волоияти қонун ва ваҳдати миллӣ ба вазифаи тақдирсоз табдил ёфта буданд.

Ба таъкиди Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, мардуми тоҷик ва фарзандони огоҳу бонангу номуси он, бо вуҷуди ҳамаи мушкилот, ба шарофати хиради миллӣ ва эҳсоси баланди масъулият тавонистанд давлати миллии худро аз нобудӣ ва миллати тоҷикро аз парокандагӣ ҳифз намоянд, суботи сиёсиро таъмин созанд ва барои рушди устувори кишвар заминаи боэътимод гузоранд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар амалӣ кардани ин вазифаи таърихӣ ва рисолати сарнавиштсоз нақши барҷастаи хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба хотири ҳимояи сохти конститутсионӣ, амнияти давлат, оромии мардум ва пойдории қонуният махсус таъкид намуданд.



Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба шароити бисёр мураккабу ҳассоси ҷаҳони муосир аз хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳисси масъулияти баландро тақозо намуданд.

Таъкид гардид, ки риояи қонун, талаботи ойинномаҳои ҳарбӣ, мунтазам баланд бардоштани сатҳи касбият, масъулиятшиносӣ, садоқат ба Ватан, давлат ва мардуми Тоҷикистон вазифаи муҳимтарину муқаддаси ҳар як афсар ва сарбоз мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин паради ҳарбиро рамзи интизому омодагии баланд ва садоқату вафодории фарзандони далеру шуҷои Тоҷикистон ба давлат, Ватан ва мардуми кишвар маънидод намуданд.

Дар фароварди сухан муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори бовар намуданд, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, яъне фарзандони содиқу вафодори мардуми Тоҷикистон минбаъд низ вазифаҳои худро содиқона, бо масъулияти баланд ва эҳсоси гарми ватандӯстӣ иҷро хоҳанд кард.

Баҳри иштирок дар Паради ҳарбӣ ба муносибати 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, афсарону сарбозони ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, ҳайати шахсии сохторҳои қудратӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар, сарбозони ҳайати захираҳои сафарбарӣ, занону бонувони низомӣ, собиқадорони сохторҳои қудратӣ, ҷанговарони башардӯст ва дигар қисму воҳидҳои ҳарбии гарнизони Душанбе бо фарогирии беш аз 27 ҳазор нафар, бо руҳияи ифтихор аз давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, садоқат ба халқу Ватан ва эҳтирому арҷгузорӣ ба давлату миллат дар майдони Истиқлоли пойтахт саф ороста буданд.

Ҳайати шахсии иштирокдори ин гузашти тантанавори ҳарбӣ бо арзи эҳтиром ва тибқи қоидаҳои низомӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро гарму самимӣ пази-роӣ намуданд.

Аз омодагии ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ дар гарнизони Душанбе ва иштироки онҳо дар ин гузашти низомӣ вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковник Собирзода Эмомалӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузориш дод.

Сарвари давлат ҳозиринро ба муносибати 35-умин солгарди ҷашни бузурги Истиқлоли давлатӣ самимона шодбош гуфтанд.

Гузашти низомӣ бо амри фармондеҳи Паради ҳарбӣ, сардори гарнизони Душанбе генерал-майор Шокирзода Ҳусейн оғоз гардид.

Дар оғози гузашти низомии ин Паради бузурги ҳарбӣ дар таърихи давлатдории мустақили миллӣ, парчамбардорони ротаи қаровули фахрии Вазорати мудофиа бо эҳсоси баланди ифтихори миллӣ ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти давлатӣ ба майдони Паради ҳарбӣ рамзи соҳибистиқлолии кишвари азизамон – Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ворид намуданд.

Ёдовар мешавем, ки эҳтиром ба Парчами давлатӣ аз Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ, ҳангоми қабул гардидани он ва бо эҳтироми хоса арҷ гузоштани Пешвои миллат ба ин муқаддасоти давлатӣ оғоз гардидааст. Он ифодагари таърихи пуршараф, имрӯзу фардои дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлол буда, дар қалби ҳар як шаҳрванди ватандӯст эҳсоси ифтихор, масъулият ва садоқат ба Ватанро бедор менамояд.

Сипас зери навои мусиқии тантанавии оркестри муттаҳидаи ҳарбӣ ва бо роҳбаладии парчамбардорон гузашти мутантани низомӣ оғоз ёфт. Қадамҳои далеронаву ҷасуронаи афсарону сарбозон, маҳорати баланди сафороиву қадамзанӣ ва омодагии ҳайати шахсии ҷузъу томҳои иштирокдор дар майдони гузашти низомӣ аз сатҳи баланди омодагии касбӣ ва садоқати онҳо ба савганди ҳарбӣ шаҳодат медиҳад.

Паради ҳарбӣ, ки бо тантанаву шукуҳи хоси ҷашнӣ ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатӣ доир карда шуд, он таҷассумгари эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, садоқату самимияти низомиёни мо ба марзу буми аҷдодӣ, дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии Ватани маҳбубамон ва арҷгузорӣ ба хизматҳои шостаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Ин чорабинии пуршукуҳ бори дигар нишон дод, ки ҳифзи дастовардҳои истиқлол, таҳкими сулҳу Ваҳдати миллӣ ва таъмини амнияти давлату ҷомеа аз вазифаҳои муқаддаси ҳар як хизматчии ҳарбӣ ва корманди мақомоти қудратӣ ба шумор меравад.

Дар чорабинии муҳимими сиёсии гузашти Паради ҳарбӣ роҳбарони сохторҳои қудративу мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар, намояндагони корпуси дипломатӣ, аҳли зиё ва фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок намуданд.

Ташкил ва дар сатҳи баланди омодагии низомӣ доир намудани Паради ҳарбӣ ба шарафи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ боз ҳам собит месозад, ки хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони сохторҳои қудратӣ, ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва ҳар як фарди худогоҳу хештаншиноси ҷомеа барои ҳимоя аз Ватан, ҳифзи суботу оромии кишвар, дастовардҳои Истиқлолият ва таъмини ҳаёти осоиштаи мардум дар ин сарзамини биҳиштманзар доимо омода мебошанд. Онҳо, савганди садоқату вафодории хешро ҳамеша ба халқу Ватан ва Пешвои миллат пос медоранд.

Ҳамоиши илмии Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд»

7 сентябр дар Кохи Ваҳдати пойтахт таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – Пайванд, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамоиши илмии Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон таҳти унвони «Тоҷикистони соҳибистиқлол – пайвандгари тамаддуни ориёӣ» баргузор гардид.

Дар кори ҳамоиши илмӣ дар баробари олимону муҳаққиқони ватанӣ, инчунин, зиёда аз 230 меҳмон аз 27 кишвари дунё ширкат доранд.

Ҳамоиши илмии «Тоҷикистони соҳибистиқлол – пайвандгари тамаддуни ориёӣ»-ро президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт ифтитоҳ намуда, суханро ба Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дод.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст ҳамаи иштирокдорони ҳамоишро ба муносибати ҷашни фархундаи 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуда, меҳмонон - донишмандон, олимон, аҳли ҳунар, аъзои фаъоли Анҷумани «Пайванд»-ро ба Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол – хонаи умеди тамоми тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон хайрамақдам гуфтанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки Анҷумани байналмилалии «Пайванд» падидаи беназири даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон аст, ки тайи ин солҳо ба майдони паҳновари ҳамоиши тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон табдил ёфт.

Гуфта шуд, ки иштироки фаъоли меҳмононӣ гиромӣ дар ҷашни истиқлоли тоҷикон нишонаи равшани арҷгузорӣ ба забону фарҳанг, таъриху тамаддун ва арзишҳои муштараки маънавии мардумони форсизабон мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми тоҷикони бурунмарзӣ ва форсизабононро дар муаррифии Тоҷикистони соҳибистиқлол, дастовардҳо ва густариши эътибору обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ шоиста арзёбӣ намуданд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзои анҷуман муроҷиат карда, таъкид доштанд, ки мо бояд на танҳо ворисони ин тамаддуни бузург бошем, балки онро бо шаклу мазмуни нави мутобиқ ба руҳи замони муосир ва бо дастовардҳои нави илмӣ ғанӣ гардонем.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки тамаддуни ориёӣ аслу решаи мост ва ояндаи мо ба он вобаста аст, ки мо то чӣ андоза ин аслро дар ҷаҳоншиносии зеҳниву миллии худ ҳифз хоҳем кард.

Президенти кишвар таъкид доштанд, ки тоҷикон бояд дар даҳсолаҳои оянда на танҳо ҳамчун миллати дорои гузаштаи пурифтихор, балки ба сифати ҷомеаи пешоҳангу созанда, бо истеъдоду қобилияти тавлиди дониш, технология, фарҳанги муосир ва дипломатияи таъсиргузор шинохта шаванд.

Зимни суханронӣ дар анҷуман муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, дар бораи дар даврони соҳибистиқлолӣ эҳё намудани суннатҳои миллӣ ва бостонӣ, аз қабили Наврӯз, Сада, Меҳргон ва Тиргон андешаронӣ намуданд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳифзу гиромидошт ва дурнамои густариши забонро вазифаи меҳварии фаъолияти Анҷумани «Пайванд» унвон карданд.

Сарвари давлат хизмати мардумони ориёинажодро хотиррасон сохта, аз корномаи Куруши Бузург – бунёдгузори нахустин империя дар таърих ва муаллифи аввалин Эъломияи ҳуқуқи башар ҳамчун намунаи адолатгустарӣ ва таҳаммулгароӣ ёдовар шуданд.

Таъкид шуд, ки рисолати худ мешуморем, то паёми сулҳ, гуфтугӯи тамаддунҳо, ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммул ва масъулияти муштаракро ба наслҳо ва ҷомеаҳо расонем.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қаноатмандӣ дар бораи Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон намудани «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда», ки чанде пеш бо ташаббуси Тоҷикистон қабул гардид, суханронӣ намуданд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки бигзор, аз ҷаласаи имрӯза паёми равшан ба ҷаҳон ва ҷомеаи мо садо диҳад: тоҷикон миллати сулҳу сулҳофаранд, миллати тамкину таҳаммуланд, миллати фарҳангӣ ва созандаву бунёдкоранд.

Дар фароварди сухан Пешвои миллат таъкид намуданд, ки Тоҷикистон дар даҳсолаҳои оянда бояд на танҳо кишвари суботу оромӣ ва ободониву бунёдкориҳо, балки маркази андешаҳои созанда, фарҳанги зинда, ташаббусҳои байналмилалӣ ва ҳамгироии ҳамзабонон гардад.

Пас аз суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як гуруҳ иштирокдорони ҳамоиш сухан карда, ба нақши анҷуман дар ваҳдати мардумони тоҷику форс ва саҳми муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун раиси ин анҷуман дар эҳёи арзишҳои миллӣ, тамаддуни ориёӣ ва муаррифии дастовардҳои илмию фарҳангии ниёгон, баҳои баланд доданд.

Аз ҷумла, Алиризои Қиёматӣ, ки дар миёни тамоми мардумони фарҳангдӯст ҳамчун устоди Донишгоҳи Машҳад ва яке аз донишмандон ва пажуҳишгарони барҷастаи «Шоҳнома» шинохта шудааст ва доктор Муҳиддин Маҳдӣ - собиқ намояндаи мардум дар Маҷлиси намояндагони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, пажуҳишгари тавоно дар риштаҳои таърих, забоншиносӣ, адабиёт ва таърихи сиёсии Афғонистон дар кори ҳамоиш андешаронӣ намуданд.

Суханварони ҳамоиш пешравиҳои ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва илмию фарҳангии Тоҷикистонро натиҷаи талошҳои бурдборонаи халқи шарафманду покниҳоди тоҷик бо сарвории Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзёбӣ намуданд.

Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шаҳри Лондон бошукӯҳ таҷлил намуданд.

Қарзи инсонӣ ва вазифаи шаҳрвандии мост, ки ҳамеша шукронаи ин неъмати бебаҳо-истиқлолро ба ҷо оварем ва онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем.
Эмомалӣ Раҳмон

КАЛОМИ ПЕШВО

ИЛМ, МАОРИФ ВА НАВОВАРӢ – ПОЯҲОИ

Суханронии Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамоиши илмии Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд»

07.09.2026, шаҳри Душанбе



Меҳмонони арҷманди Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд»!

Муҳтарам аҳли зиёи мамлакат ва ҳозирини гиромӣ!

Сию панҷ сол пеш мардуми куҳанбунёду соҳибфарҳанги тоҷик ба дастоварди муқаддаси таърихӣ – Истиқлоли давлатӣ ноил гардиданд.

Дар ин муддати начандон тӯлонӣ дар кишвари мо, дар радифи дастовардҳои назаррасӣ сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимову фарҳангӣ, ба хотири ҳифзи арзишҳои милливу таърихӣ, мондагории онҳо ва таҳкими робита бо тоҷикону форсизабонони дунё Анҷумани «Пайванд» таъсис дода шуд.

Анҷумани байналмилалии «Пайванд» падидаи беназири даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон аст, ки тайи ин солҳо ба майдони паҳновари ҳамоиши тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон табдил ёфт.

Бо камоли сарфарозӣ мехоҳам хотирнишон намоям, ки ҳамоиши илмии имрӯзаи мо таҳти унвони «Тоҷикистони соҳибистиқлол – пайвандгари тамаддуни ориёӣ» ба ифтихори ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Ба ин муносибат, ҳамаи шумо, меҳмононро арҷмандро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон – хонаи умеди тоҷикони ҷаҳон хайрамақдам мегӯям.

Ҳамчунин, ҷашни 35-умин солгарди истиқлолу озодии Тоҷикистонро ба ҳар яки шумо самимона табрик гуфта, бароятон саломативу комёбиҳои рӯзафзун орзу менамоям.

Иштироки фаъоли шумо – меҳмононӣ гиромӣ дар ҷашни истиқлоли тоҷикон нишонаи равшани арҷгузорӣ ба забону фарҳанг, таъриху тамаддун ва арзишҳои муштараки маънавии мардумони форсизабон мебошад.

Дар замоне, ки ҷаҳони муосир ба раванди пуршиддати рақобати ҳувиятҳо, забонҳо, арзишҳо ва манфиатҳо ворид гардидааст, барои мо – мардумони форсизабон иттиҳоду ҳамбастагии маънавӣ ва фарҳангӣ аҳаммияти бузург дорад.

Дар чунин шароит Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд» дар ҷодаи сомон додани рисолати таърихӣ – ҳифзи арзишҳои тамаддуни ориёӣ неруи муттаҳидсози маънавию фарҳангӣ маҳсуб мешавад.

Ҳанӯз 8-уми сентябри соли 1993 хотирнишон карда будам, ки ҳадафи асосии анҷумани мо эҷод ва истиқрори муносибатҳои таърихӣ ва вусъат додани робитаҳои илмиву фарҳангии мардумони форсизабон аст.

Бо қаноатмандӣ метавон гуфт, ки то имрӯз дар ин самт ташаббусҳои зиёд рӯйи кор омадаанд.

Шумо – тоҷикони бурунмарзӣ ва форсизабонон, ки сафирони фарҳанг ва тамаддуни ориёӣ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон ҳастед, дар муаррифии Тоҷикистони соҳибистиқлол, дастовардҳо ва густариши эътибору обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ саҳми шоиста мегузоред.

Маҳз тавассути талошҳои пайгиронаи шумо садои Тоҷикистон бо садои ҳамватанони бурунмарзӣ, яъне, тоҷикону форсизабонони ҷаҳон ҳамнаво мегардад.

Дар ҳар кучо, ки забони тоҷикии форсӣ садо медиҳад, дар ҳар кучо, ки шеъри Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Камол, Бедил, Айнӣ ва Турсунзода вирди забонҳост, он ҷо руҳи бузургони мо зинда ва қаламрави форсизабонон поянда аст.

Мехоҳам таъкид созам, ки мо дар остонаи ҷашни муқаддаси истиқлол ба марҳалаи нави фаъолияти Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд» оғоз мебахшем.

Марҳалае, ки аз ҳамаи мо – давлат, аҳли зиёи мамлакат, ҳамватанони бурунмарзӣ ва тоҷикону форсизабонон ибтикороти судманду муназзам ва талошҳои мунтазамро тақозо менамояд.

Ин ҳамоиш бояд оғози ташаббусҳои фарогир дар самти тақвияти бештари фаъолият, роҳандозии ҳамкориҳои пайваста ва нисбат ба давраҳои қаблӣ самарабахш гардад.

Ҳозирини гиромӣ!

Қобили зикр аст, ки баргузории ҳамоишҳои илмӣ яке аз самтҳои умдаи фаъолияти Анҷумани «Пайванд» ба шумор меравад.

Аъзои Шуро ва Кумитаи иҷроияи Анҷумани «Пайванд» дар омодасозӣ ва баргузории ҳамоишҳои илмиву фарҳангӣ, аз ҷумла, 1150-солагии падари адабиёти классикии тоҷику форс устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 680-солагии орифи бузурги Машриқзамин Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 1400-солагии Борбади Марвазӣ, ҳазораи «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, 700-солагии Ҳофизи Шерозӣ, 675-солагии Камоли Хуҷандӣ, 600-солагии Абдурраҳмони Ҷомӣ ва 960-солагии ҳаким Умари Хайём саҳми арзишманд гузоштанд.

Саҳми онҳо дар баргузории ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён, ҳамоишҳои байналмилалии «Авасто ва тамаддуни ҷаҳонӣ», «Саҳми тоҷикон ва форсизабонон дар тамаддуни ҷаҳон: дирӯз ва имрӯз», 2700-солагии шаҳри Кӯлоб ва бузургдошти «Соли тамаддуни ориёӣ» низ қобили ёдоварӣ ва таҳсин аст.

Дӯстони арҷманд!

Дар асри рақобатҳои шадиди ҷаҳонӣ тақдири миллатҳо, пеш аз ҳама, ба неруи ақлу хирад, сатҳи дониш, сифати илму маориф ва қобилияти навоварии онҳо вобаставу пайваста мебошад.

Тоҷикон ҳамчун меросбарони асили тамаддуни ориёӣ дар шебу фарозҳои таърихи тӯлонии худ ҳамеша ҷӯёи илму маърифат ва офарандаву посдорандаи ин сарвати бузурги маънавӣ буданд.

Ҳамчунин, бояд гуфт, ки таърихи тамаддуни ориёӣ ойинаи тамомнамои худшиносии миллӣ ва мактаби бузурги инсондӯстиву инсонпарварист, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо бо неруи ақлу хирад, адолату фарҳанг ва эҷодкориву навоварии фарзандони донишманду ҷаҳоншумули худ ҳаёти ҷовидон ёфтааст.

Ин тамаддун дар раванди рушду нумуи худ марҳалаҳои дурахшони таърихиро аз тариқи ҳифзи арзишҳои мондагори гузаштагон тай намуда, на танҳо ҳикмати меросӣ ва ҷаҳони маънавии хешро ғанӣ гардонидааст, балки ба дигар тамаддунҳо низ таъсири чашмрас расонидааст.

Дар шароити пуртазоди ҷаҳони муосир, ки рақобату бархӯрди арзишҳо ва тамаддунҳо бо шиддат меафзояд, ҳифз ва тарғиби ин мероси гаронбаҳо аҳаммияти махсус касб менамояд.

Мо бояд на танҳо ворисони ин тамаддуни бузург бошем, балки онро бо шаклу мазмуни нави мутобиқ ба руҳи замони муосир ва бо дастовардҳои нави илмӣ ғанӣ гардонем.

Тамаддун танҳо хотираву ёдгории гузашта нест, балки неруи ҳаракаткунанда ва зиндаест, ки ояндаро месозад.

Ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ, рушди илму маърифат, тарбияи наслҳои худогоҳу ватандӯст ва муаррифии шоистаи ин мероси бебаҳо дар арсаи байналмилалӣ қарзи мо дар назди тамаддуни аҷдодист.

Танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем пайванди гузаштаро бо имрӯз ва фардои дурахшони миллати худ устувор гардонем.

Тамаддуни ориёӣ аслу решаи мост ва ояндаи мо ба он вобаста аст, ки мо то чӣ андоза ин аслро дар ҷаҳоншиносии зеҳниву миллии худ ҳифз хоҳем кард.

Маҳз ҳамин асл ва мероси таърихӣ буд, ки баъдан дар сатрсатри осори бузургон, аз ҷумла, дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ бозтоби шоиста ёфтааст ва то имрӯз ҳамчун кохи бегазанди ифтихори миллӣ боқӣ мондааст.

Ҳамчунин, зикр бояд кард, ки дар шароити ҳассосу нооромии ҷаҳони муосир ин арзишҳо метавонанд барои муколамаи фарҳангҳо, пешгирӣ аз ихтилофу низоъҳо ва рушди ҷомеаи башарӣ василаи неруманд бошанд.

Маҳз ба ҳамин хотир, ҳифзу посдории ин арзишҳо на танҳо вазифаи муқаддаси як миллат, балки тамоми башарият аст.

Аз ин лиҳоз, дар Паёми навбатии Роҳбари давлат дастур дода шуд, ки дар шаҳри Душанбе бунёди Конуни тамаддуни ориёӣ ва Маркази байналмилалии Наврӯз ба нақша гирифта шавад.

Бунёди Конуни тамаддуни ориёӣ, бо дарназардошти аҳаммияти ҳифз ва омӯзиши мероси таърихиву фарҳангии халқҳои ориёӣ, инчунин, нақши калидии тоҷикон дар ташаккул ва рушди тамаддунҳои бостонии Осиёи Марказӣ хеле муҳим аст.

Конуни тамаддуни ориёӣ маркази зиндаи фарҳангӣ, илмӣ ва маърифатӣ хоҳад буд, ки таърихи мардумони ориёиро чун ойинаи як тамаддуни созанда, эҷодгар ва таъсиргузор ба ҷаҳони бостон муаррифӣ хоҳад кард.

Илова ба бунёди Конуни тамаддуни ориёӣ, ҳамчунин, ба масъулони маорифи кишвар супориш додем, ки барои такмили омӯзиши алифбои ниёгон чораҳои зарурӣ андешида, таълими онро дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар ба роҳ монанд.

Мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки андешаву мероси гаронбаҳо ва арзишманди ниёгонамон маҳз бо ҳамин хат иншо ва ба ҷаҳониён муаррифӣ гардидааст.

Маркази байналмилалии Наврӯз низ дар шаҳри Душанбе метавонад ба ниҳоди нодири фарҳанги ҷаҳонӣ табдил ёбад, ки дар он Наврӯз на ҳамчун ҷашни як рӯзу як фасл, балки чун фалсафаи ҷовидонаи зиндагӣ, сулҳ ва эҳё бо таҷдиди мақоми таърихиву фарҳангии он дар хизмати ҳадафҳои маънавии ҷаҳони муосир гузошта шавад.

Ин марказ саҳми арзишмандии Тоҷикистон дар ҳифзи мероси фарҳангии инсоният, гуфтугӯи тамаддунҳо ва таҳкими мақоми меҳварии кишвар ҳамчун маркази тамаддуни Наврӯз хоҳад буд.

Ҳозирини гиромӣ!

Ҳар гоҳе, ки мо аз истиқлоли давлатӣ сухан мегӯем, бояд бо эҳсоси масъулият айёмеро низ ба ёд оварем, ки миллати тоҷик рӯзҳои сахту сангини таърихро аз сар гузаронид.

Маҳз дар гирдоби ҳамин душвориҳо иродаи миллат пухта шуд ва арзиши давлат, сулҳ ва ваҳдату ҳамбастагии миллӣ бо тамоми вуҷудамон эҳсос гардид.

Мо набояд фаромӯш созем, ки маҳз дар солҳои нахустини истиқлол масъалаҳои забон, таърих, фарҳанг, расму ойинҳои миллӣ, ном, рамзҳои давлатӣ, мероси маънавӣ ва сарҷамъиву пайванди ҳамватанон ба мавзуъҳои марказии худшиносии миллӣ табдил ёфтанд.

Миллати тоҷик дарк намуд, ки барои ҳифзи давлати ҷавон танҳо неруи идорӣ кофӣ нест, балки зарур аст, ки афроди ҷомеа худро ба як сарнавишт мансуб донанд, ба як хотира такя кунанд ва ба як ояндаи муштарак эътиқоду бовар дошта бошанд.

Имрӯз, вақте ки мо дар остонаи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ қарор дорем, он солҳоро на барои нохун задан ба захмҳои куҳан, балки барои истеҳкоми асосҳои шуури таърихии ҷомеа ёд мекунем.

Зеро миллате, ки гузаштаи хешро огоҳона ва ба дурустӣ намешиносад, қадру қимати суботу оромӣ ва амнияти имрӯзи худро низ дарк нахоҳад кард.

Ҷомеае, ки аслу моҳияти давлат ва истиқлолу озодиро дарк накардааст, наметавонад барои фардои худ масъул бошад.

Ҷашни 35-солагӣ барои мо танҳо рӯзи хотира нест, он, воқеан, саҳифаи тозаи таърихи миллати тоҷик ва марҳалаи нави рушди давлати тоҷикон мебошад.

Тоҷикон бояд дар даҳсолаҳои оянда на танҳо ҳамчун миллати дорои гузаштаи пурифтихор, балки ба сифати ҷомеаи пешоҳангу созанда, бо истеъдоду қобилияти тавлиди дониш, технология, фарҳанги муосир ва дипломатияи муассир шинохта шаванд.

Дар ин ҷода Анҷумани «Пайванд» метавонад ба маркази ҳамоҳангсози неруҳои зеҳнӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии тоҷикон дар саросари ҷаҳон мубаддал гардад.

Аз ин ҷост, ки мо ҷаласаи имрӯзаро ҳамчун як рӯйдоди хеле муҳим ва марҳалаи нави талошу масъулият арзёбӣ мекунем.

Ҳозирини гиромӣ!

Махсус таъкид менамоям, ки дар тӯли 35 соли Истиқлоли давлатӣ мо барои эҳёи хотираи таърихӣ, таҳкими худшиносии миллӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои асили тамаддуни тоҷикону форсизабонон силсилаи иқдомоти муассирро амалӣ намудем.

Дар ин давра давлат ва ҷомеа барои эҳёи суннатҳое тасмим гирифтанд, ки дар тӯли даҳсолаҳо ниёз ба ҳифзу пуштибонӣ доштанд.

Мо Наврӯзро ба сифати ҷашни бузурги таърихиву миллӣ ва байналмилалӣ бо шукӯҳу шаҳомати нав эҳё кардем ва густариш бахшидем.

Суннатҳои бостонии Сада, Меҳргон ва Тиргонро дар фазои зиндагии маънавии ҷомеа умри дубора бахшидем.

Расму ойинҳои мардумиро аз нав ба саҳнаи ҳаёти фарҳангӣ бароварда, ҷиҳати пайванд додани наслҳо бо решаҳои тамаддуни худ шароити муносиб фароҳам овардем.

Дар замони соҳибистиқлолӣ мо таҷлили ҷашнвораҳои бузурги милливу фарҳангӣ ва гиромидошти шахсиятҳои оламшумули илму адаби тоҷику форсро ба як самти муҳимми сиёсати фарҳангии давлат табдил додем.

Мо бо ин ибтикороти худ ба ҷомеа ва ҷаҳониён паём додем, ки тоҷикон ҳамчун миллати фарҳангӣ соҳиби таърихи қадим, тафаккури созанда, анъанаҳои пурғановати илмиву фарҳангӣ ва адабиву мардумӣ мебошанд.

Мо исбот намудем, ки миллати тоҷик ҳамчун рукни фаъол ва ҷудоинопазири ҷаҳони муосир ба захираи маънавии башарият ганҷинаи пурқимати илму маърифатро ҳадя намудааст ва минбаъд низ чунин рисолати инсондӯстонаро пайгирӣ хоҳад кард.

Ҳозирини муҳтарам!

Эҳёи таърихи миллат ва бозшинохти мероси маънавӣ дастоварди арзишманд ва шаҳсутуни ҳувиятсози даврони истиқлол аст.

Дар замони соҳибистиқлолии кишвар осори гаронбаҳои таърихиву адабӣ бо теъдоди зиёд чоп ва дар ихтиёри мардум гузошта шуд.

Аз ҷумла, нашри шоҳасари аллома Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон», «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ ва ба ҳар хонадони мардуми Тоҷикистон дастрас кардани онҳо, инчунин, силсилаи «Ахтарони адаб» иқдомест, ки рохро барои мустаҳкам

Дар шаҳри Теҳрон китоби «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ» ба хатти форсӣ ба чоп расид.

УСТУВОРИ ДАВЛАТДОРӢ ВА ИСТИҚЛОЛИ МИЛЛӢ

намудани худогоҳии миллӣ, ифтихори таърихӣ ва пайванди мардуми мо бо мероси безаволи ниёгон ҳамвор хоҳад кард.

Осори ҷовидонаи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, ибни Сино, Носири Хусрав, Хайём, Саъдиву Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Ҷомӣ, Бедил, Аҳмади Дониш, Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Турсунзода ва дигар бузургони илму адабу маърифат барои ҷомеаи мо на танҳо мероси илмиву бадеӣ, балки мактаби маънавият, инсонгароӣ, ватандӯстӣ ва тафаккури созанда мебошанд.

Мо ин ганҷинаи бузургро ба ҳайси сарчашмаи муътабар барои тарбияи наслҳо, таҳкими ваҳдати миллӣ ва робитаҳои маънавӣ бо тоҷикону форсизабонони ҷаҳон дар хизмати ҷомеа қарор додем.

Ҳамзамон бо ин, чанде қабл Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тибро таъсис додем, ки он дорои хазинаи махсус мебошад.

Итминон дорем, ки ин ибтикори мо ҳамчун василаи боэътимоди дипломатияи илмӣ бори дигар Тоҷикистонро ба маркази гуфтугӯйи байналмилалӣ дар бораи мероси илмии башарият табдил хоҳад дод.

Ҳозирини гиромӣ!

Имрӯз мехоҳам масъалаи забонро, ки бунёди ҳастии маънавии миллат мебошад, махсус таъкид намоям.

Забони тоҷикӣ барои мо рукни бунёдиву пояндаи давлатдорӣ, хазинаи тафаккури миллӣ, ойинаи фарҳанг ва пули устувору побарҷои пайванди наслҳо ва ҳамзабонон дар саросари ҷаҳон мебошад.

Забони тоҷикӣ бо тамоми ғановати таърихӣ ва адабии худ моро ба гузаштаи чандинҳазорсола ва қаламрави пурвусъати маънавиёти форсизабонон мепайвандад.

Ҳар саҳифаи адабиёти мо, ҳар зарбулмасалу мақоли халқӣ, ҳар шеъри ноби классикӣ ва ҳар истилоҳи илмии суннатии мо далели барҷастаи он аст, ки тоҷикон дар бунёди асосҳои илму тамаддуни ҷаҳон саҳми бузург гузоштаанд.

Аз ҳамин лиҳоз, масъалаи ҳифзу гиромидошт ва дурнамои густариши забон бояд ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳ ва фаъолияти Анҷумани «Пайванд» қарор дошта бошад.

Мо бояд забонро на танҳо гиромӣ дорем, балки онро ба забони қудратманди илму фановарӣ, технологияҳои муосир ва иқтисоду дипломатия табдил диҳем.

Дар ин раванд, бисёр муҳим аст, ки ҷавонони мо бо ҳамин забон бояд андеша ронанд, таҳлил намоянд, ихтироъ кунанд, барнома нависанд ва дари гуфтугӯро бо ҷаҳон боз кунанд.

Ҳамчунин, тоҷикон дар ҳар гӯшаи дунё, ки умр ба сар мебаранд, бояд барои арҷгузорӣ ба забони модарии худ ва васъати истифодаи он талош намоянд.

Ҳозирини гиромӣ!

Худшиносии миллӣ бидуни хотираи таърихӣ ва дарки ҷойгоҳи ниёгон дар тамаддуни башарӣ неруманду устувор нахоҳад шуд.

Ҳифзи хотираи таърихӣ ва арҷгузорӣ ба он барои мо ҳам масъалаи ифтихор, ҳам масъулият ва ҳам номуси миллист.

Зарур аст, ки мо донишҳои таърихии насли ҷавон, махсусан ҷавонони бурунмарзиро дар самти дарки сарнавишт ва ҳақиқати корномаҳои пешгузаштагони худ беш аз пеш густариш ва тавсеа бахшем.

Онҳо бояд донанд, ки тоҷикият, яъне тоҷик будан маънои мансубият ба як тамаддуни бузург, ба як мероси ҷаҳонсози маънавӣ, ба як маънавияти зебои фарҳангӣ ва як таҷрибаи ибратомӯзи давлатдориро дорад.

Агар ҷавонони мо ин маъноро амиқан дарк кунанд, онҳо дар ҳама ҷо ва ҳамеша бо сари баланд, эътимод ва эҳсоси масъулияти ватандорӣ зиндагӣ хоҳанд кард.

Мо, ҳамчунин, бояд ба таҳқиқ, нашр ва тарғибу тарҷумаи мероси илмиву фарҳангии гузашта такони ҷиддӣ бахшем.

Дастнависҳо, ёдгориҳои хаттӣ, мероси шифоҳӣ, осори мутафаккирон ва таҷрибаи ҳамзистии фарҳангӣ бояд ба барномаи кори доимии ниҳодҳои марбута ворид карда шаванд.

Зимнан, мехоҳам боз як хизмати мардумони ориёинажодро хотиррасон созам: корномаи Куруши Кабир ё Куруши Бузург – бунёдгузори нахустин империя дар таърих ва аввалин Эъломияи ҳуқуқи башар хамчун намунаи адолатгустарӣ ва таҳаммулгароӣ мояи ифтихори ҳар яке аз мову шумо мебошад.

Ҳамватанони азиз!

Дар асри XXI ҷойгоҳи миллат на танҳо бо захираҳои табиӣ, қудрати ҳарбӣ ва ҳатто мавқеи ҷуғрофӣ, балки пеш аз ҳама, бо иқтидори зеҳнии он муайян карда мешавад.

Илму маориф ва навовариву ихтироъкорӣ имрӯз омили асосии рақобатнокӣ, истиқлоли илмӣ ва рушди дарозмуддат мебошад.

Миллати тоҷик, ки аз гузаштаи худ бо номи донишмандони бузург ва мактабҳои машҳури илмӣ ифтихор мекунад, ҳуқуқи маънавӣ дорад ва вазифадор аст, ки дар шароити муосир низ мавқеи худро бо тавлиди дониш ва тарбияи кадрҳои донишманд устувор созад.

Анҷумани «Пайванд» дар ин ҷода метавонад ба яке аз василаҳои муассири муттаҳидсозии неруҳои илмии тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон табдил ёбад.

Мо бояд шабакаи муосири ҳамкориҳои илмиро миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, марказҳои илмиву



таҳқиқотӣ, олимони бурунмарзӣ ва насли ҷавони муҳаққиқон таъсис диҳем.

Ин ҳамкорӣ набояд танҳо бо суханрониҳо дар ҳамоишҳо маҳдуд шавад, он бояд ба як низоми пойдори табодули илмӣ ва донишу таҷриба табдил ёбад.

Зарур аст, ки барномаҳои муштараки таҳқиқотӣ, дарсҳои маҷозӣ, роҳнамоии илмии ҷавонон, лоиҳаҳои муштараки озмоишгоҳӣ, тарҷума ва нашри асарҳои илмӣ, инчунин, табодули таҷриба дар соҳаҳои афзалиятнок – аз технологияҳои рақамӣ то тиб ва аз энергетика то забоншиносӣ ба вуҷуд оварда шаванд.

Ҷавонони мо бояд ба фазое дастрасӣ дошта бошанд, ки дар он қобилияти касби малака, ихтироъкорӣ, соҳибкорӣ ва кор бо донишҳои нав аҳаммият ва талаботи дучанд дорад.

Мутмаинам, ки дар ин ҷода фарзандони болаёқату соҳибистеъдоди мо дар дохил ва хориҷи кишвар қодиранд сарҷамъона ба нафъи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамкорӣ намоянд.

Ҳозирини муҳтарам!

Ҷаҳони муосир, бо вуҷуди пешрафту дастовардҳои худ, ба марҳалаи пуртазоди амниятӣ, сиёсӣ ва фарҳангиву ахлоқӣ ворид шудааст.

Дар чунин шароит рисолати мо, қабл аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки паёми сулҳ, гуфтугӯи тамаддунҳо, ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммул ва масъулияти муштаракро ба наслҳо ва ҷомеаҳо расонем.

Имрӯз ҷаҳон бо таҳдидҳои гуногун рӯ ба рӯст: низоъҳои мусаллаҳона, терроризм, экстремизм, радикализм, бухронҳои иқтисодиву молиявӣ, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он аз ҷумлаи чунин таҳдидҳо мебошанд.

Дар чунин вазъияти пурхушунат масъалаи таъмини сулҳ ва амният танҳо масъулияти давлатҳо нест, балки ҷомеаҳо, созмонҳои мардумӣ, фарҳангӣ ва зиёиён низ дар ин самт масъулият доранд.

Миллати тоҷик, ки қимати сулҳу ваҳдатро бо таҷрибаи талхи худ дарк кардааст, метавонад дар ин ҷода паёми умедбахшу пурмазмун ба ҷаҳониён дошта бошад.

Тасдиқи ин гуфтаҳоро дар Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон намудани «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда», ки чанде пеш бо ташаббуси Тоҷикистон қабул гардид, дармеёбем.

Анҷумани «Пайванд» низ бояд бо забон, фарҳанг ва барномаи худ дар интишори паёми сулҳи ҷаҳонӣ пешсаф бошад.

Сулҳ, дар қадами аввал, аз андешаи неку созанда, сабру таҳаммул ва фарҳанги муколама оғоз мешавад.

Вақте мо ҳамдигарро мешунавем, вақте ба ақидаҳои мухталиф бо таҳаммул менигарем, вақте барои баҳс мавқеъ ва маданияти муносиби ахлоқӣ дорем ва вақте ҳадафи умумро аз эҳсоси гурӯҳӣ боло мегузорем, заминаи устувори сулҳофаринӣ муҳайё мегардад.

Таърих борҳо собит намудааст, ки миллати тоҷик ҳатто дар лаҳзаҳои бисёр ҳассосу тақдирсоз аз роҳи масъулияти сулҳофарӣ ва таҳаммулгароӣ кор гирифта, ба арзишҳои умумиинсонӣ бо андешаи созандаву биниши некбинона эҳтиром гузоштааст.

Бигзор, аз ҷаласаи имрӯза паёми равшан ба ҷаҳон ва ҷомеаи мо садо диҳад: тоҷикон миллати сулҳу сулҳофаранд, миллати тамкину таҳаммуланд, миллати фарҳангӣ ва созандаву бунёдкоранд.

Мо мехоҳем сулҳро бо андешаву гуфтору рафтор, бо ҳамкорӣ ва бо тарбияи насли нави худогоҳу худшинос ҳифз кунем.

Тоҷикистон имрӯз дар арсаи байналмилалӣ на танҳо ҳамчун кишвари дорои таърихи куҳан ва фарҳанги ғанӣ, балки ҳамчун давлати пешкору ташаббускор дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ шинохта шудааст.

Муаррифии чунин ибтикороти пайгиронаи Тоҷикистон дар ҳавзаи ҳамватанони бурунмарзӣ ва дар фазои мардумони форсизабон аз аҳаммияти хос бархурдор аст.

Анҷумани «Пайванд» метавонад дар ин самт низ саҳми назаррас гузорад.

Ҳамватанону ҳамзабонони мо, ки дар кишварҳои гуногун кору зиндагӣ доранд, метавонанд дар муаррифии ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон, баргузории ҳамоишҳои фарҳангиву иттилоотӣ, нашри асару мақолаҳо, эҷоди барномаҳои таълимӣ ва ташкили ҳамкориҳои судманди мутахассисон талоши бештар дошта бошанд.

Бовар дорам, ки муаррифии ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон ба фаъолияти созмони «Пайванд» мазмуну муҳтавои нав мебахшад.

Вақте Анҷумани «Пайванд» на танҳо ба гузашта, балки ба мушкилоту масъалаҳои зиндагии имрӯзаи инсоният рӯ меоварад, бар замми ниҳоди масъули бузургдошту хотирот будани худ рисолати созмони бомасъулиятро дар баробари аҳли башар ба сомон мерасонад.

Ин рисолат талаби замон ва тақозои асри нав мебошад.

Миллате, ки мехоҳад ҷаҳон ӯро шунавад, бояд на танҳо аз худ ва таъриху фарҳанги хеш, балки аз саҳми намоёнаш барои ҳифзи инсон ва сайёра сухан гӯяд.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод менамоям, ки дар доираи барномарезии фаъолияти минбаъдаи Анҷумани «Пайванд» масъалаҳои сулҳу амният, обу иқлим ва рушди устувор пайваста бо ҳифзи сарватҳои таърихиву маънавӣ ҷойгоҳи муносиб дошта бошанд.

Ҳозирини муҳтарам!

Ҳоло замоне фаро расидааст, ки фаъолияти Анҷумани «Пайванд» бояд аз доираи ҳамоишҳои рамзӣ фаротар рафта, ба низоми доимии амал, ташаббус ва ҳамоҳангсозии муҷаҳҳаз бо имкониятҳои муосири иттилоотиву техникӣ табдил ёбад.

Вақти он расидааст, ки анҷуман фаъолияти худро ба сифати як минбари амал, як шабакаи созандаи ҷаҳонӣ ва як мактаби ташаккулдиҳандаи ғояву андешаҳои нави маънавию фарҳангӣ роҳандозӣ намояд.

Ҷаласаи имрӯза бояд маҷмуи ташаббусҳои амалии муназзамро бо барномаҳои гуногунсамти ба ҳам алоқаманд оғоз бахшад.

Ба таври муназзам доир намудани ҳамоишҳои анҷуман бо баррасиву ҷамъбасти лоиҳаву барномаҳои амал ва такмили фаъолияти ояндаи он яке аз омилҳои муассири расидан ба ин ҳадаф мебошад.

Аз ин рӯ, пешниҳод менамоям, ки ҳамоиши имрӯза сароғози барномаи нави рушди Анҷумани «Пайванд» барои солҳои минбаъда эълон карда шавад.

Барномае, ки дар он масъалаҳои забон, таърих, фарҳанг, илм, иқтисод, ҷавонон, инноватсия, рақамикунонӣ ва дипломатияи фарҳангӣ дар ҳамоҳангии мутақобилаи ҳамаи ин ҷанбаҳо ба назар гирифта шаванд.

Агар мо имрӯз аз таърих, истиқлол, ваҳдат, забон, фарҳанг ва рисолати Анҷумани «Пайванд» сухан гуфтем, ҳамаи ин дар ниҳоят ба як саволи асосӣ меоварад: фардои мо чӣ гуна бояд бошад?

Мо бар ин боварем, ки Тоҷикистон дар даҳсолаҳои оянда бояд на танҳо кишвари суботу оромӣ ва ободониву бунёдкориҳо, балки маркази андешаҳои созанда, фарҳанги зинда, ташаббусҳои байналмилалӣ ва ҳамгироии ҳамзабонон гардад.

Дар ин рӯзи таърихиву фархунда ба ҳамаи иштирокдорони ҷаласа, ҳамватанони бурунмарзӣ, мардумони форсизабон, кулли мардуми Тоҷикистон ва дӯстони миллати тоҷик дар акси олам саломатӣ, сарбаландӣ ва дар ҷодаи хизмат ба манфиатҳои олии милливу инсонӣ барори кор орзу менамоям.

Итминон дорам, ки меҳмонони арҷманди хориҷӣ ва намояндагони аҳли зиёи мамлакат натиҷаҳо ва вазифаҳои дар ин ҷаласа гузошташударо дастури амал қарор медиҳанд ва барои таҳкиму тақвияти робитаҳои фарҳангӣ, маънавӣ ва иҷтимоии тоҷикону форсизабонони ҷаҳон саҳми боз ҳам бештар мегузоранд.

Ҳар иқдоми шумо дар ин роҳи пуршараф барои Тоҷикистон арзишманд аст ва давлати мо онро ҳамеша бо эҳтиром ва қадршиносӣ истиқбол хоҳад кард.

Бигзор, нури истиқлолу озодӣ, сулҳу суботи комил ва ваҳдати пойдори миллӣ дар қалби ҳар як фарзанди Тоҷикистон фурӯзон бошад!

Бигзор, забони тоҷикии форсӣ, адабиёти оламшумули тоҷику форс ва фарҳангу тамаддуни ориёӣ барои мо ҳамеша сарчашмаи ваҳдат ва худогоҳии миллӣ бошад!

Бо чунин ниятҳои нек ба кори ҷаласаи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд» хусни оғоз бахшида, ба ҳамаи шумо – меҳмонони арҷманд ва иштирокдорони ҳамоиш барору комёбӣ орзу менамоям.

Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам!

www.president.tj

Дар шаҳри Душанбе Фестивали зеҳни сунъӣ ва технологияҳои рақамӣ –«AI ALLEY» баргузор гардид.

Бигзор, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистони азизи мо ҳамеша пойдор ва умри истиқлоли мо ҷовидон бошад!
Эмомалӣ Раҳмон

МАОРИФ ДАР РАҚАМҲО

ТЕЪДОДИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

СОЛ	ШУМОРА
1991-1992	3229
1992-1993	3320
1993-1994	3377
1994-1995	3443
1995-1996	3461
1996-1997	3469
1197-1998	3524
1998-1999	3560
1999-2000	3591
2000-2001	3406
2001-2002	3695
2002-2003	3729
2003-2004	3745
2004-2005	3775
2005-2006	3804
2006-2007	3830
2007-2008	3810
2008-2009	3817
2009-2010	3780
2010-2011	3747
2011-2012	3793
2012-2013	3813
2013-2014	3836
2014-2015	3845
2015-2016	3855
2016-2017	3874
2017-2018	3879
2018-2019	3878
2019-2020	3893
2020-2021	3920
2021-2022	3940
2022-2023	3967
2023-2024	3991
2024-2025	4037
2025-2026	4056

ИСТИҚЛОЛИ МО

Мо туро бо хуни ҷони хештан парвардаем,
Бо нами ашки ниҳони хештан парвардаем.

Мо ба ёди ту ба садҳо ҷабри даврон зистем,
Бо хаёлат дардҳо дар зери дандон зистем.

Ин туӣ, к-аз пайкару пайкори мо рӯидаӣ,
Ин туӣ, к-аз дидаи бедори мо рӯидаӣ.

Ин туӣ рӯида аз таърихи хунини Ватан,
Аз сари сангину аз тамкину аз кини Ватан.

Ин туӣ, к-аз ҳикмати пирони мо рӯидаӣ,
Ин туӣ, к-аз ҷону аз вичдони мо рӯидаӣ.

Хокат аз хоки вуҷуди рафтагони мо бувад,
Ин Нишонат аз ҳазорон бенишони мо бувад.

Эй ту истиқлоли мо, иқболи мо, иҷлоли мо,
Эй ту шаъни аз шукӯҳу меҳр моломоли мо.

Мо туро дар мағз-мағзи ҷисму ҷон мепарварем,
Мо туро чун устувон дар устухон мепарварем.

Мо ба ёди ту ба сад ҷабру ҷафоҳо зистем,
Як нафас бе ту агар бошем, ҳаргиз нестем.

Ҳамватан! Субҳат ба хайр!
Ин субҳи истиқлоли мост,
Ин муҳаббат, ин саодат, ин шарафи шаҳболи мост.

Камол НАСРУЛЛО

БАХШИДА БА 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Истиқлоли давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун марҳалаи сарнавиштсоз дар таърихи навини давлатдорӣ заминаи ташаккули давлати миллӣ, таҳкими пояҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва муайян намудани самтҳои мустақили рушди кишварро фароҳам овард. Дар давоми 35 соли Истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон марҳалаҳои ниҳоят мураккаби барқарорсозии сулҳу субот, эҳёи иқтисоди миллӣ, ташаккули институтҳои давлатдорӣ, рушди инфрасохтор ва гузариш ба модели нави иқтисодиро паси сар намуд.

Истиқлол ва рушди иқтисоди миллӣ



Яке аз муҳимтарин дастовардҳои ин давра барқарор гардидани сулҳу ваҳдати миллӣ мебошад. Маҳз сулҳу суботи сиёсӣ ва таъмини фазои мусоиди иҷтимоӣ имконият фароҳам овард, ки давлат сиёсати дарозмуддати иқтисодиву иҷтимоиро роҳандозӣ намуда, барномаҳои миллӣ ва стратегияҳои рушди кишварро таҳия ва амалӣ созад.

Дар ин замина, таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ташаккули сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ, аз ҷумла, сиёсати молиявӣ, иҷтимоӣ, тандурустиву маориф, андозу буҷет, қарзию бонкӣ, сармоягузорӣ, соҳибкорӣ, саноат, кишоварзӣ, энергетика, нақлиёт ва сайёҳӣ заминаҳои нави ҳуқуқию институтсионалӣ ба вуҷуд оварда шуданд.

Қабули Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаҳои миёнамуҳлати рушди кишвар ва дигар стратегияву барномаҳои соҳавӣ имкон доданд, ки сиёсати иқтисодии давлат хусусияти дарозмуддат ва барномавӣ касб намояд. Дар соли 2025 бошад, ҳамчун марҳалаи муҳим, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 қабул гардид, ки марҳалаи ниҳоии татбиқи Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраи то соли 2030 ба ҳисоб меравад.

Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ иқтисоди Тоҷикистон аз марҳалаи барқарорсозии иқтисодии баъдичангӣ ба марҳалаи рушди устувор ва диверсификатсияи сохторӣ ворид гардид. Агар дар солҳои аввали истиқлол масъалаи асосӣ барқарор намудани фаъолияти иқтисодӣ, таъмини амнияти иҷтимоӣ ва бартараф намудани оқибатҳои буҳрони сиёсиву иқтисодӣ бошад, дар солҳои минбаъда вазифаҳои рушди босуръат, саноатикунонӣ, рақамикунонӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз омилҳои беруна ба самти асосии сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ табдил ёфтанд.

Натиҷаҳои соли 2025 ин тағйироти сохториро боз ҳам равшантар нишон медиҳанд. Тибқи маълумоти расмӣ, маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар дар соли 2025 ба 176,9 миллиард сомонӣ расида, суръати рушди воқеии он 8,4 фоиз таъмин гардид. Ин нишон медиҳад, ки бо вуҷуди таъсири омилҳои беруна, иқтисоди миллӣ тавонист суръати нисбатан баланди рушдро нигоҳ дорад. Дар даҳ соли охир, ки давраи татбиқи ду барномаи миёнамуҳлати рушди кишварро фаро мегирад, ҳаҷми ММД 3,4 баробар афзоиш ёфта, рушди иқтисодӣ ба ҳисоби миёна 7,6 фоизро ташкил додааст. ММД ба ҳар сари аҳолӣ низ аз 6 ҳазор сомонии соли 2015 ба 16,4 ҳазор сомонӣ дар соли 2025 расидааст. Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки яке аз натиҷаҳои муҳимми 35 соли Истиқлол ташаккули низоми нисбатан устувори иқтисодӣ мебошад, ки дар он афзоиши истеҳсолот, сармоягузорӣ, даромади буҷет, рушди соҳибкорӣ ва беҳтар гардидани инфрасохтор бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд.

Саноатикунонии босуръат ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии миллӣ ба тағйири сохтори иқтисоди миллӣ ва гузариш аз модели аграрию саноатӣ ба модели саноатию аграрӣ равона гардидааст.

Дар давраи татбиқи саноатикунонии босуръат, яъне, солҳои 2019-2025, дар кишвар зиёда аз 2600 корхонаи саноатӣ бо таъсиси беш аз 87 ҳазор ҷойи корӣ сохта ва ба истифода дода шуд. Танҳо дар соли 2025 фаъолияти 400 корхонаи нави истеҳсолӣ оғоз гардид.

Соли 2025 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 66 миллиарду 726,1 миллион сомонӣ расида, суръати рушди он бо нархҳои муқоисавӣ 122,1 фоиз, ё 22,1 фоиз афзоишро ташкил дод.

Таъмини истиқлоли энергетикӣ яке аз ҳадафҳои муҳимми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин самт бунёд ва ба истифода додани неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2», сохтмони НБО-и «Роғун», ба истифода додани агрегатҳои он ва рушди дигар иқтидорҳои энергетикӣ заминаи муҳим барои таъмини рушди иқтисодӣ фароҳам оварданд.

Соли 2025 дар кишвар 13 лоиҳаи давлатии сармоягузории соҳаи энергетика ба маблағи умумии 14,9 миллиард сомонӣ амалӣ гардид. Ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар соли ҳисоботӣ ба 24 миллиард кВт соат расида, нисбат ба соли 2024 ҳафт фоиз зиёд гардид.

Рушди энергетика на танҳо ба беҳтар гардидани таъминоти аҳолӣ бо неруи барқ, балки ба рушди саноат, ҷалби сармоягузорӣ, ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар мусоидат мекунад.

Яке аз меъёрҳои асосии самаранокии рушди иқтисодӣ беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Дар ин самт дар давраи истиқлол коҳиши сатҳи камбизоатӣ, афзоиши даромади аҳолӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ, рушди соҳаи маориф аз нишондиҳандаҳои муҳим ба ҳисоб мераванд.

Тибқи маълумоти расмӣ, дар соли 2025 сатҳи камбизоатӣ то 19 фоиз коҳиш ёфт. Даромади пулии аҳолӣ аз 26 миллиард сомонии соли 2015 то 165 миллиард сомонӣ дар соли 2025, яъне, беш аз шаш баробар афзоиш ёфт. Соли 2025 дар мамлакат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 280 ҳазор ҷойи корӣ нав таъсис дода шуд. Ин нишондиҳанда аҳаммияти рушди истеҳсолот, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар таъмини шуғли аҳолӣ нишон медиҳад. Бо вуҷуди ин, дар марҳалаи нави рушд масъалаи асосӣ танҳо ташкили ҷойи корӣ нест, балки таъмин намудани шуғли пурмаҳсул, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, музди меҳнати рақобатпазир ва ташаккули табақаи миёна мебошад.

Ҳиссаи хароҷоти маориф нисбат ба ММД аз 5,2 фоиз дар соли 2020 ба 6,6 фоиз дар соли 2025 расидааст. Ҳиссаи хароҷоти маориф дар маҷмуи хароҷоти буҷети давлатӣ низ аз 17,4 фоиз ба 21,1 фоиз зиёд шудааст. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки маориф дар сиёсати молиявии давлат мавқеи стратегӣ дорад. Маблағгузорӣ ба маориф дар асл сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ва заминаи рушди дарозмуддати иқтисоди миллӣ мебошад.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф беш аз 70 миллиард сомонӣ, аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ бошад, 10 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ шудааст. Сифати маориф бевосита ба сатҳи касбӣ, мақоми иҷтимоӣ ва ҳавасмандии омӯзгорон вобаста мебошад. Аз ин рӯ, дастгирии омӯзгор бояд ҳамчун яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳа арзёбӣ шавад.

35-солагии Истиқлоли давлатӣ на танҳо фурсати арзёбии дастовардҳои гузашта, балки оғози марҳалаи нави рушди кишвар мебошад. Натиҷаҳои соли 2025 нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон бо заминаи нисбатан устувори макроиқтисодӣ, инфрасохтори рушдёбанда ва имкониятҳои нави истеҳсолӣ ба ин марҳала ворид мегардад.

Қабули Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 дар ин раванд аҳаммияти махсус дорад. Ҳадаф гузошта шудааст, ки дар панҷ соли оянда ҳаҷми ММД ду баробар зиёд гардида, сатҳи камбизоатӣ то 10 фоиз коҳиш ёбад ва ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ то 50 фоиз расонида шавад.

Дар ин замина, самтҳои асосии рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ чунин арзёбӣ мешаванд:

1. Таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсоли неруи барқ.

2. Табдил додани Тоҷикистон ба кишвари транзитӣ тавассути рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ.

3. Таъмини амнияти озуқаворӣ тавассути баланд бардоштани маҳсулнокии кишоварзӣ ва рушди коркарди маҳсулот.

4. Таъмини шуғли пурмаҳсул ва рушди бозори меҳнати рақобатпазир.

5. Саноатикунонии босуръат ва гузариш ба истеҳсолоти дорои арзиши баланди иловашуда.

6. Коҳиш додани вобастагии иқтисодӣ аз омилҳои беруна тавассути диверсификатсияи истеҳсолот ва содирот.

7. Рақамикунонии иқтисодиёт ва истифодаи технологияҳои муосир дар идоракунии давлатӣ ва бахши хусусӣ.

8. Рушди иқтисоди сабз, истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва ҳифзи муҳити зист.

9. Рушди сармояи инсонӣ, илм, маориф ва технология ҳамчун омили асосии рақобатпазирии миллӣ.

10. Баланд бардоштани самаранокии идоракунии молияи давлатӣ, шаффофияти буҷетӣ ва самаранокии хароҷоти давлатӣ.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои 35 соли Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки кишвар аз марҳалаи барқарорсозии баъдибуҳронӣ ба марҳалаи нави рушди иқтисодӣ ворид гардидааст. Барқарор намудани сулҳу ваҳдати миллӣ, ташаккули низоми давлатдорӣ, рушди инфрасохтори энергетикӣ ва нақлиётӣ, саноатикунонии босуръат, афзоиши истеҳсолоти кишоварзӣ, рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, таҳкими низоми молиявӣ ва густариши сайёҳӣ, таъмини рушди иҷтимоиёту маориф аз муҳимтарин дастовардҳои ин давра мебошанд.

Итминони комил дорем, ки таҳти сарварии хирадмандона ва ободкоронаву ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишвари мо дар ояндаи наздик тамоми ҳадафҳои стратегиро ба даст оварда, дар қатори давлатҳои пешрафта ҷойгоҳи сазоворро ноил мегардем.

Илҳомуддин ИБРОҲИМЗОДА,
академики АБН ФР, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Моҳи октябр дар шаҳри Душанбе бахшида ба ҷашни Меҳргон таҳти унвони «Сайёҳии устувор ва мероси фарҳангӣ» форуми байналмилалӣ баргузор мегардад.

БАХШИДА БА 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ - ПОЙДЕВОРИ АРТИШИ МИЛЛӢ

Истиқлолияти давлатӣ барои ҳар миллат танҳо ба даст овардани соҳибихтиёрии сиёсӣ набуда, пеш аз ҳама, масъулияти бузурги таърихӣ, эҳсоси соҳибватанӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва омодагӣ ба ҳимояи дастовардҳои давлатдорӣ мебошад. Барои мо, тоҷикон, ки дар оғози солҳои соҳибистиқлолӣ рӯзҳои ниҳоят душворро паси сар кардем, арзиши истиқлол боз ҳам бештар аст.

Соли равон мардуми сарбаланди кишвар 35-солагии Истиқлоли давлатии худро таҷлил менамоянд. Сию панҷ сол дар дарозои таърих шояд муддати тӯлонӣ набошад, аммо барои як давлати ҷавон ин солҳо марҳалаи ташаккули пояҳои давлатдорӣ, таҳкими сулху субот, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва ба вуҷуд овардани ниҳодҳои муосири давлатӣ мебошад. Дар ҳамин давра Артиши миллии Тоҷикистон низ роҳи пуршарафу пурмасъулиятро тай намуда, аз як сохтори навтаъсис ба неруи муташаккил, дорои таҷриба, кадрҳои соҳибкасб, техника ва заминаҳои муосири таълимӣ табдил ёфт.

Имрӯз, вақте ки ба роҳи тайкардаи кишвар менигарем, равшан эҳсос мешавад, ки миёни Истиқлоли давлатӣ ва Артиши миллӣ робитаи ногусастанӣ вуҷуд дорад, зеро соҳибистиқлолӣ бидуни низоми боэътимоди ҳифзи давлат, марзу буми он ва амнияти шаҳрвандон пойдор буда наметавонад. Артиши миллӣ бошад, дар баробари иҷрои вазифаи муқаддаси ҳифзи Ватан, яке аз рукнҳои муҳимми давлатдории миллӣ ба шумор меравад.

Таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар шароити ниҳоят душвор сурат гирифт. Пойгоҳи моддиву техникӣ, кадрҳои касбӣ ва сохтори мукаммали низомӣ ҳанӯз ба таври зарурӣ ташаккул наёфта буданд. Бо вуҷуди ин, зарурати ҳифзи давлати навини тоҷикон ва таъмини амният тақозо мекард, ки ин ниҳоди муҳим ҳарчи зудтар бунёд ва таҳким дода шавад.

Дар ин раванд нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, Генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон басо муҳим арзёбӣ мегардад. Аз рӯзҳои аввали давлатсозӣ масъалаи таҳкими иқтидори мудофиавии кишвар дар меҳвари сиёсати давлатӣ қарор дошт.

Имрӯз бо ифтихор метавон гуфт, ки Артиши миллии Тоҷикистон мактаби бузурги ватандӯстӣ, садоқат ба давлат ва хидмат ба халқу Ватанро ба вуҷуд овардааст. Афсарону сарбозони кишвар дар ин мактаб обутоб ёфта, бо дарки баланди масъулияти касбӣ рисолати худро иҷро мекунанд.

Ҷаҳони имрӯз моро водор месозад, ки масъалаи омодагии мудофиавиро на танҳо ҳамчун вазифаи сохторҳои низомӣ, балки ҳамчун масъалаи умумимиллӣ дарк намоем. Тағйироти босуръати сиёсиву амниятӣ, пайдо шудани таҳдидҳои нав, рушди технологияҳои ҳарбӣ ва тағйирёбии усулҳои низомӣ тақозо мекунанд, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ ҳамеша дар ҳолати омодагии баланд қарор дошта бошанд. Аз ҳамин ҷост, ки дар кишвар гузаронидани машқҳои муштараки дохилию байналмилалӣ аҳаммияти хос пайдо мекунад. Чунин машқҳо барои



санҷиши омодагии ҷангӣ, баланд бардоштани маҳорати касбии ҳайати шахсӣ, такмили ҳамоҳангии сохторҳои гуногун ва табодули таҷрибаи муосири низомӣ замина фароҳам меоранд.

Дар дохили кишвар низ машқҳои муштараки амалиётӣ-стратегӣ, тамринҳои васеи низомӣ, машғулиятҳои омодагии сафарбарӣ ва чорабиниҳои зиддитеррористӣ мунтазам гузаронида мешаванд. Ҳамзамон, ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникии Тоҷикистон бо кишварҳои гуногун густариш ёфта, табодули таҷриба ва донишҳои касбӣ ба яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти соҳа табдил ёфтааст. Яке аз самтҳои муҳимми таҳкими низоми мудофиавии кишвар рушди мудофиаи ҳудудӣ мебошад. Солҳои охир дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ҷамъомадҳои мудофиаи ҳудудӣ ва машғулиятҳои омодагии сафарбарӣ мунтазам баргузор мешаванд.

Дар ин чорабиниҳо на танҳо хизматчиёни ҳарбӣ, балки намояндагони мақомоти маҳаллӣ, муассисаҳо, сохторҳои дахлдор ва шаҳрвандони дар эҳтиёт қарордошта низ иштирок мекунанд. Ҳадаф аз чунин ҷамъомадҳо омодасозии шаҳрвандон ба амал дар ҳолатҳои зарурӣ, санҷиши захираҳои сафарбарӣ, такмили ҳамоҳангии сохторҳои масъул ва баланд бардоштани сатҳи омодагии ҷомеа мебошад. Баргузории чунин ҷамъомадҳо дар шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла, минтақаҳои наздисарҳадӣ, на танҳо омӯзиши амалҳои мушаххас, балки тарбияи ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ ва ватандӯстиро низ тақвият мебахшад.

Дар раванди омодагии низомӣ машқгоҳҳои муосир ҷойгоҳи махсус доранд, зеро тамринҳо ва омодагии воқеии низомӣ бояд дар шароите сурат гирад, ки ба вазъияти амалии майдони машқ то ҳадди имкон наздик бошад.

Маҳз аз ҳамин нигоҳ, мавриди истифода қарор гирифтани майдони танкронии машқгоҳи «Ҳарбмайдон» аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар моҳи декабри соли 2025 рӯйдоди муҳим ба ҳисоб меравад. Ин машқгоҳ бо фароҳам овардани шароити зарурӣ барои машқҳои низомӣ, аз ҷумла, истифодаи техникаҳои вазнини зиреҳпӯш имкониятҳои нави таълимиро фароҳам месозад.

Солҳои охир дар қисмҳои низомӣ садҳо бинои маъмурӣ, шаҳракҳои ҳарбӣ, иншооти таълимӣ, варзишӣ, маишӣ ва дигар иншооти зарурӣ сохтаву ба истифода дода шуданд. Ҳатто дар қисмҳои дурдасти низомӣ низ масъалаи муҳайё намудани шароити муосири хидмативу маишӣ ва заминаҳои моддиву техникии зарурӣ пайваста дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад.

Сохтмони бинову иншооти аҳамияти ҳарбӣ ва иҷтимоидошта танҳо ба беҳтар шудани инфрасохтори низомӣ мусоидат намекунад. Он ба баланд шудани руҳияи ҳайати шахсӣ, беҳтар гардидани шароити хидмат ва таҳкими эътимоди сарбоз ба давлат ва ҷомеа таъсир мерасонад.

Бояд қайд намуд, ки артиши муосирро бе технология тасаввур кардан душвор аст. Имрӯз рушди техникаи ҳарбӣ, низомҳои иртиботӣ, воситаҳои идоракунӣ, таҷҳизоти мушоҳидавӣ ва дигар технологияҳои нав талаб мекунад, ки ҳайати шахсӣ пайваста дониш ва малакаи худро такмил диҳад.

Аз ин рӯ, баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти касбӣ, омӯзиши фанҳои муосир, такмили малакаҳои техникӣ, аз худ кардани таҷрибаи пешрафта ва омодасозии кадрҳои ҷавони соҳибмаърифат яке аз самтҳои муҳимми рушди Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад.

Бояд хуб дарк кунем, ки таҳкими амнияти давлат танҳо вазифаи низомиён нест. Он масъулияти умумии шаҳрвандист. Хидматчии ҳарбӣ бо иҷрои вазифаи худ, олим бо илми худ, омӯзгор бо тарбияи насли нав, табиб бо табобати беморон, деҳқон бо меҳнати худ ва соҳибкор бо саҳми созандааш дар пешрафти Тоҷикистон саҳм мегузорад.

Бовар дорам, ки хидматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳо минбаъд низ рисолати касбии худро бо ҳисси баланди масъулият иҷро намуда, технологияҳои муосирро аз худ карда, дониш ва маҳорати касбии худро пайваста такмил медиҳанд ва дар таҳкими иқтидори мудофиавии кишвар саҳми арзандаи худро мегузоранд.

Эмомалӣ СОБИРЗОДА,
вазири мудофиаи
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
генерал-полковник

МАОРИФ ДАР РАҚАМҲО

ТЕЪДОДИ ХОНАНДАГОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

Сол	Теъдоди хонандагон (ҳазор нафар)	Духтарон
1991-1992	1325,4	971,7
1992-1993	1272,7	628,1
1993-1994	1240,4	608,1
1994-1995	1288,1	627,2
1995-1996	1322,8	633,3
1996-1997	1340,9	647
1197-1998	1388,8	674,5
1998-1999	1451,2	683,9
1999-2000	1479,3	641,8
2000-2001	1521,8	693,7
2001-2002	1579,5	722,6
2002-2003	1636,7	751,7
2003-2004	1660	763,5
2004-2005	1673,8	769,2
2005-2006	1682	770,1
2006-2007	1672,7	777,9
2007-2008	1692,1	794,4
2008-2009	1690,5	797,5
2009-2010	1695,5	796,9
2010-2011	1694,7	796,1
2011-2012	1703,1	802,0
2012-2013	1712,8	810,5
2013-2014	1717,0	816,1
2014-2015	1742,8	830,5
2015-2016	1785,7	851,2
2016-2017	1838,8	877,9
2017-2018	1907,7	914,5
2018-2019	1970,9	948,9
2019-2020	2035,1	981,3
2020-2021	2110,3	1017,0
2021-2022	2195,6	1059,7
2022-2023	2232,1	1079,1
2023-2024	2278,6	1101,8
2024-2025	2357,1	1142,5
2025-2026	2462,0	1195,1

ИФТИХОРИ МИЛЛАТ

Пешвои ман, ҳамеша ифтихори миллатӣ!
Сарвару пушту паноҳу иқтидори миллатӣ!

Шуд хамӯш аз мақдами ту оташи ҷонсӯзи ҷанг,
Эй Таҳамтан, шабчарағи шоми тори миллатӣ!

Дар сахо чун Ҳотаму дар адл чун Нӯшервон,
Чашмаи бахти баланду нангу ори миллатӣ!

Барқи «Рағун» ифтихори тозаат бахшидааст,
Бо ҳама созандагӣ фасли баҳори миллатӣ!

Бо хирад, бо ақлу тадбир додӣ миллатро наҷот,
Бо муҳаббат, бо адолат тоҷдори миллатӣ!

Модари миллат ба номи ту намояд ифтихор,
Баҳри дафъи ҳар бало андар канори миллатӣ!

Парчами ҳастии моро ту баланд афрохтӣ,
Шаҳсавори давлатию шаҳриёри миллатӣ!

ШУКРОНА

Сад шукр, зи насли бовиқорам, ёрон!
Ман шиква зи асли худ надорам, ёрон!

Шукрона кунам зи мулки ранги чаканам,
Шукронаи меҳру ишқи поки Ватанам.

Кӯшем ҳама, диёр обод шавад,
Ободӣ шавад, дили ҳама шод шавад.

Хоҳем ҳама, ки душманӣ дур шавад,
Олам ҳама меҳрбору пурнур шавад.

Шодию фараҳ ба синаҳо раҳ ёбад,
Раҳ бар дили мардумони огаҳ ёбад.

Даргоҳи биҳишт Тоҷикистон гардад,
Дашту даманаш боғу гулистон гардад.

Нуриниссо АКРАМОВА,
омӯзгор

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ба рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлон аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ зиёда аз 50 миллиард сомонӣ равона карда шуд.

Дар шароити буҳрониву бисёр ҳассоси ҷаҳони муосир мо бояд беш аз пеш муттаҳиду сарҷамъ бошем ва фаромӯш накунем, ки қудрату пойдории миллат дар иттиҳоду ваҳдат аст.
Эмомалӣ Раҳмон

МАОРИФ ДАР РАҚАМҲО

МАЪЛУМОТ ОИД БА ШУМОРАИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Сол	Шумораи муассиса	Филиал
1991-1992	13	
1992-1993	18	
1993-1994	21	
1994-1995	22	
1995-1996	24	
1996-1997	25	
1197-1998	25	
1998-1999	24	1
1999-2000	28	1
2000-2001	29	1
2001-2002	30	1
2002-2003	30	3
2003-2004	30	5
2004-2005	29	6
2005-2006	29	7
2006-2007	28	8
2007-2008	28	7
2008-2009	28	8
2009-2010	29	7
2010-2011	30	4
2011-2012	35	5
2012-2013	36	7
2013-2014	38	5
2014-2015	38	5
2015-2016	38	4
2016-2017	39	4
2017-2018	39	4
2018-2019	40	4
2019-2020	40	4
2020-2021	41	4
2021-2022	42	4
2022-2023	46	7
2023-2024	47	7
2024-2025	48	4
2025-2026	51	4

МАЪЛУМОТ ОИД БА ТЕЪДОДИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Сол	Теъдоди донишҷӯён (ҳазор нафар)	Духтарон (ҳазор нафар)
1991-1992	69,3	23,3
1992-1993	70,6	21,9
1993-1994	69	19,3
1994-1995	73,3	20,2
1995-1996	74	19,9
1996-1997	76	19,6
1197-1998	76,7	20
1998-1999	75,5	19,1
1999-2000	79,2	19,9
2000-2001	77,7	18,4
2001-2002	84,3	20,5
2002-2003	96,6	24
2003-2004	107,6	26,7
2004-2005	118,4	30,6
2005-2006	132,4	35,4
2006-2007	146,2	40,1
2007-2008	154,3	43,5
2008-2009	156,2	46,8
2009-2010	157,8	46
2010-2011	154,8	43,7
2011-2012	151,2	43,1
2012-2013	151,0	42,0
2013-2014	157,8	43,0
2014-2015	167,7	53,2
2015-2016	178,1	58,9
2016-2017	189,7	65,5
2017-2018	191,5	67,8
2018-2019	206,3	73,9
2019-2020	227,0	83,6
2020-2021	244,6	85,5
2021-2022	234,5	86,7
2022-2023	220,2	88,0
2023-2024	214,5	88,6
204-2025	213,2	86,9
2025-2026	226,2	94,3

ЭССЕ

АЗ ТАРСИ ДИРӮЗ ТО ОРЗУИ ФАРДОИ ДУРАХШОН

САРНАВИШТИ ДУ НАСЛ, ПРЕЗИДЕНТ ВА ИСТИҚЛОЛЕ, КИ МАЗМУНИ ЗИНДАГИРО ДИГАР КАРД



...Шаб. Яке аз ҳамон шабҳое, ки одамон субҳро интизор намешуданд, балки орзу мекарданд, то субҳ зинда монанд. Падар чанд бор аз паси тиреза ба кӯча менигарад. Дар торикӣ чизеро фарқ кардаю дида намешавад, аммо садоҳо басандаанд, ки ӯ вазъро дарк кунад. Дар кунҷи хона кӯдаконаш хобидаанд. Модар чанд либос, як-ду пора нон ва чизҳои заруриро ҷамъ кардааст. Касе намедонад, ки то саҳар дар ҳамин хона мемонанд ё маҷбур мешаванд, онро тарк кунанд. Касе намедонад, ки фардо ин хона дигар хонаи онҳо хоҳад буд ё не.

Падар нақшаҳои бузург надорад. Ӯ дар бораи мансаб фикр намекунад. Дар бораи харидани мошин, сохтани хонаи нав, ба донишгоҳи бонуфуз дохил кардани фарзанд ё истироҳат дар кишвари афсонавие ҳам намеандешад. Тамоми орзуҳои як марди калонсол дар он шаб ба як хоҳиши бисёр одиву сода равона шудаанд: кош, фарзандонам зинда монанд.

Ин Тоҷикистонест, ки як насл онро дидааст.

***

Сию чанд сол гузашт.

Субҳи дигар аст. Писаре, ки он шаб шояд дар оғӯши модар хобида буд, имрӯз худ падар шудааст. Ӯ низ субҳ аз хона мебарояд, аммо дигар аз паси дар садои тирро гӯш намекунад. Фарзандаш либоси мактабӣ пӯшидааст. Дар роҳ падар аз ӯ мепурсад, ки дарсҳояшро омода кардааст ё не, забони англисиро чӣ гуна меомӯзад, барои озмуни фаннӣ омодагияш чӣ тавр аст? Шояд баъд аз дарс ӯро ба маркази забономӯзӣ барад. Шояд шаб дар хона бо ҳам дар бораи он суҳбат кунанд, ки писараш баъди хатми мактаб кадом ихтисосро интихоб кунад ё шояд шабона соатҳои зиёд дар кӯчаву хиёбонҳои пойтахти азизамон қадам занад.

Ин падар ҳам ташвиш дорад.

Меҳоҳад даромадаш бештар бошад. Меҳоҳад хонаи беҳтар дошта бошад. Меҳоҳад фарзандаш аз ӯ бештар омӯзад, оламу одамро бинад, касби хуб дошта бошад, соҳибном шавад. Аз он нигарон аст, ки фарзандаш аз ҳамсолони худ қафо намонад, технологияи навро омӯзад, забон донад ва дар ҷаҳони пуррақобати фардо ҷойи худро пайдо кунад.

Аммо ӯ аз як ташвиш озод аст: саҳар аз хона баромада, фикр намекунад, ки оё шом зинда ба назди фарзандонаш бармегардад ё не?

***

Фосилаи байни ин ду падар ҳамагӣ сию чанд сол аст. Аммо фосилаи байни ташвишҳои онҳо гӯё фосилаи ду давраи тамоман мухталифи таърих бошад.

Шояд барои фаҳмидани моҳияти воқеии Истиқлол ҳикоятро маҳз аз ҳамин ҷо бояд оғоз кард.

Истиқлолро метавон бо шеъру достону қиссаву очерку повесту роман шарҳу тафсир ва бо санаҳо марҳалаҳои онро муайян кард. Бо рақамҳо метавон роҳҳои бунёдшуда, неругоҳҳо, мактабҳо, корхонаҳо, беморхонаҳо ва иншооти дигарро ҳисоб кард. Аммо саволи асосӣ ё шояд одӣ ин бошад, ки ҳақиқати як даврароро нишон медиҳад: одами дирӯз аз чӣ метарсиду пайваста банди ташвишу изтироби шадид буд ва одами имрӯз дар бораи чӣ орзу мекунад?

Агар ба таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҳамин равзана назар кунем, мебинем, ки яке аз бузургтарин дигаргуниҳои ин давра тағйир ёфтани худи мазмуни ташвишҳои инсон аст.

Насле буд, ки барои зинда мондан мубориза мебурд. Кунун насле ба камол расида, ки барои беҳтар зиндагӣ кардан талош мекунад. Ва байни ин ду ҳақиқати зиндагӣ таърихи пурпечутоби давлате қарор дорад, ки мебоист нахуст худро аз вартаи нобудӣ наҷот медод ва баъд барои шаҳрвандонаш имкони орзу кардану зиндагии шоистаро фароҳам меовард.

***

Мо имрӯз бо гуфтану шунидани калимаи «давлат» одат кардаем. Ин вожаро ба забон меорем ва бисёр вақт дар бораи он фикр намекунем, ки давлат, пеш аз ҳама, чӣ маъно дорад.

Давлат он вақт ба маънои томаш дарку эҳсос мешавад, ки кӯдак бе тарс ба мактаб меравад. Вақте модар медонад, ки фарзандаш шом ба хона бармегардад. Вақте деҳқон дар замин бо хотири ҷамъ заҳмат мекашад ва аз ҳосили оянда фикр мекунад. Вақте соҳибкор барои панҷ соли дигар нақша мекашад. Вақте ҷавон донишгоҳи писандидаи худро интихоб мекунад. Вақте оила барои сохтани хона маблағ ҷамъ мекунад. Вақте инсон метавонад барои фардо нақша дошта бошад.

Ҷомеае, ки ба фардо бовар надорад, нақша намесозад.

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ барои қисми зиёди ҷомеаи Тоҷикистон мафҳуми «фардо» моҳияти муайяну дақиқ надошт. Ҷанг танҳо ба қатлу куштори одамон сабабгор намешавад, балки он, пеш аз ҳама, қобилияту завқу шавқи инсонро барои орзу кардан мекушад. Вақте масъалаи асосӣ амнияти ҷон аст, орзуҳои дигар фаромӯш мешаванд. Илм, фарҳанг, иқтисод, сохтмон, соҳибкорӣ, ихтироъ, саёҳат – ҳамаи ин ба сулҳу субот ниёз дорад.

Дар чунин шароит фарзанди баруманди диёр муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба саҳнаи сиёсӣ омаданд. Дар бораи фаъолияти роҳбариву сиёсии ӯ метавон садҳо китоб навишт, ки он ҳам кам аст. Аммо агар тамоми он давраи мураккабро бо як ҷумла ифода кунем, шояд вазифаи аввалини Роҳбари давлат ҳамин буд: ба мардуми Тоҷикистон дубора имкони бовар кардан ба фардоро баргардонад.

Ба ибораи содатар, пеш аз сохтани давлати нав бояд одамон зинда мемонданд. Пеш аз бунёди роҳҳо бояд роҳҳои бозгашти одамон ба хонаҳояшон ҳамвор мешуд. Пеш аз бунёди мактабҳои нав, кӯдак метавонист бе тарс ба мактаб равад. Пеш аз рушди иқтисод, бояд инсон ба он бовар мекард, ки раванди моликият доштан, меҳнат кардан ва зиндагии осоиштаи ӯ фардо низ вуҷуд хоҳанд дошт. Пеш аз ҳама гуна барномаи бузурги давлатӣ, бояд худи давлат ҳифз мешуд.

Ин нукта баъзан дар паси шарҳу тафсир ва ё рақамҳои бузурги даврони Истиқлол ноаён мемонад. Мо имрӯз натиҷаҳоро мебинем ва аз ҳамин сабаб душвор аст, тасаввур кунем, ки замоне ҳастию бақои Тоҷикистон худ масъалаи асосӣ буд.

Сулҳ имрӯз барои кӯдаке, ки баъди ҷанг таваллуд шудааст, як ҳолати табиии зиндагист. Ӯ гумон мекунад, ки субҳ ҳамеша ҳамин гуна ором буд. Роҳ ҳамеша кушода буд. Парчам ҳамеша дар болои муассисаҳо парафшон буд. Сарҳад ҳамеша сарҳади як давлати устувор буд. Мактаб ҳамасола дар моҳи сентябр дари худро ба рӯйи толибилмон боз мекард.

Аммо падари ӯ медонад, ки чунин набуд. Ва ҳамин тафовути хотираи падару писар яке аз муҳимтарин масъалаҳои ҷомеаи имрӯзи мост.

***

Барои насли замони ҷанг сулҳ хотира аст. Барои насли баъди ҷанг сулҳ муҳиту фазои воқеист. Ва фарқи ин ду хеле бузург аст.

Касе, ки чизеро аз даст додааст, арзиши онро аз рӯйи дард мешиносад. Касе, ки онро дар шаклу шеваи тайёр гирифтааст, бояд арзишашро аз рӯйи дониш бишиносад.

Аз ҳамин ҷост, ки таърихи фаъолияти сиёсии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари давлати соҳибистиқлол барои насли ҷавон набояд танҳо мачмуи рӯйдодҳо бошад. Онро бояд ҳамчун таърихи гузариши як ҷомеа аз марҳалаи дирӯзу имрӯз ба фардои дурахшон хонд.

Яке аз саҳнаҳои асосии ин таърих бозгашти гурезагон ба Ватан аст.

Калимаи «гуреза» имрӯз барои бисёре аз ҷавонони тоҷик бештар мафҳуми китобист. Аммо замоне пушти ҳамин калима ҳазорҳо сарнавишт меистод: падаре, ки хонаашро тарк кардааст, модаре, ки фарзандашро аз сарҳад мегузаронад, пире, ки намедонад боз зодгоҳашро мебинад ё не, кӯдаке, ки намефаҳмад чаро дигар дар ҳавлии худ бозӣ карда наметавонад.

Бозгардондани мардуми фиорӣ танҳо овардани онҳо аз як ҷой ба ҷойи дигар нест. Онҳо бояд ба хона, ба макони аҷдодӣ баргарданд. Баъд бояд ба ҳамсояшон бовар кунанд. Баъд ба ҷомеа, ба давлат ва ба фардо. Ин занҷира осон сохта намешавад.

Аз ҳамин чиҳат, бузургтарин самари сиёсати сулҳофарини муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро метавон дар як падидаи хеле одии зиндагии имрӯз дид: миллионҳо нафар шаб дар хонаҳои худ ором мехобанд.

Шояд муваффақияти сулҳ маҳз ҳамин бошад – вақте сулҳ он қадар устувор мешавад, ки мардум дигар ҳар рӯз дар бораи мавҷудияти он фикр намекунанд. Аммо ин ҷо ҳам хатаре ҳаст. Одам ба неъмате, ки ҳамеша дар ихтиёраш аст, одат мекунад, нисбат ба он бепарво мешавад.

Насли имрӯз метавонад арзиши сулҳро камтар эҳсос кунад, зеро баҳои онро ба ҳеҷ қимат напардохтааст.

Падараш пардохтааст: азобу мушкилиҳои айёми ҷангро мардонавор паси сар карда, дар ин роҳ бисёр чизҳоро аз даст додааст.

Дар Озмуни байналмилалии «Санъати китоб» дар шаҳри Москва «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ сазовори Шоҳҷоиза гардид.

***

Акнун ба ҳамон писар баргардем.

Ӯ дигар кӯдак нест. Соҳиби маълумот, касб, хона ва фарзанд аст. Шояд омӯзгор аст. Шояд табиб, муҳандис, рӯзноманигор, соҳибкор ё хидматчии давлатист. Ӯ субҳ ба кор меравад фарзандаш ба мактаб ва зиндагӣ бо раванди маъмулии худ идома мекунад.

Баъзан вай аз вазъи иқтисодӣ норозӣ мешавад. Баъзан аз нарх, аз роҳу нақлиёт, хидматрасонӣ, кори идора ё мушкили иҷтимоӣ. Ва ҳақ ҳам дорад.

Истиқлол маънои онро надорад, ки ҷомеа дигар мушкил надорад. Баръакс, ҷомеаи озоду рушдкунанда ҳамеша рӯ ба рӯйи талаботҳои нав қарор мегирад.

Аммо дар ҳамин ҷо тафовути бисёр муҳим вуҷуд дорад. Падар мушкил дошт, зеро намедонист давлат пойдор мемонад ё не. Писар мушкил дорад, зеро мехоҳад зиндагӣ беҳтар шавад, кишвар ба қуллаҳои баланду рушду пешрафт бирасад. Ин ду норозигӣ айни як чиз нестанд.

Ин ҷо метавон як меъёри ҷолиби рушди давлатро пешниҳод кард: пешрафти ҷомеаро баъзан аз он ҳам метавон шинохт, ки мардумаш аз кадом мушкилу норасоӣ шикоят мекунанд.

Агар масъалаи ҷомеа амнияти ҷон ва зиндагии шоиста бошад, он ҷомеа ҳанӯз барои бақою ҳастӣ мубориза мебарад.

Агар масъалаи асосии он сифати таълим, музди меҳнат, суръати интернет, сатҳи хидматрасонӣ, шароитҳои хуби ривоҷ додани соҳибкорӣ, роҳу нақлиёт, рушди шаҳр ва рақобатпазирии донишгоҳ бошад, ҷомеа аллакай аз марҳалаи бақо ба марҳалаи талаботи рушд гузаштааст. Ин маънои онро надорад, ки ҳама масъалаҳо ба таври комил ҳал шудаанд.

Моҳияти ин ҳама он аст, ки сатҳи саволҳо ва завқу фаҳмиш дигар шудааст. Ва шояд яке аз бузургтарин натиҷаҳои даврони соҳибистиқлолӣ ҳамин фаҳмишу дарки аҳли ҷомеа бошад.

***

Дар ҳамин замина, сохтмони роҳу нақбҳо, неругоҳ, мактаб ё корхонаҳо низ маънои дигар касб мекунад.

Вақте ки ба санъати давлатдории Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳамин нуқтаи назар менигарем, мебинем, ки марҳалаи дуюми давлатсозӣ пас аз сулҳ маҳз ба васеъ кардани имконоти инсон ва фаъолияти ӯ вобастагӣ пайдо кард.

Агар дар оғози роҳ вазифа баргардондани гурезаҳо ба хонаҳояшон буд, баъдтар вазифа фароҳам овардани шароиту имконе шуд, ки фарзандони онҳо тавассути он ба донишгоҳ, корхона, шаҳр ва ҷаҳон роҳ ёбанд. Агар дар оғоз масъала хомӯш кардани оташи ҷанг буд, баъдан садо додани занги мактаб гардид. Солҳои даргирию ҷанги бемаънӣ кишвар ба сулҳ ниёз дошта бошад, баъд ба неруи интеллектуалӣ, роҳу нақлиёт, дониш, истеҳсолот, технология ва пайвастан бо ҷаҳони бекарон ниёз пайдо кард. Яъне, вазифаи давлат ҳам дар баробари орзуҳои мардум тағйир ёфт.

Ин ҷо мо ба моҳияти дигари Истиқлол мерасем. Истиқлол имкони мустақилонаи инсон барои бунёди ояндаи дурахшони худ аст. Давлат заминаро муҳайё месозад, аммо зиндагиро инсон месозад. Ва маҳз аз ҳамин нуқта масъулияти насли дуюм оғоз мешавад.

***

Насле, ки ҷангро дидааст, вазифаи хоси худро дошт: зинда мондан. Оиларо нигоҳ доштан. Ватанро тарк накардан ё баъди фирор ба он баргаштан. Аз нав хона сохтан, фарзандро калон кардан, ба сулҳ ва фардои кишвар эътимод варзидан.

Насле, ки давлатро дар он солҳои вазнин роҳбарӣ мекард, низ вазифаи худро дошт: давлатро аз фурӯпошӣ нигоҳ доштан, мардумро атрофи ғояи сулҳ ҷамъ овардан, гурезаҳоро баргардондан, сохторҳои давлатиро барқарор кардан ва барои идомаи зиндагии шоистаи одамон замина гузоштан.

Аммо насли баъди ҷанг чӣ вазифа дорад? Ин савол имрӯз аз бисёр шарҳу тафсирҳо муҳимтар аст.

Оё вазифаи фарзанди он падар танҳо истифода кардан аз сулҳ ва замони тинчу ором аст? Оё ӯ танҳо бояд дар роҳҳои сохташуда ҳаракат кунад, аз неруи истеҳсолшуда истифода барад, дар мактабҳои бунёдшуда таҳсил кунад ва аз давлат талаб кунад, ки боз чӣ медиҳад? Ё Истиқлол аз ӯ низ чизе талаб мекунад?

Шояд мушкили асосии ҳар давлати муваффақ баъди марҳалаи гузариш маҳз ҳамин бошад: чӣ гуна хотираи мубориза ба масъулияти созандагӣ табдил дода шавад?

Фарзанди замони сулҳ набояд ҷангро таҷриба кунаду аз сар гузаронад, то қадри сулҳро донад. Ӯ набояд гуреза шавад, то Ватанро дӯст дорад. Набояд гурусна монад, то нонро қадр кунад. Набояд давлатро аз даст диҳад, то арзиши давлатдориро фаҳмад.

Вазифаи маориф, фарҳанг, матбуот, оила ва ҷомеа ҳамин аст, ки таҷрибаи азобҳои сангин ва талхи падарро дар шуури писар ҷой диҳанд, зеро хотирае, ки аз як насл ба насли дигар намегузарад, маҳв мешавад.

***

Аммо танҳо ҳифз кардани хотира кофӣ нест. Насли имрӯз вазифадор нест мисли падар зиндагӣ кунад. Баръакс. Агар падар тамоми умр барои он талош карда бошад, ки писараш сарнавишти ӯро такрор накунад, пас, беҳтарин арҷгузорӣ ба падар он аст, ки писар аз имконоти замони худ бештар истифода кунад. Агар падар барои зинда мондани фарзандаш мубориза бурд, фарзанд бояд барои сазовор зиндагӣ кардани фарзанди худ талошу ҷаҳд кунад.

Майдони мубориза ва кору пайкор дигар шудааст.

Имрӯз рақиб ё душман силоҳ нест. Ҷаҳолату хурофот аст. Бесаводист. Бетафовутӣ аст. Ақибмондагии технологист. Камбуди дониш аст. Набудани ташаббус аст. Аз даст додани рақобатпазирист. Ва шояд хатарноктар аз ҳамаи онҳо, эҳсоси он аст, ки гӯё каси дигар бояд ҳамеша ояндаи моро бисозад.

Истиқлоли сиёсӣ замоне комилтар мешавад, ки ба истиқлоли фикрӣ, илмӣ, иқтисодӣ ва масъулияти шахсӣ такя кунад.

Писаре, ки падараш ӯро аз ҷанг наҷот дод, акнун бояд фарзандашро аз ҷаҳолату таассуб наҷот диҳад. Падар ӯро ба хонаи худ баргардонд, ӯро мебояд фарзандашро ба ҷаҳони дониш ворид созад. Падар барои ӯ сулҳ хост, ӯ бояд барои фарзандаш қобилияти рақобат кардан бо ҷаҳонро таманно кунад. Ин аст тағйирот дар рисолати наслҳо.

***

Дар ин миён нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро низ бояд аз ҳамин дидгоҳ, яъне, марҳалаи таърихии созандагӣ шинохту баҳо дод.

Баъзан бузургии як сиёсатмадорро аз сатҳи суханрониҳо ё солҳои роҳбарияш муайян кардан душвор аст. Таърих баъдтар саволи содатар медиҳад: вақте ки ӯ омад, масъалаи асосии миллат чӣ буд ва дар замони фаъолияти ӯ сарнавишти миллат чӣ тавр ҳал гардид?

Дар оғози роҳ барои Тоҷикистон масъалаи асосӣ бақою ҳастии давлат маҳсуб меёфт. Имрӯз Тоҷикистон масъалаи рушду ободонӣ ва созандагиро пеш гирифтааст. Он рӯз масъала сулҳу тинҷӣ буд. Имрӯз рушду пешрафт ва самараи корҳои анҷомдодашуда дар ҳама соҳаҳо мебошад. Он рӯз масъала баргардондани гурезагон буд. Имрӯз омода кардани мутахассисест, ки дар иқтисоди ҷаҳонӣ рақобат карда тавонад. Он рӯз масъала ҳифзи давлат буд. Имрӯз масъала нерумандтар кардани давлат аст.

Фосилаи байни ин ду маҷмуи масъалаҳо фосилаи як давраи бузурги давлатсозист.

Аз ҳамин рӯ, вақте аз фаъолияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сухан мегӯем, шояд муҳимтарин натиҷаро бояд дар он ҷуст, ки рушди давлат ва арзишҳои миллии Тоҷикистон ба таври мусбат тағйир ёфтааст.

Миллате, ки замоне дар бораи чӣ гуна зинда мондан фикр мекард, имрӯз дар бораи чӣ гуна рушд кардану пеш рафтан баҳс мекунад. Ин тағйирот андаке нест.

***

Баъзан таърих дар майдону муҳорибаҳои бузург навишта мешавад. Баъзан дар санадҳои сиёсӣ. Баъзан дар музокироти тӯлонӣ. Аммо натиҷаи воқеии таърихро дар зиндагии одии одамон дидан мумкин аст.

Дар падаре, ки шабона бо садои тир бедор мешуд. Дар писаре, ки имрӯз шабона барои таҳсили фарзандаш дар интернет донишгоҳи писандидаи ӯро меҷӯяд. Дар модаре, ки замоне як пора нонро байни фарзандонаш тақсим мекард. Дар модари ҷавоне, ки имрӯз дар бораи интихоби мактаб, омӯзиши забон ва рушди қобилияти кӯдакаш меандешад. Дар ҷавоне, ки замоне орзуи бозгашт ба деҳа дошт. Дар набераи ӯ, ки имрӯз орзуи таҳсил дар беҳтарин донишгоҳҳои ҷаҳон ва баргаштан барои кор дар Ватанро дорад.

Инҳо тағйири шароити зиндагӣ нестанд. Ин ҳама тағйиру дигаргуниҳои орзуву ормонҳои фарзандони миллати созанда мебошанд. Ва давлат маҳз замоне дигар мешавад, ки ҷаҳони орзуҳои мардумаш дигар шавад.

***

Ҳоло шояд вақти он расидааст, ки аз писари қиссаи худ савол кунем.

Падарат вазифаи худро иҷро кард. Ӯ туро аз он ҳодисҳои пурваҳшати замони ҷанг наҷот дод. Насле давлатро нигоҳ дошт. Сулҳ ба даст омад. Роҳ сохта шуд. Мактаб бунёд гардид. Парчам парафшон монд. Ту калон шудӣ. Соҳиби фарзанд шудӣ.

Акнун навбати туст.

Ту барои фарзандат чӣ мерос мегузорӣ? Танҳо хона? Мошин? Молу мулк? Ё давлатеро, ки дар қиёс бо замони имрӯз нерумандтар аст? Ҷомеаеро, ки донишмандтар аст? Мактаберо, ки беҳтар таълим медиҳад? Муҳитеро, ки дар он истеъдод қадр мешавад? Иқтисодеро, ки ҷавон барои пайдо кардани имконият маҷбур нест аз Ватан дур шавад? Фарҳангеро, ки дар ҷаҳони пурошӯб ҳувияти фарзандатро нигоҳ медорад?

Ин саволҳо дигар ба таърих тааллуқ надоранд. Саволҳои имрӯзанд, зеро ҳар насл Истиқлолро як бор ба даст намеорад. Ҳар насл бояд онро бо кору амалҳои созандаи худ сазовор шавад. Насли солҳои навадуми қарни гузашта онро бо сулҳу баҳои ҷон ҳифз кард. Насли имрӯз бояд онро бо дониш, меҳнат, созандагӣ, масъулият ва рақобатпазирӣ неруманду пешрав кунад.

***

Замоне фаро мерасад, он падар, ки шаби ҷанг фарзандашро ба оғӯш гирифта буд, дигар дар миёни мо нахоҳад буд.

Писараш пир мешавад. Набераш падар мешавад. Шояд солҳои 2050 ё 2060 фарзанди худро субҳ ба мактаб ҳидоят кунад.

Ӯ ҳам ташвиш хоҳад дошт. Аммо мо имрӯз намедонем, ташвиши ӯ чӣ хоҳад буд. Шояд дар бораи технологияҳои нав, шояд дар бораи илм, шояд дар бораи рақобати иқтисодӣ, шояд дар бораи масъалаҳое, ки имрӯз ҳатто тасаввур карда наметавонем, фикр мекунад? Муҳим он аст, ки ӯ дигар маҷбур нашавад ба саволи бобояш баргардад: «Оё фарзандонам то пагоҳ зинда мемонанд?»

Агар ин савол дигар ҳеҷ гоҳ ба зиндагии тоҷик барнагардад, пас, сулҳ рисолати худро иҷро кардааст. Агар ҳар насли нав нисбат ба насли пешин орзуҳои бузургтар дошта бошад, Истиқлол рисолати худро бо маром идома медиҳад. Ва агар фарзандони мо давлатеро, ки аз падаронамон мерос гирифтаем, нерумандтар ба фарзандони худ супоранд, мо низ вазифаи худро иҷро кардаем. Шояд ҳамин аст маънои амиқи сию панҷ соли гузашта.

Як насл замоне аз тарси ҷон ба кишвари дигар фирор мекард. Насли дигар ба орзуи фардо гомҳои устувор мегузорад.

Дар байни ин ду насл давлате қарор дорад, ки аз ҷанг ба сулҳ, аз парокандагӣ ба ваҳдат, аз нигаронии бақою ҳастии хеш ба рушду пешрафт расидааст. Ва дар маркази ин таҳаввулоти сарнавиштсоз марде бо номи Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифт, ки дар душвортарин лаҳзаи таърих масъулияти давлатро ба дӯш гирифт ва роҳи сиёсии худро аз баргардондани мардумони кишвараш ба хона, аз оштӣ додани неруҳои ба ҳам зид ва аз барқарор кардани эътимод ба фардо оғоз кард.

Аз ҳамин рӯ, шояд Истиқлолро набояд танҳо бо он чизе андоза кунем, ки дар ин сию панҷ сол сохтаем. Бояд аз рӯйи он ҳам рақамзанӣ кунем, ки дар ин сию панҷ сол орзуҳои мо чӣ қадар дигар шуданд.

... Падар барои он мубориза бурд, ки фарзандаш зинда монад. Писар бояд барои он талош кунад, ки фарзандаш сазовори Тоҷикистони шукуфою пешрафта бошад. Ва шояд тамоми фалсафаю ҳикмати давлатдории мо дар ҳамин гузариши кӯтоҳу азим нуҳуфта бошад: аз тарси дирӯз то орзуи фардои дурахшон...

Эҳсон САФАРЗОДА,
номзади илми филология

МАОРИФ ДАР РАҚАМҲО

МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ (ҳазор нафар)

Сол	Шумораи муассисаҳо	Теъдоди кӯдакон (ҳазор нафар)
1991-1992	944	141,5
1992-1993	822	115,4
1993-1994	792	114,4
1994-1995	790	108,9
1995-1996	555	78
1996-1997	601	71,3
1197-1998	562	61,6
1998-1999	562	56
1999-2000	523	51,6
2000-2001	502	53,4
2001-2002	501	57,8
2002-2003	496	59,8
2003-2004	494	63
2004-2005	492	61,9
2005-2006	486	62
2006-2007	485	61,2
2007-2008	482	61
2008-2009	485	57
2009-2010	487	58,7
2010-2011	488	62,4
2011-2012	494	67,8
2012-2013	508	74,4
2013-2014	527	80,4
2014-2015	550	85,7
2015-2016	578	92,0
2016-2017	602	91,1
2017-2018	615	93,1
2018-2019	636	96,6
2019-2020	662	102,2
2020-2021	678	97,1
2021-2022	696	101,1
2022-2023	707	102,5
2023-2024	717	104,9
2024-2025	744	114
2025-2026	795	127,9



МАРКАЗҲОИ ИНКИШОФИ КӮДАК (ҳазор нафар)

Сол	Шумораи муассисаҳо	Теъдоди кӯдакон
2015-2016	1412	36,1
2016-2017	1647	43,4
2017-2018	1671	43,7
2018-2019	1697	46,3
2019-2020	1771	49,7
2020-2021	1764	49,3
2021-2022	1808	51,2
2022-2023	2111	68,9
2023-2024	2381	96,5
2024-2025	2881	131,3
2025-2026	3154	182,7

То 1 июни соли 2026 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 театри халқӣ, 2 театр-студия, 5 амфитеатр ва 18 театри касбӣ ба қайд гирифта шудааст.

Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо имрӯз ҳамқадами дигар кишварҳои мутараққии олам ба сӯйи ояндаи дурахшону ободи худ бо қадамҳои устувор пеш меравад.
Эмомалӣ Раҳмон

ЧОРАБИНӢ



БУВАД ПОЯНДА ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИК!

Ҳамоиши тантанавӣ, муаррифии асарҳои тозанашр ва ҷамъбасти озмуни ҳафтаномаи «Омӯзгор»

4 сентябри соли равон дар ҳафтаномаи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Бувад поянда Истиқлоли тоҷик!» ҳамоиши тантанавӣ баргузор гардид. Дар он муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомид Ҳошимзода, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Шоҳмансур Нилуфар Каримзода, раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Зинатуллоҳ Исмоилзода, устодону омӯзгорон ва доираи васеи кормандони нашрия иштирок намуданд.

Ҳамоишро сармуҳаррири ҳафтаномаи «Омӯзгор» ифтитоҳ намуда, оид ба моҳият ва мафҳуми истиқлолу озодӣ суханронӣ карда, Истиқлоли давлатиро бузургтарин дастоварди миллӣ, заминаи сулҳу субот ва омили асосии муваффақияту пешрафти тамоми соҳаҳо, махсусан, соҳаи маориф арзёбӣ намуд.

Муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода иброз дошт, ки Истиқлоли давлатӣ дастоварди беназири мардуми тоҷик маҳсуб ёфта, дар оғози солҳои навадуми асри XX ба даст омад. Ба шарофати барқарор гардидани сулҳу субот барои пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ имконияту шароити мусоид фароҳам омад. Маҳз бо ташаббусу дастгириҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пояҳои истиқлол устувор гардида, сулҳу субот таҳким ёфт ва маориф ҳамчун соҳаи афзалиятнок эътироф гардид. Дар ин замина, корҳои бузург анҷом дода шуданд. Имрӯз маорифи кишвар ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, сифати таълим беҳтар шудааст, бунёду навсозии муассисаҳои таълимӣ вусъат ёфта, таъмини онҳо бо китобу дастурҳои таълимӣ дар сатҳи баланд ба роҳ монда шудааст. Хонандагону донишҷӯёни тоҷик дар озмуну олимпиадаҳои байналмилалӣ ҷойҳои намоёнро соҳиб мешаванд ва низоми маорифи кишвар пайваста ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ мегардад.

Зикр гардид, ки нақши ҳафтаномаи «Омӯзгор» низ дар ин раванд калон аст. Нашрия дар тарғиби сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат, мусоидат ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, баррасии мушкилоти соҳа, муаррифии омӯзгорони фидоӣ ва татбиқи барномаҳои давлатӣ хидмати арзанда анҷом медиҳад.

Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шоҳмансур Нилуфар Каримзода зикр намуд, ки маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ низоми давлатдории миллӣ ташаккул ёфта, барои зиндагӣ ва фаъолияти озодонаи мардуми кишвар шароити мусоид муҳайё гардид. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон низ зодаи даврони истиқлол буда, бо дастуру ҳидоятҳои Раиси ҲХДТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар татбиқи ормонҳои истиқлол, таҳкими сулҳу субот ва таъмини зиндагии шоистаи мардум саҳми босазо мегузорад. Аз ин рӯ, фаъолияти ҳизб ба таҳкими истиқлолу озодӣ, пойдории сулҳу субот ва пешрафту шукуфоии бештари Тоҷикистон равона шудааст.

Раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Зинатуллоҳ Исмоилзода таъкид кард, ки маҳз ба шарофати Истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ мавқеи шоистаи худро пайдо намуд. Бо ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ боло рафта, Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои муҳимми ҷаҳонӣ саҳми назаррас мегузорад. Ҳамчунин, дар даврони соҳибистиқлолӣ воситаҳои ахбори омма рушд карда, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти онҳо такмил ёфтанд. Барои таъсиси нашрияҳои мустақил имконият фароҳам омад ва онҳо дар фазои иттилоотии кишвар мавқеи намоён пайдо карданд. Дар шароити пуртазоди ҷаҳони муосир масъулияти воситаҳои ахбори омма боз ҳам бештар гардида, аз аҳли қалам тақозо мешавад, ки фаъолияти худро вусъат бахшида, дар ҳифзи арзишҳои миллӣ, таҳкими истиқлолу озодӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ саҳми шоиста гузоранд.

Сипас кормандони нашрия Ҷ. Қиёмиддин, М. Ғанизода, М. Қурбонзода ва И. Тилабова дар васфи истиқлолу озодӣ андешаҳои худро баён намуда, ғазалу шеърҳо қироат карданд.

Дар қисми дуюми ҳамоиш асарҳои тозанашре муаррифӣ гардиданд, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илм ва ҳафтаномаи «Омӯзгор» ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ба табъ расидаанд.

Нахуст китоби Раҳим Саидзода, Ҳомид Ҳошимзода, Аҳмадҷон Раҳмонзода ва Эҳсон Сафарзода «Рушди маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ» муаррифӣ шуд. Дар ин китоб самтҳо, хусусиятҳо ва ҳадафҳои рушди маориф, ки соҳаи афзалиятноку меҳварии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст, баррасӣ, таҳлил ва тавзеҳ ёфтаанд. Муаллифон аз далелу арқоми боэътимод истифода карда, собит намудаанд, ки соҳаи маориф дар давоми 35 соли Истиқлоли давлатӣ ба таври бесобиқа рушд карда, ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Ҳамзамон, саҳми аҳли маориф дар татбиқи сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзёбӣ шудааст.



Китоби «Сармуҳаррирони «Омӯзгор»» ба таърихи пурифтихори яке аз куҳантарин ва бонуфузтарин нашрияҳои Тоҷикистон ва нақши сармуҳаррирони он дар ташаккулу рушди матбуоти соҳавӣ бахшида шудааст. Меҳвари китобро зиндагинома, фаъолияти касбӣ ва хидматҳои сармуҳаррироне ташкил медиҳад, ки дар давраҳои гуногун роҳбарии нашрияро ба уҳда дошта, дар таҳкими мавқеъ ва боло бурдани эътибори он саҳми арзанда гузоштаанд.

Маҷмуаи «Дурахши маориф дар замони истиқлол» гулчини навиштаҳои устодону омӯзгорон, муҳаққиқон, рӯзноманигорон, хонандагону донишҷӯёнро фаро мегирад, ки ба озмуни «Рушди маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ» пешниҳод гардидаанд. Навиштаҳо сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, корномаи аҳли маориф дар таҳкими Истиқлоли давлатӣ, марҳалаҳои рушди соҳа, фаъолияти фидокорони маориф, дастовардҳои кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ, ислоҳоту навгониҳои соҳа ва мақому мартабаи аҳли таълиму тарбияро инъикос мекунанд.

Дар идома ғолибони озмуни ҷумҳуриявии «Рушди маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ» муайян ва қадрдонӣ гардиданд. Озмун аз ҷониби ҳафтаномаи «Омӯзгор» дар ҳамбастагӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо ҳадафи тавзеҳу баррасӣ ва муаррифии густурдаи марҳалаҳои рушди маорифи ҷумҳурӣ, инчунин, инъикоси дастоварду навгониҳои соҳа барои беҳтарин асарҳои публитсистӣ роҳандозӣ шуда буд.

Ҳамин тариқ, Маҳина Ёғибекова – омӯзгори Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Фурӯғи илм»-и ноҳияи Рӯдакӣ сазовори ҷойи якум, Озода Набиева – муҳаррири рӯзномаи «Набзи Деваштич»-и ноҳияи Деваштич сазовори ҷойи дуюм ва Фарзона Исмоилова – устоди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ сазовори ҷойи сеюм гардиданд. Ба ғолибон ифтихорнома ва мукофотпулӣ тақдим карда шуд.

Ҳамчунин, як қатор кормандони ҳафтаномаи «Омӯзгор» ва замимаи он барои кӯдакону наврасон «Пайрав» барои фаъолияти пурсамар бо ифтихорномаву сипосномаҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шоҳмансур, Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва ҳафтаномаи «Омӯзгор» қадрдонӣ шуданд.

Дар анҷом ҳунармандон – донишҷӯёни Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов бо иҷрои таронаву сурудҳо дар васфи истиқлолу озодӣ, ватандӯстӣ ва сулҳу субот табъи ҳозиринро болида гардонданд.

Насриддин ОХУНЗОДА,
«Омӯзгор»

Омили рушди давлатдорӣ

Барои мардуми тоҷик Истиқлоли давлатӣ аҳаммияти хос дорад. Дар таърихи чандинҳазорсолаи давлатдории тоҷикон давраҳои гуногуни ташаккул ва рушди давлатҳои миллӣ вуҷуд доштаанд. Яке аз давраҳои муҳимтарини давлатдории тоҷикон, замони давлатдории Сомониён мебошад, ки дар он фарҳанг, илму маориф, иқтисод ва давлатдорӣ ба сатҳи баланди рушд расида буданд. Аз ин рӯ, ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар соли 1991 барои мардуми тоҷик имконияти таърихии эҳёи давлатдории миллӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории муосирро фароҳам овард.

Дар шароити истиқлол рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси ҳадафҳои стратегии давлат амалӣ карда мешавад. Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатии Тоҷикистон, таъмини истиқлоли энергетикӣ мебошад. Дар ин самт, бунёд ва ба истифода додани иншооти бузурги энергетикӣ, аз ҷумла, НБО-и «Сангтӯда-1» ва НБО-и «Сангтӯда-2», инчунин, сохтмони хатҳои баландшиддати интиқоли барқ анҷом дода шуданд.

Бунёди хатҳои интиқоли барқи «Ҷануб-Шимол», «Лолазор-Хатлон» ва хатти интиқоли барқи Тоҷикистону Афғонистон дар самти Сангтӯда-Пулихумрӣ барои ташаккули низоми ягонаи энергетикии кишвар заминаи мусоид фароҳам оварданд. Ҳамзамон, татбиқи лоиҳаи минтақавии интиқоли неруи барқ «CASA-1000» имконоти Тоҷикистонро дар самти рушди ҳамкориҳои энергетикӣ ва содироти неруи барқ ба кишварҳои минтақа васеъ намуд.

Дар давраи истиқлол масъалаҳои таҳкими давлатдорӣ, таъмини амнияти миллӣ, рушди иқтисодӣ, таҳкими истиқлоли энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ муайян гардиданд.

Шамъигул ЯҚУБОВА,
омӯзгори МТМУ №53-и
шаҳри Кӯлоб

МЕҲРИ ВАТАН

Тоҷикистони азизам, кишвари озодаам,
Ман ба обу хоки ту пайвастаам, дилдодаам.
Шуҳрату шони ту бошад аз бароям ифтихор,
Баҳри ҳифзат аз ҳама бадтинатон омодаам.
Тоҷикистони азизам, бош доим комёб,
Хиттаи сулҳу амонӣ, мулки донишу китоб.
Аз сари меҳру муҳаббат, бо виқору ифтихор
«Зинда бодо Тоҷикистон!» - мекунам ҳар ҷо хитоб.

Саодат ФАТҲУЛЛОЕВА,
омӯзгори собиқадор

ВАСФИЯ

Ватан, ширинтарин ҳарфи забонам,
Шуда меҳри ту ҷо дар ҷисму ҷонам.
Ба ҳангоми набарди зиндагонӣ
Бубахшад ишқи ту зӯру тавонам.
Ту дорӣ реша бар таърихи дерин,
Нишонӣ з-ориёни бостонам.
Надонад қадри ту гар носипосе,
Варо ман ҳамватан ҳаргиз нахонам.
Ба васфат, эй макони ишқу ирфон,
Бувад ин меҳрнома армуғонам.

Муҳиддин ЯТИМОВ,
омӯзгори МТМУ №31-и
ноҳияи Файзобод

Китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ба забони олмонӣ нашр гардид.

ҲАДИСИ ИСТИҚЛОЛ

Мактаби бузурги давлатдорӣ ва худшиносии миллӣ

Барои мардуми тоҷик 9 сентябри соли 1991 ҳамчун рӯзе, ки ба ормони деринаи соҳибдавлатӣ расид, дар саҳифаҳои таърих бо ҳарфҳои заррин сабт шудааст. Аммо истиқлол дар солҳои нахустини худ бо озмоишҳои сахт рӯ ба рӯ гардид. Ҷанги шаҳрвандӣ ба суботи сиёсӣ ва ҳастии давлат таҳдид мекард. Дар чунин вазъияти тақдирсоз Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд. Ин рӯйдод дар барқарорсозии сохти конститутсионӣ, таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва гузоштани заминаҳои сулҳу вахдати миллӣ нақши муҳим бозид.

Ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон бо иштирокчии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи археология, этнография ва диншиносии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Сафар Эркаев суҳбате оростем.

– Устоди азиз, мо дар остонаи таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем. Шумо ҳамчун иштирокчии Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ ин марҳалаи муҳимро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

– 9 сентябри соли 1991 бо қабули Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кишвар роҳи мустақили давлатдориро интихоб намуд. Аммо солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои мардуми Тоҷикистон давраи ниҳоят сангин буд. Ҷанги шаҳрвандӣ хатари аз байн рафтани давлат, пароканда шудани миллат ва аз даст рафтани истиқлоли миллиро ба миён овард.

Дар чунин шароити ҳассос Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор гардид. Ман ҳамчун иштирокчии Иҷлосияи тақдирсоз бо итминон гуфта метавонам, ки он дар таърихи давлатдории навини тоҷикон ҷойгоҳи махсус дорад. Қарорҳои қабулшуда дар он иҷлосия барои барқарор намудани ҳокимияти конститутсионӣ, таъмини сулҳу субот ва ҳифзи давлатдории миллӣ замина гузоштанд.



Аҳамияти иҷлосия, пеш аз ҳама, дар он буд, ки дар лаҳзаи барои давлат ва миллат ниҳоят тақдирсоз роҳ ба сӯйи наҷоти давлатдорӣ кушода шуд. Дар ҳамон рӯзҳо ҷомеа ба як сарҷамъии миллӣ ниёз дошт.

Интихоби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шурои Олӣ ва баъдан интихоб шуданашон ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 барои идомаи раванди давлатсозӣ ва таҳкими сулҳу субот заминаи муҳим фароҳам оварданд.

Суханони Сарвари кишвар дар Иҷлосияи XVI – «Ман кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард» ва «Ман барои шумо сулҳ меоварам» барои ҷомеаи он рӯзҳои вазнин паёми умедбахш буд. Баъдтар раванди музокироти сулҳ ва имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ки 27 июни соли 1997 ба вуқуъ пайваст, дурустии роҳи интихобшударо собит кард.

– Шумо ҳамчун таърихнигор 35 соли истиқлолро аз нигоҳи марҳалаҳои таърихӣ чӣ гуна гурӯҳбандӣ мекунед?

– Ба андешаи ман, ин давраи таърихиро метавон ба се марҳалаи асосӣ ҷудо кард.

Марҳалаи аввал – аз эълони Истиқлол дар соли 1991 то Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ. Ин давраи буҳрони сиёсӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва таҳдиди аз байн рафтани давлатдорӣ буд.

Марҳалаи дуюм – аз Иҷлосияи XVI то имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ дар соли 1997. Дар ин давра асосан масъалаҳои барқарорсозии сохторҳои давлатӣ, таъмини сулҳу субот, бозгардонии гурезаҳо ва фароҳам овардани заминаҳои вахдати миллӣ ҳал шуданд.

Марҳалаи сеюм аз соли 1997 оғоз шуда, то имрӯз идома дорад. Ин марҳалаи бунёдкорӣ, созандагӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳкими давлатдорӣ ва болоравии мақоми Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Сулҳу вахдати миллӣ заминаи асосии рушди минбаъдаи Тоҷикистон гардид. Бе сулҳ бунёдкорӣ, рушди маориф, илм, иқтисод, фарҳанг ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа имконнопазир буд. Пас аз истиқрори сулҳ давлат тавонист сохторҳои фалаҷшудаи ҳокимиятро барқарор кунад, шароити бозгашти гурезаҳоро муҳайё созад ва ба барқарорсозии иқтисоди кишвар шуруъ намояд.

Аз ин рӯ, истиқлол ва вахдати миллӣ ду арзиши ба ҳам пайванди давлатдории мо мебошанд. Ҳифзи онҳо вазифаи ҳар як шаҳрванди кишвар аст.

– Дар масъалаи рисолати муассисаҳои таълимӣ, тарбияи ҷавонон ва омӯзиши таърихи ҳифзи истиқлол чӣ андеша доред?

– Нақши ҷавонон дар ҳифзи истиқлол хеле бузург аст. Ҷавони босавод, соҳибкасб, ватандӯст ва дорои ҷаҳонбинии васеъ метавонад барои рушди давлат саҳми назаррас гузорад. Имрӯз ҷавонон имкониятҳои зиёди таҳсилу омӯзиш доранд.

Мо бояд ба ҷавонон танҳо дар бораи дастовардҳо нақл накунем, балки онҳоро бо мушкилоти роҳи истиқлол низ шинос намоем. Он гоҳ онҳо арзиши сулҳ, вахдат ва истиқлолро амиқ дарк мекунанд.

Омӯзгор бояд дар қалби шогирд эҳтиром ба Ватан, масъулиятшиносӣ ва эҳсоси хидмат ба ҷомеаро бедор созад. Ин кор бо суханҳои хушку холӣ не, балки бо дониш, далелҳои таърихӣ ва рафтору гуфтори шахсии омӯзгор натиҷаи бештар медиҳад.

Омӯзиши таърихи истиқлол аҳаммияти бузург дорад. Касе, ки таърихи худро намедонад, наметавонад арзишҳои имрӯзаро пурра дарк кунад. Хонандаи имрӯз бояд бидонад, ки истиқлол дар кадом шароит ба даст омад, солҳои аввали он чӣ гуна буданд, чаро вахдати миллӣ барои Тоҷикистон аҳаммияти ҳаётӣ дошт ва чӣ гуна кишвар ба марҳалаи созандагӣ расид.

– Ҳамчун таърихшинос ба мероси фарҳангии миллат низ таваҷҷуҳ доред. То кадом андоза мероси миллӣ метавонад ба тарбияи ватандӯстии ҷавонон мусоидат кунад?

– Миллати тоҷик таърихи ҳазорсола ва мероси ғании фарҳангӣ дорад. Ёдгориҳои таърихӣ, осори донишмандон, адабиёт, мусиқӣ, ҷашнҳои миллӣ ва анъанаҳои мардумӣ барои ташаккули худшиносии миллӣ заминаи хуб фароҳам меоварад.

Вақте ки ҷавонон таърихи гузаштагони худро меомӯзанд, дар вуҷудашон ҳисси ифтихор ва масъулият бештар пайдо мешавад. Аммо ин ифтихор бояд ба меҳнату фаъолияти созанда табдил ёбад.

Миллате, ки таърихи худро медонад, ба ояндаи худ боэътимод менигарад.

Аз ин рӯ, дар муассисаҳои таълимӣ омӯзиши таърих ва фарҳанги миллӣ бояд мутобиқ ба талаботи замон ба роҳ монда шавад.

– Барои ҳифзи Истиқлоли давлатӣ ҳар як шаҳрванди кишвар чӣ нақше гузошта метавонад?

– Ҳар кас метавонад дар мавқеи худ дар рушди Ватан саҳм гузорад. Яке бо дониш, дигаре бо меҳнати ҳалол, сеюмӣ бо тарбияи дурусти фарзанд ва дигаре бо хидмати содиқона ба ҷомеа.

Агар ҳар як шаҳрванд вазифаи худро софдилона иҷро кунад, ба қонун эҳтиром гузорад, Ватанро дӯст дорад ва барои ободии он саҳм гузорад, истиқлоли мо боз ҳам устувортар мегардад. 35 соли Истиқлоли давлатӣ барои Тоҷикистон давраи пур аз рӯйдодҳои муҳим, сабақҳои таърихӣ ва дастовардҳои созанда буд.

Истиқлол саҳифаи заррини таърихи навини миллат мебошад. Муҳим он аст, ки ин саҳифаро бо корҳои неку созанда, дастовардҳои илмӣ, тарбияи насли шоиста ва хидмати содиқона ба Ватан боз ҳам пурғановат гардонем.

Суҳбатнигор
Нуъмон РАҶАБЗОДА,
«Омӯзгор»

Яке аз дастовардҳои бузурги даврони соҳибистиқлолӣ, ба сулҳу ваҳдат ва ризоияти умумӣ муваффақ гардидани миллати тоҷик мебошад. Ин нуктаро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид кардаанд: «Маҳз хиради азалӣ ва фарҳанги сулҳофари миллати шарафманди тоҷик буд, ки баъди ҳазор сол мо имкон пайдо намудем, то ба ҷомеаи башарӣ бо асолату ҳувияти миллии худ ворид гардем ва дар он мақоми шоиставу сазовори худро соҳиб шуда, манфиатҳои миллиамонро ҳимоя намоем. Мо бояд ин имконияти дар ҳақиқат таърихиро бисёр масъулона ва басо оқилона истифода намуда, истиқлоли Ватан, ягонагӣ ва ваҳдати миллиро таҳкими ҳамаҷониба бахшем».

Истиқлоли мо безавол аст

Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Тоҷикистон дар шаҳри бостонии Хуҷанд оғози барқарории қонуният ва адолат дар кишвар гардид. Интихоби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун Раиси Шурои Олӣ равзанаи нуре гардид барои ояндаи неки тоҷикон. Шуълаи умедеро ба ояндаи норавшан дар дили пур аз ноумеди мардуми тоҷик фурӯзон кард. Ваъдаи қатъии ба Ватан баргардондани гурезаҳои сарсону саргардон ва таъмини сулҳу оромии кишвар, ваҳдату ягонагии мардумони Тоҷикистон аз ҷониби Раҳбари ҷавони тоҷикон дилҳоро гарм кард. Охируламр тоҷики парешону бе сару сарвар ҳайрон дар симои ҷавони дур аз бозиҳои пасипардагии сиёсатмардони дар кураи бозиҳои сиёсӣ пухта роҳбару роҳбаладеро пайдо кард, ки бо амалаш устувории хешро ба лафзу ваъдааш собит месохт.

Сарвари давлати соҳибистиқлоли тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷон ба каф гирифта, ба сангарҳои муҳлик рафта, сулҳу ваҳдатро шиор намуда, мардуми парешонгаштаро ба ҳам оварда, оташи ҷангро хомӯш карда, ба ин васила, истиқлоли ҷумҳуриро ҳифз бинмуданд ва роҳ ба сӯйи созандагию бунёдкориро ҳамвор сохтанд…

Дар натиҷа, обрӯву нуфузи давлати тоҷикон рӯз ба рӯз афзуда, суханроиву пешниҳодҳои Сарвари кишвар мавриди таваҷҷуҳи созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва сиёсатмадорони маъруфи олам қарор гирифтанд.

Ба туфайли заҳмату меҳнати пайгиронаи Пешвои миллат, аҳли ҷаҳон тоҷиконро чун мардуми фарҳангофарину сулҳпарвар, бунёдкору созанда шинохтанд.

Обрӯю эътибори Сарвари давлат дар дохили ҷумҳурӣ ва дар арсаи байналмилалӣ албатта, обрӯю эътибори миллат аст. Вале ҳанӯз ҳам ҳастанд қуввахое, ки аз ин болоравии обрӯю эътибори Ватани мо дар ҳаросанд. Бо ҳар роҳу восита кӯшиш мекунанд, ки ваҳдати моро халалдор карда, обрӯю эътибори халқу Ватани моро паст зананд. Бинобар ин, замоне расидааст, ки мо, фарзандони миллат, аз ҳарвақта дида содиқона дар атрофи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун фарди ватандӯст, яктану якдил муттаҳид шавему бахри боз ҳам қавитар гардонидани ваҳдати миллӣ, ободии Ватан ва пешрафти ҷомеа талош варзем. Чунин амали мо пойдевори ҷомеаи навини демократиро мустаҳкам намуда, истиқлоламонро безавол месозад.

Фарзона НАЗИРОВА,
омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики МТМУ №47-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ

МАОРИФ ДАР РАҚАМҲО

МАЪЛУМОТНОКИИ ОМӮЗГОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ (ҳазор нафар)

Сол	Теъдоди омӯзгорон	Маълумоти олӣ	Олии нопурра	Миёнаи касбӣ	Миёнаи умумӣ
1991-1992	95	76,6	14,1	5	
1992-1993	97,4	76,6	15,1	4,8	
1993-1994	97	74,7	17,6	4,8	
1994-1995	92,9	72,2	17	4,3	
1995-1996	92,8	68,8	14,1	4,6	
1996-1997	92,6	67,1	15,2	5,7	
1197-1998	91,3	63,9	17,3	4,7	
1998-1999	94,9	64,5	16,9	4,8	
1999-2000	96,8	63,8	16,3	4,7	
2000-2001	98,5	63,4	19,2	4,5	
2001-2002	100,2	62,4	22,1	5	
2002-2003	101	63,1	23,2	4,5	
2003-2004	101,5	64	22,9	4,8	
2004-2005	99,1	61,9	22,3	4,8	
2005-2006	98,9	62,3	23,6	4,7	
2006-2007	99,4	61,6	25,7	5	
2007-2008	96,1	58,8	25,4	5,8	
2008-2009	94,9	52,5	23,9	6,7	
2009-2010	94,2	59,5	24	6,1	
2010-2011	94,6	61,0	5,3	23,8	4,4
2011-2012	94,2	59,5	6,2	24,0	4,5
2012-2013	97,9	64,8	4,6	24,1	4,5
2013-2014	100,9	67,7	4,4	24,1	4,7
2014-2015	104,0	70,6	4,7	24,3	4,4
2015-2016	110,3	75,8	5,9	24,9	3,7
2016-2017	117,0	81,4	6,9	25,5	3,0
2017-2018	120,6	85,6	7,4	25,2	2,4
2018-2019	123,3	89,1	7,4	24,5	2,2
2019-2020	124,6	92,2	7,4	23,2	1,8
2020-2021	130,5	98,4	6,9	23,4	1,7
2021-2022	128,8	98,7	5,9	22,1	1,9
2022-2023	126,3	96,2	5,9	21,8	2,2
2023-2024	127,6	97,2	6,7	21,6	1,9
2024-2025	130,7	100,5	6,7	21,6	1,9
2025-2026	136,1	100,5	6,7	22,5	0,3

ТАМАННО

Он, ки дилаш зи Истиқлоли
Ватан шод аст, манам,
Он, ки варо кишвари
осудаву обод аст, манам.
Он ки бифахрад ӯ аз миллати
тоҷик буданаш,
Шукргузор аз халқу давлати
озод аст, манам.
Он, ки болои сараш парчами
иқбол парафшон,
Он, ки ӯро хидмат ба Ватан
пояи бунёд аст, манам.
Он, ки меҳри дилаш пайванд
ба обу хоки Меҳан,
Ё зи ҳар ғунчаи бишкуфта дил-
шод аст, манам.
Он, ки зи Истиқлол сабақи
ватандорӣ гирифт,
Баҳрабардор аз ин мактабу
устод аст, манам.
Он, ки раҳаш дурахшон
зи нури поки Истиқлол,
Он, ки шукргузор аз ин
бахти Худодод аст, манам.

ШУКРИ ИСТИҚЛОЛ

Шукри Истиқлолу сулҳи пойдор
кунем,
Аз миллату Меҳани худ ифтихор
кунем.

Тоҷикистон азизу муқаддас ба мо,
Дар ҳифзи марзу бумаш ҷон
нисор кунем.

Аз кору ҳиммати мо обод шавад
Ватан,
Неруи давлати худро устувор кунем.

Бобохон ҚАЮМОВ,
омӯзгор аз шаҳри Исфара

Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҷузъиёти баргузории Конфронси оби СММ-2028 дар Душанбе қатънома қабул намуд.

СИТОИШ

Агар аз ман пурсед, ки аз ҳама ширинтарин, зеботарин маҳбубтарин, умедбахшу боварбахштарин, тароватбортарин сафодортарин..., хуллас, муқаддастарин вожа кадом аст, чӣ посух умедворед бишнавед? Албатта, метавон гуфт: модар, метавон гуфт: Меҳан, метавон нону ишқу озодӣ гуфт..., аммо ман гумон мекунам вожае ҳаст, ки ҳама ин вожаҳои муқаддасро дар худаш барои мо ба якборагӣ таҷассуми дурахшон ва мондагор бахшидааст ва ин вожа вожаи шаҳдрезу заррину тилоии Тоҷикистон аст. Тоҷикистон!

Ин вожа ҳам дар оҳанги баён ва ҳам дар мовароии маъниҳояш он қадар нуру сур дорад, ки кофист онро ба забон ореду аз шуниданаш дилҳо, табъҳо, дунё равшан шавад, атрофу акноф бишукуфад, моро муҳаббату самимияту нишот фаро бигирад. Оре, чунин сеҳре дорад ин вожа: Тоҷикистон!

Вожае, ки таровати гулҳову хониши мурғону накҳати обҳои зулолу шукӯҳи қуллаҳои осмонбӯсро дар худ таҷассум кардааст. Вожае, ки таҷассуми сиёсии як халқи некманиш, як миллати соҳибтамаддун, як халқи содиқ ба асолати инсонии хеш аст.

Вожае, ки дар ҳавояш офтоби чеҳраи бузургону нобиғагони ҷаҳонӣ ҷавлон мезанад. Вожае, ки миллати бегазандаш Сиёвушвор аз байни обу оташи асрҳои хунин гузаштаву бегазанд мондааст. Миллате, ки дастовези беҳтарини таърихияш китоб аст, яъне, илму фарҳангу маърифат. Чаро ифтихору сарфарозӣ накунем бо чунин Ватан ва чунин миллат, бо чунин бузургону чунин таърихи ифтихорангез!?

Ман мегӯям: «Тоҷикистон» ва аз ин вожа на танҳо сиришти ман, балки ҳама акнофу атроф, ҳама дунё дурахшон мешавад. Мисли он ки офтобе мебарояду оламро дар оғӯши гармаш мегирад, мисли он ки соиқае мебарояду табъҳоро, дилҳоро, роҳҳоро рӯшан месозад, мисли он ки накҳати умеду муҳаббат, ишқу бовар ба ҷонҳо фараҳ меоварад. Чӣ сеҳрангез вожаест ин вожа: Тоҷикистон!

Тоҷикистон, яъне, хайр, некӣ, саодат; Тоҷикистон, яъне, сарчашмаи ойинҳои ҷавонмардӣ, мактаби родиву футувват; Тоҷикистон, яъне, беҳтарин суннату ойинҳои башар; Тоҷикистон, яъне, маншаи санъату ҳунар, шеъру суруд, нуқлу наво; Тоҷикистон, яъне, шукуфоӣ, созандагӣ бунёдкорӣ, амният; Тоҷикистон, яъне, Наврӯз, Меҳргон, Тиргону Сада!

Тоҷикистон, яъне, Одамушшуаро Рӯдакӣ, шеъри оламгири бузургони мо, Тоҷикистон, яъне, даҳҳо нобиғаи илми ҷаҳонӣ дар таърихи башар.

Тоҷикистон, яъне, фурӯғи Зардуҳишт, «Авасто»-зербуни хиради ҷовидона!

Тоҷикистон, яъне, миллати дар даст «Шоҳнома»-и безавол, миллати дар даст дирафши ковиёнӣ, миллати Шерак, миллати Испитамон, миллати бунёдгузори ойинҳои ҷавонмардӣ!

ВОЖАЕ ДАР ПАРТАВИ НУРУ НАВИД

Тоҷикистон, яъне, ту, яъне ман, яъне, мо!

Вожае, ки охирин умед ва ягона муттакои мо дар зиндагист! Вожае, ки моро зинда медорад, ба мо неру ва бовар мебахшад, намегузорад навмед бошем: Тоҷикистон! Вомедорад, ки бо сари баланд зиндагӣ ва эҷод кунем!

Тоҷикистон обидаи мо, қиблагоҳи мо, таҷассуми ҳама муқаддасоти мо!

ТОҶИКИСТОН!

Вожае, ки бо шамими ҳулбаву райҳон
Накҳати оби равон дорад,
Вожае, ки нусрату файзу саодат
З-остон то осмон дорад.

Вожае, ки дар навояш андалебон месароянд,
Вожае, ки дар ҳавояш ишқ мерақсад,
Вожае, ки метаровад аз нафасҳояш
Ҳикмати сад асри таърих..

Вожае, ки дар самояш
Меравад арғушт
Ҳикмати дунё ба садҳо пушт....

Вожае андар радифи дил,
Вожае андар радифи ҷон
Тоҷикистон!
Тоҷикистон!

Аввалину охирин ҳарфам, ки чун савганди олист,
Аввалину охирин ишқам, ки ҳукми лоуболист,
Аввалину охирин уммед,
Аввалину охирин армон,
Аввалину охирин изҳори ишқи ман ба ҷонон,
Вопасин ҳарфам ба вақти рафтани ҷон
Тоҷикистон!
Тоҷикистон!

Вожае дар партави ихлоси Додор,
Вожаи изҳори ишқи ёр,
Вожае мисли қасам, мисли ниёиш,
Вожае андар радифи шири поки модарон -
Тоҷикистон!

Вожае, ки дар сиришти мо муҳаббатпарвар аст,
Вожае, ки аз тамоми вожаҳо болотар аст,
Аз тамоми рангҳо озинтар аст,
Аз тамоми қандҳо ширинтар аст,
Вожае, ки парчами шодӣ, дирафши бовар аст!

Вожае, ки дар ҳавои худ муҳаббат мебарад,
Вожае, ки аз замин то осмон нури саодат мебарад,
Вожае андар радифи панди пирон,
Мебарад андар сиришташ файзу эҳсон
Вожае, ки ҳаст исми кишвари озодагон -
Тоҷикистон!
Тоҷикистон!

Вожае, ки бар сари мо ҳаст тӯмори балогардон!
Вожаи бахшандаи эҳсон!
Вожаи армон,
Вожаи имон -
Тоҷикистон!

Вожае, ки исми ту, исми ман аст, исми ниёкон,
Вожае, ки дар сиришти мо
Ҷойи ҷон аст, ҷойи ҷон аст, ҷойи ҷон -
Тоҷикистон!
Тоҷикистон!

ЭҲЁИ ВАТАН

Шуълавар дар само вожаи сию панҷ,
Сию панҷи раҳо аз ғаму дарду ранҷ.

Сию панҷи шараф, сиюпанҷи мурод,
Сию панҷи шааф, ҳадяи адлу дод.

Сию панҷ азми мо, назми мо, разми мо,
Сию панҷи умед, сию панҷи раҳо.

Ҷоннисории ин миллати ҷоннисор,
Ҷоннисории ин Пешвои ба ор.

Сию панҷ, сию панҷ – қасру боғу чаман,
Сию панҷ, сию панҷ обрӯи Ватан

Ин шараф зинда бод! Ин шааф зинда бод!
Эҳёи Ватан, ин ҳадаф зинда бод!

ВАТАНИ ФАЙЗУ ФУРӮҒИ ВИҶДОН

Тоҷикистон, Ватани ҷону дилам,
Бо туям зинда бар армони дилам,
Гулаки хори туро чун парчам
Мебарам бар кафи дастони дилам.

Ватани ман, Ватани оби зулол,
Рӯди покизаву кабкони ҳилол,
Ватани кони зару нахли заранг,
Ватани санги чу нанг,
Ватани нанги чу санг!

Ватани соиқаҳои имон,
Ватани файзу фурӯғи виҷдон,
Ватани абри сахо, файзи равон,
Ватани суру сафову эҳсон!

Ватани кӯҳи саховат ба ниҳон
Ватани боми сараш Боми ҷаҳон,
Руста дар пайкараи сангинаш
Гули сангу гули рангу гули ҷон!

Миллати гул ба кафу гул ба забон,
Миллати шеъру наво дар дилу ҷон,
Миллате, ки шарафаш озодист,
Мулки озодагиву озодон!

Рӯдҳо дасти шараф, дасти сахо,
Рӯдҳо тор ба тори ба наво,
Чашмаҳо чашмаи покизаи ишқ,
Нафаси покизаи боди сабо.

Тоҷикистон, Ватани ҷону дилам!
Чашмаи поки ту эҳсони дилам !
Оҳ, ин вағничу марминҷонат
Гӯй, ҳастанд чу марҷони дилам.

Камол НАСРУЛЛО,
Шоири халқии Тоҷикистон

ШУКӮҲИ ИСТИҚЛОЛ

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бароямон хонаи умед гашту сулҳу салоҳ, озодиву озодандешӣ, ваҳдату муҳаббати бепоён оварду амниятро таъмин намуд. Халқи тоҷик баъди зиёда аз ҳазор сол аз нав соҳиби давлати мустақил гардид. Барои тоҷикон ин воқеаи фараҳбахш ва бузурги таърихист. Ба шарофати ба даст овардани соҳибистиқлолӣ, заҳмати софдилонаву содиқона, созандагиву бунёдкорӣ, сулҳу ваҳдату ягонагӣ Тоҷикистон тавонист дар арсаи байналмилалӣ мавқеи хешро дарёбад, ки минбаъд чун давлати бузурги сайёҳӣ ва пешрафта дар байни беш аз 180 мамлакати абарқудрат мешиносанд ва эътироф мекунанд.

Неъмати бебаҳои таърих



Мояи ифтихору сарбаландии мост, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистонро чун кишвари озод, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва соҳибистиқлолу сарзамини сулҳу ваҳдат хуб мешиносанд. Аз ин лиҳоз, бо ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстиву рафоқат, ҳисси баланди ифтихору ғурури миллӣ, барои ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, ки бақои миллат, иқтидори давлат, саодатмандии халқи бузург ва асоси пешравию инкишофи кишвамон маҳсуб меёбад, ҳамаҷониба саъйу талош варзем.

Бо ифтихор қайд кардан лозим аст, ки бо кӯшишҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миллати тоҷик сарҷамъ ва мамлакат ободу зебо гардида, ғояҳои сулҳу субот дар кишвар устувор шудаанд.

Истиқлол бо осонӣ ба даст наомадааст. Ин ҷуръату ҷасорати фавқулода, сеҳри каломи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Таърих ёд надорад, ки ҷанги шаҳрвандӣ дар чунин муҳлати кӯтоҳ қатъ шуда, мухолифин дасти дӯстӣ дароз намуда бошанд. Паси саҳнаҳои муассир ва тақдири Тоҷикистони парешонгашта азму талоши Пешвои миллат беназир, сутуданиву мондагор аст.

Воқеан, таваҷҷуҳ, дастгирӣ ва ғамхориҳои пайвастаи Пешвои миллат буд, ки тӯли 35 соли соҳибистиқлолӣ дар саросари кишвар садҳо муассисаи таълимӣ бунёд ва мавриди баҳрабардории сокинон қарор гирифтанд. Хушоянд аст, ки заҳмати шабонарӯзии омӯзгорон қадр мешавад. Ба тасвиб расидании Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» далели ин гуфтаҳост.

Аз ҷониби Роҳбари кишвар туҳфа намудани китоби «Тоҷикон»-и Аллома Бобоҷон Ғафуров ва «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ ба ҳар як хонадони тоҷик пайки хушиву саодат аст.

Мо, мардуми Тоҷикистони соҳибистиқлол, ҳамвора талош менамоем, ки дар рушду шукуфоии кишвари азизамон саҳми шоистаи худро гузорем.

Парвина НОЗИМОВА,
омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики МТМУ №3-и шаҳри Конибодом

Барномаи кишварии ЮНИСЕФ барои Тоҷикистон барои солҳои 2027–2030 қабул шуд.

БАХШИДА БА 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Истиқлол барои мо саҳифаи навини таърих, мактаби бузурги давлатдорӣ, эҳёи худшиносии миллӣ ва огози марҳалаи нави созандагӣ мебошад. Дар тӯли сию панҷ сол Тоҷикистон роҳи пурпечутоберо тай кард, ки дар огози он мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва таҳдидҳои парокандагии давлат қарор доштанд, вале бо барқарор гардидани сулҳу субот ва таҳкими ваҳдати миллӣ барои давлату миллат имкони бунёди ҷомеаи нав фароҳам омад.

Мактаби давлатдорӣ, маърифат ва тамаддунофарӣ

Ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳи тайкардаи кишвар назар афканда, метавон бо итминон гуфт, ки дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ танҳо бо шумораи корхонаҳо, роҳҳо, мактабҳо, варзишгоҳҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ қиёс карда намешаванд. Арзиши аслии ин дастовардҳо дар дигаргунии тафаккур, эҳёи хотираи таърихӣ, таҳкими худшиносии миллӣ ва ташаккули насли навини соҳибмаърифат, ватандӯст ва созанда таҷассум меёбад.

Дар ин раванд нақши сиёсати созандаву дурбинонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳим мебошад. Дар заминаи сиёсати хирадмандонаи Сарвари кишвар дар мамлакат барои рушди соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг ва варзиш шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Дар натиҷа ин соҳаҳо имрӯз ба рукни муҳимми сиёсати иҷтимоӣ ва омили рушди сармояи инсонӣ табдил ёфтаанд.

Агар давлатро қасри бузурге тасаввур кунем, таҳкурсии онро маориф ташкил медиҳад. Зеро давлате, ки ба мактаб, омӯзгор ва дониш такя мекунад, ба ояндаи худ эътимод дорад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ соҳаи маориф ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Тоҷикистон табдил ёфт.

Яке аз дастовардҳои муҳимми соҳаи маориф фароҳам гардидани имкониятҳои васеъ барои таҳсили ҷавонони тоҷик дар хориҷи кишвар мебошад. Имрӯз зиёда аз 42 ҳазор ҷавони тоҷик дар 42 кишвари ҷаҳон таҳсил мекунанд.

Ин нишон медиҳад, ки Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ба таҳсилоти муосир, рақобатпазирӣ ва рушди сармояи инсонӣ аҳаммияти стратегӣ медиҳад.

Ҳамзамон, мақоми омӯзгор дар ҷомеа низ пайваста таҳким ёфтааст.

Маорифи даврони истиқлол танҳо ба сохтмони биноҳо маҳдуд намешавад. Мазмун ва муҳтавои таълим низ тағйир меёбад. Рақамикунонии таҳсилот, истифодаи технологияҳои муосир, ҷорӣ намудани усулҳои нави таълим, рушди тафаккури эҷодӣ ва омодасозии хонандагон ба талаботи иқтисоди рақамӣ самтҳои муҳимми марҳалаи нави рушди маориф мебошанд. Дар ин замина, озмунҳои ҷумҳуриявӣ, олимпиадаҳои фаннӣ ва дигар барномаҳои дарёфти истеъдодҳо барои муайян ва дастгирӣ намудани ҷавонони болаёқат замина фароҳам меоранд. Имрӯз дар соҳаи маориф 8 барномаи давлатӣ ва 3 стратегияи дарозмуддат татбиқ шуда истодааст. Ин барномаҳо ба рушди таълиму тарбия, баланд бардоштани мақоми омӯзгор, такмили китобҳои дарсӣ ва мазмуни таҳсилот равона шудаанд.

Дастоварди бузурги маорифи даврони истиқлол ташаккули насли навест, ки бояд Тоҷикистонро дар марҳалаи нави таърихӣ ба сӯйи иқтисоди донишбунёд, илм ва технология раҳнамоӣ намояд.

Миллате, ки таърихи худро мешиносад, ояндаи худро боэътимодтар месозад. Аз ҳамин рӯ, эҳёи фарҳанги миллӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ аҳаммияти махсус касб намуд.

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати фарҳангӣ омӯзиш, ҳифз ва муаррифии мероси таърихию фарҳангии тоҷикон мебошад. Дар ин раванд таҷлили санаҳои бузурги таърихӣ, эҳёи ҷашнҳои миллӣ, рушди китобдорӣ, осорхонаҳо, театрҳо, ҳунарҳои мардумӣ ва санъати мусиқӣ аҳаммияти хос пайдо кард.

Сию панҷ соли Истиқлоли давлатӣ барои Тоҷикистон давраи ташаккули давлатдории муосир, эҳёи арзишҳои миллӣ ва таҳкими мавқеи кишвар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид.

Агар дар солҳои аввали истиқлол масъалаи асосӣ ҳифзи давлат, барқарории сулҳу субот ва таъмини ваҳдати миллӣ буд, имрӯз дар назди мо вазифаҳои нави таърихӣ қарор доранд: баланд бардоштани сифати маориф, рушди илм ва технология, таҳкими фарҳанги миллӣ, рушди варзиши касбӣ, ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ ва тарбияи насли рақобатпазир.

Тоҷикистони соҳибистиқлол имрӯз бо таҷрибаи сию панҷсолаи давлатдорӣ ба марҳалаи нави рушд ворид мегардад. Ин марҳала аз мо дониш, масъулият, худшиносӣ, меҳнати содиқона ва ҳисси баланди ватандӯстиро тақозо мекунад.

Шодӣ САФАРОВ,
доктори илми педагогӣ,
профессор, президенти АТТ

САМАРАИ ИСТИҚЛОЛ

Имрӯз самараи 35-солагии истиқлолро дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон метавон дид: роҳҳои байналмилалӣ, нақбҳо, НБО-ҳо, мактабҳои замонавӣ, муассисаҳои тандурустӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ ва иншооти фарҳангиву варзишӣ.

Дастоварди бузург



Дар саҳифаҳои таърихи ҳар миллат рӯзҳое ҳастанд, ки на танҳо оғози як давраи нав, балки сарнавишти ояндаи онро муайян месозанд. Барои халқи тоҷик чунин рӯзи тақдирсоз 9-уми сентябри соли 1991 мебошад. Маҳз ҳамин рӯз Тоҷикистон соҳиби муқаддастарин неъмат – Истиқлоли давлатӣ гардид. Аз он рӯз то имрӯз сиву панҷ сол сипарӣ мешавад, аммо арзиш ва қимати Истиқлолият рӯз аз рӯз бештар эҳсос мегардад.

Истиқлолият танҳо озодии сиёсӣ нест. Он эҳёи худшиносии миллӣ, эҳтиром ба таърих, забон, фарҳанг ва арзишҳои давлатдорӣ мебошад. Миллате, ки соҳибистиқлол аст, роҳи имрӯз ва фардои худро худаш интихоб мекунад. Аз ҳамин ҷост, ки истиқлолро метавон бузургтарин дастоварди тоҷикон номид.

Солҳои аввали Истиқлол барои кишвари мо давраи хеле душвор буд. Бо вуҷуди ин, Тоҷикистон тавонист аз он имтиҳонҳои сангин гузарад. Дар ин роҳи таъмини сулҳу субот ва таҳкими истиқлол саҳми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон басо бузург аст.

Яке аз арзишҳои муҳимми даврони истиқлол ин аст, ки Тоҷикистон аз кишвари аз ҷанг осебдида ба давлати ободу рӯ ба рушд табдил ёфт.

Аммо ҳар қадар давлат пешрафт кунад, ҳамон андоза масъулияти шаҳрвандон низ меафзояд. Ҳифзи истиқлол танҳо вазифаи давлат нест, он рисолати ҳар як омӯзгор, падару модар, ҷавон ва шаҳрванди кишвар мебошад.

Сиву панҷ соли Истиқлолият собит сохт, ки миллати тоҷик неруи созанда дорад. Роҳи тайшуда моро ба фардои боз ҳам обод раҳнамун месозад.

Агар ҳар як шаҳрванд Ватанро бо меҳнати ҳалол, дониши амиқ ва ахлоқи нек обод созад, истиқлол ҳамеша устувор хоҳад монд.

Беҳуда нест, ки гуфтаанд: «Ватан аз остонаи ҳар хона оғоз меёбад» Пас ҳар кори неке, ки ба хотири ободии маҳал, мактаб, деҳа ё шаҳр анҷом медиҳем, саҳмест дар таҳкими Истиқлоли давлатӣ.

Сиву панҷ соли истиқлол барои таърих шояд фосилаи бузург набошад, аммо барои миллати тоҷик давраи эҳёи давлатдорӣ, таҳкими ваҳдат ва созандагии бесобиқа мебошад. Вазифаи мо, кормандони соҳаи маориф, омӯзгорон ва насли имрӯз ин аст, ки ин неъмати муқаддасро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз намоем.

Фаромӯш набояд кард, ки ин комёбиҳо самараи ҷоннисорӣ ва заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Дилором МУҚИМӢ,
муовини директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ ба 1395 нафар зан беш аз 45 миллион сомонӣ грант ҷудо гардид.

МЕҲРНОМА

МАРЗИ МЕҲРОБИИ МАН

Сарзамини Ориёии ман, эй Меҳан,
Зодгоҳи Осиёии ман, эй Меҳан!
Оташу обу гилу боди ҳаюлоӣ
Дар сиришти порсоии ман, эй Меҳан!
Эй фурӯғи эзадӣ дар гавҳари чашмам,
Хоки поки тӯтиёии ман, эй Меҳан!
Ошёни мурғи бахти домани гардун,
Бар сарам боли Ҳумоии ман, эй Меҳан!
Дар тани уммеду армони ту месабзад
Устухони мӯмиёии ман, эй Меҳан!
Ҳамчу найсон аз дами най гулфишон бошӣ
Дар навои бенавоии ман, эй Меҳан!
Марзи меҳробии меҳрам, сар ниҳам сӯят,
Остони кадхудоии ман, эй Меҳан!

МЕҲРИ МЕҲАН

Меҳани ман, хуҷаста фолат бод!
Дар амон рӯзу моҳу солат бод!
Дар сарат санги осиё гардон
Карда таърих, хуш ба ҳолат бод!
Бош, то тар шавад дилам аз ту,
Оби чашми тарам зулолат бод!
Ишқат обу гили маро хелид,
Як дил оинаам сафолат бод!
Дар ман, эй тақдарахти бахти ман,
Як қалам сабз навиҳолат бод!
Эй Ҳумои сипеҳри меҳри ман,
Соябонам ҳамеша болат бод!
Менависам ба хуни дил номат,
Меҳанам, хуни ман ҳалолат бод!
Аз ту ман дил наметавонам канд,
То қиёмат дилам кашолат бод!

АРМОНИ ҶОВИД

Ҷон Меҳанаме, ҳамеша, ҷон Меҳанаме,
Аз қисмати сангини ту ҷон меканаме!
Сабзида гули санги ту аз обу гилам,
Хуни гули лолаи ту дар гарданаме.
Аз санги ту об меҷафад панҷаи ман,
То чакрачакон хумори дил бишканаме.
Ангушт ба сангат ниҳам, ангишт шавад,
Дар гулдараи сӯхтаат гулханаме.
Як диҳи куҳан ту дар тилисми хешӣ,
Як пора сафоли ёдгорат манаме…
Эй кишвари ормонии хотираам,
Ман бе ту дигар чун кунаме, чун кунаме?
Дар кӯчаи кӯдакии дерин ба фалак
Ку боми падар, ки бонг аз он афканаме!

Раҳмат НАЗРӢ,
Шоири халқии Тоҷикистон

ТАРОНАИ ИСТИҚЛОЛ

Чист истиқлол? Иззат доштан.

ГУЛРУХСОР

Чист истиқлол? Бо ҳам зистан,
Орӣ аз ҳар дарду ҳар ғам зистан.
Фориғ аз тиру туфанги рӯзгор,
Дар даруни чашми шабнам зистан!
Дар раҳи озодиву озодагӣ
Пойбарҷо, сахт муҳкам зистан.
Бо тамоми миллати рӯи ҷаҳон
Бо садоқат рӯи олам зистан.
Чист истиқлол? Бечуну чаро
Ҳамчу одам, ҳамчу одам зистан!

Комрони АСЛОН

Насли имрӯза бояд ба қадри ранҷу заҳматҳои насли калонсол расад ва рисолати хешро дар роҳи ҳифзу ободии Ватан иҷро карда тавонад.

Эмомалӣ Раҳмон

ПЕШРАФТ

Барои мардуми сарбаланди тоҷик таҷлили 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ифтихор ва сарфарозӣ мебошад. Соли 1991 соҳиб гардидан ба Истиқлоли давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон оғози марҳалаи нави таърихӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, бахусус, дар соҳаи маориф гардид. Маориф ҳамчун меҳвари асосии рушди устувор, амнияти миллӣ ва заминаи калидии ташаккули сармояи инсонӣ эътироф шуд ва дар сиёсати иҷтимоии давлат мавқеи аввалиндараҷа касб кард.



Марҳалаҳои рушди соҳаи маориф

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ соҳаи маорифро ҳамчун соҳаи стратегиву афзалиятноки сиёсати давлат эълон намуданд.

Таваҷҷуҳи доимии Сарвари давлат ба соҳаи маориф ва илм боиси қабули стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, қонуну қарорҳои соҳавӣ ва татбиқи ислоҳоти муҳим гардид. Сохтмони биноҳои замонавии таълимӣ, омода намудани кадрҳои баландихтисос, ҷалби мутахассисон, дастгирии аҳолӣ барои фарогирӣ ба таҳсил, ҷорӣ намудани барномаҳои муосири таълимӣ, таъсиси озмоишгоҳҳо, ташкили озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо адабиёти дарсӣ ба рушду нумӯи соҳа мусоидат карданд.

Раванди рушди соҳаи маориф дар давраи соҳибистиқлолӣ аз чанд зинаи асосӣ иборат буда, таҳлили воқеии он самаранокии ислоҳоти гузаронидашуда ва дурнамои рушди неруи инсонии кишварро нишон медиҳад.

Марҳалаи аввал, буҳронӣ ва барқарорсозии соҳа ба солҳои 90-ум рост меояд. Дар ин давра маблағгузорӣ коҳиш ёфт, инфрасохтори мактабҳо дар натиҷаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хароб гардид ва иддае аз омӯзгорон соҳаро тарк карданд. Вазифаи асосии давлат нигоҳ доштани низоми маориф ва барқарор намудани мактабҳои харобшуда буд. Омӯзгорон дар шароити вазнини иқтисодиву иҷтимоӣ, синфхонаҳои харобгардида ва бо гирифтани пасттарин музди меҳнат ба хонандагон сабақ медоданд.

Бо вуҷуди вазъи ноором, 27 декабри соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» қабул гардид, ки заминаи ҳуқуқии мустақилияти маорифи кишварро гузошт. Соли 1996 аввалин Консепсияи мактаби миллии Тоҷикистон тасдиқ шуд.

Марҳалаи дуюм, ислоҳоти сохторӣ ва ҳуқуқию меъёрӣ аз охири солҳои 90-ум ва солҳои 2000-ум оғоз ёфт. Пас аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар соли 1997, Ҳукумати кишвар барқарорсозии муассисаҳои таълимӣ ва ҷалби кӯдакону наврасонро ба таҳсил оғоз намуд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дар таҳрири нав қабул шуд.

Бо мақсади ҷалби духтарон аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ба таҳсилоти олӣ, аз соли 1997 низоми квотаи Президентӣ роҳандозӣ шуд. Ин иқдом ба баланд шудани ҳисси хештаншиносиву худогоҳии миллӣ ва ба вуҷуд омадани дигаргуниҳои фарҳангӣ дар деҳот мусоидат намуд. Дар давраи соҳибистиқлолӣ садҳо духтар бо истифода аз ин имконият соҳиби таҳсилоти олӣ ва касбӣ гардида, дар сохторҳои давлатӣ ва иҷтимоӣ фаъолият доранд.

Соли 2010-ум гузариш ба низоми кредитии таҳсилот барои мутобиқсозии таҳсилоти олӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ замина гузошта шуд. Соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дар таҳрири нав қабул шуда, сохтори муосири соҳаро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ такмил дод. Соли 2014 таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаффофияти имтиҳонҳои дохилшавиро таъмин намуда, барои ошкор ва рушди қобилияту истеъдоди ҷавонон мусоидат кард.

Марҳалаи сеюм, низоми маорифи кишвар ба фазои байналмилалии таҳсилот ва устувор гардидани сифати таълим мусоидат кард. Дар давраи соҳибистиқлолӣ шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз 13 адад бо 69,3 ҳазор донишҷӯ дар соли 1991 ба 51 муассиса ва беш аз 226 ҳазор донишҷӯ расид. Соли 2011 барои омода намудани кадрҳои илмии миллӣ Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки ба таъмини истиқлоли илмии кишвар мусоидат намуд.

Марҳалаи инноватсионӣ ва рақамикунонӣ аз соли 2016 оғоз ёфта, ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, ҷорӣ намудани таълими STEAM (илм, технология, муҳандисӣ, эҷодкорӣ ва риёзӣ), таҳкими заминаи моддии мактабҳо ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ нигаронида шудааст. Дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2030 ва эълон гардидани солҳои 2025-2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия», вазифаҳои нав, аз ҷумла, мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ ба зеҳни сунъӣ, барномасозӣ ва технологияҳои муосир ба миён омадаанд. Соли 2025 низоми электронии «Рӯзномаи электронӣ», синфхонаҳои виртуалӣ ва китобхонаҳои рақамӣ роҳандозӣ шуданд.

Мутобиқ сохтани низоми таҳсилот ба стандартҳои ҷаҳонӣ ба беҳбудии сифати таълим, амиқтар аз худ намудани фанҳо, такмили ҷаҳонбинии мактабиён, муттаҳид гардидани ҷомеа, таҳкими ваҳдати миллӣ, баробарии иҷтимоӣ ва дастгирии кӯдакон, наврасон ва ҷавонони болаёқат мусоидат мекунад.

Нодира ҲАСАНЗОДА,
сармутахассиси раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баҳдидипломии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ

ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ

БУНЁДИ МАКТАБҲО ДАР РОҲАТӢ

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар қаламрави Ҷамоати деҳоти Роҳатии ноҳияи Рӯдакӣ биноҳои хуштарҳи замонавии мактабҳо сохта, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

Сокинони деҳаи Моинкаҷ, ки яке аз деҳаҳои калонтарину сернуфузи ҷамоат ба шумор меравад, солиёни зиёд дар орзуи муассисаи нави замонавӣ буданд. Соли 2002 бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ва кумаку дастгирии аҳолии деҳа бинои нави таълимӣ барои хонандагони муассисаи № 51 сохта шуд, ки барои таҳсили 250 нафар дар як баст пешбинӣ гардида буд. Норасоии ҷойи нишастро ба назар гирифта, сокинони деҳаи Моинкаҷ иқдом гирифтанд, ки дар бунёди бинои иловагии мактаб саҳм гузоранд. Сохтмони бинои дуқабата, ки аз 10 синфхона ва 3 дафтари корӣ иборат мебошад, ба тариқи ҳашар ба анҷом расонида шуд.

Дар ин радиф, бинои муассисаи №47, ки дар деҳаи Нилкон воқеъ гардидааст, низ фарсудаву садамавӣ буд. Бо иқдому дастгирӣ ва маблағгузории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои сохтмонӣ дар муассисаи номбурда соли 2006 оғоз гардида, соли 2009 бинои аввали он, ки аз ду ошёна иборат аст, ба истифода дода шуд. Бинои дуюми таълимгоҳ соли 2012 сохтаву мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Муассиса дорои толори варзишию маҷлисгоҳ, кабинетҳои муҷаҳҳази фаннӣ ва озмоишгоҳҳои химия, физика ва биология мебошад. Дар блоки сеюм толори варзишӣ ва 5 синфхонаи иловагӣ низ сохта ба истифода дода шудааст.

Бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42 воқеъ дар деҳаи Мағмурӯд ҳанӯз соли 1956 сохта шуда буд. Бо ташаббусу дастгирии соҳибкорон ва сокинони деҳа соли 2010 бинои нави муассиса бунёд гардид, ки аз 10 синфхона иборат мебошад. Ҳамчунин, ба тариқи ҳашар 4 синфхонаи иловагӣ сохта шуд. Соли 2020 бо мадади мардуми деҳа дар назди муассиса се синфхонаи иловагӣ бунёд гардид.

Дар деҳаи Дара соли 2003 аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бинои нави мактаби №44 бунёд гардид.

Бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №50 соли 1938 сохта шуда, ба талабот ҷавоб намедод. Аз ин рӯ, соли 2005 бинои нав иборат аз 6 синфхона, соли 2015 3 синфхонаи иловагӣ ва соли 2017 7 синфхонаи дигар бунёд карда шуд. Дар МТМУ №45 соли ҷорӣ ба тариқи ҳашар 4 синфхонаи иловагӣ бунёд гардид.

Соли 2014 сокинони деҳаи Чорсадаи Ҷамоати деҳоти Ҳакимии ноҳияи Нуробод ба деҳаҳои Моинкаҷу Теппаи Самарқандӣ муҳоҷир карда шуданд. Барои фарзандони муҳоҷирон дар деҳаи Теппаи Самарқандӣ бинои муассисаи №179 бо маблағгузории Дирексияи минтақаи зериобшавандаи «Роғун» сохта шуд, ки дар он 640 нафар хонанда дар ду баст таҳсил мекунанд. Дар деҳаи Моинкаҷ соли 2015 барои фарзандони муҳоҷирони Нуробод бинои хушсохти дуошёна бунёд гардид, ки барои 360 хонанда дар 2 баст пешбинӣ гардидааст. Дар муассисаи №49 воқеъ дар деҳаи Оқчакман соли 2015 бинои нав иборат аз 10 синфхона сохта шуд.

Дар МТМУ №110, ки 726 нафар хонанда дар он таҳсил мекунанд, соли ҷорӣ бо иқдоми соҳибкор Маҳмадраҷаб Усмонов бинои иловагии дуошёна иборат аз 16 синфхона ва 3 кабинети фаннӣ сохта, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Дар муассисаи №46 воқеъ дар деҳаи Меҳтарӣ 3 синфхонаи иловагӣ бунёд гардида, маркази инкишофи кӯдак иборат аз 2 синфхонаи алоҳида, ки бо асбобу васоити аёнӣ муҷаҳҳаз аст, ба фаъолият оғоз намуд. Дар муассисаи таълимии миёнаи умумии №42, ки дар он 400 нафар хонанда ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанду мушкили ҷойи нишаст мавҷуд буд, 4 синфхонаи иловагӣ ва 4 ҳуҷра барои будубоши омӯзгорони роҳдур мавриди истифода қарор гирифт. Ҳамчунин, омӯзгорон бо ҳамдастии сокинони деҳаи Мағмурӯд майдончаи замонавии варзиширо бунёд намуданд. Ба иттилои директори МТМУ №50 Олимҷон Саидов, бо иқдом ва дастгирии сокинони деҳа ва омӯзгорон 7 синфхонаи алоҳида бунёд гардида, ҳамзамон, дар филиали таълимгоҳ – мактаби хонандагони камнуфус воқеъ дар деҳаи Меҳтарии Боло 3 синфхонаи нав сохта шуд.

Тавре ки маълум аст, ба фарзандони аҳолии муҳоҷиршудаи шаҳри Роғун соли 2015 муассисаи нави таълимӣ барои 640 хонанда дар як баст сохта, ба истифода дода шуд. Айни ҳол шумораи хонандагони муассисаи мазкур (МТМУ №57) ба 2260 нафар расида, ба онҳо 58 нафар омӯзгор сабақ меомӯзонанд. Феълан сохтмони бинои иловагии дуошёна иборат аз 11 синфхона ва 2 ҳуҷраи корӣ бо суръат идома дорад. Ҳамчунин, майдончаи варзишӣ бо тамоми таҷҳизоти замонавӣ сохтаву барои истифода омода гардидааст. Бо қувваи аҳолии деҳа чоҳи амудӣ канда шуда, ба таълимгоҳ хатти оби нӯшиданӣ гузаронидаанд. Директори мактаби №184 Қурбоналӣ Шариф иброз дошт, ки шуруъ аз соли 2020 то ин дам дар таълимгоҳи номбурда 15 синфхонаи иловагӣ сохтаву мавриди баҳрабардории хонандагону омӯзгорон қарор дода шудааст. Соли равон 2 синфхона ва майдончаи варзишӣ бунёд гардидааст. Дар муассиса 620 хонанда таҳсил мекунад, ки ба онҳо 24 нафар омӯзгор сабақ медиҳанд.

Боиси хурсандист, ки имсол барои фарзандони деҳаи сернуфузтарини ҷамоат – Роҳатӣ бинои нави муассисаи таълимӣ барои 820 нафар хонанда, ки бо тамоми таҷҳизоти замони муосир таъмин аст, бунёд гардид. Ҳамчунин, барои омӯзгорон хобгоҳ ва кӯдакистон барои 200 тарбиятгиранда низ сохта шудааст.

Шодӣ РАҶАБЗОД,
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА,
«Омӯзгор»

Дар даҳ соли охир ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ беш аз 3 баробар зиёд гардидааст.

КИТОБИЁТ

«ДУРАХШИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ»

Гулчини навиштаҳои озмуни ҷумҳуриявии «Рушди маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ» дар шакли маҷмуа ба табъ расид

Бузургтарин дастоварди миллати тоҷик дар поёни садаи XX расидан ба Истиқлоли давлатӣ ва таъмини сулҳу суботи пойдор мебошад. Имсол мардуми шарафманди кишвар ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҷлил менамоянд. Ба ифтихори ин санаи муҳим дар саросари Ватани маҳбубамон корҳои созандагию ободонӣ бомаром идома доранд.

Яке аз соҳаҳое, ки дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятнок эълон гардида, аз ӯҳдаи соҳибистиқлолӣ ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад, соҳаи маориф мебошад. Маориф омили муҳимми рушди давлат ва заминаи асосии пешрафти тамоми соҳаҳо ба ҳисоб меравад. Дар инъикос, тарғиб ва муаррифии сиёсати давлатии соҳаи маориф нашрияи «Омӯзгор» нақши бориз дорад. Дар саҳифаҳои он маводу матолиби арзишманде ба табъ мерасанд, ки аз як тараф, ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва маҳорати касбии омӯзгорон мусоидат намуда, аз ҷониби дигар, дар татбиқу тарғиби сиёсати маорифпарваронаи давлат саҳм мегузоранд.

Баргузор намудани озмунҳо аз ҷониби нашрияи «Омӯзгор» низ яке аз воситаҳои муҳимми ҷалби омӯзгорон, олимон, муҳаққиқон ва рӯзноманигорон ба баррасии масъалаҳои мубрам ва инъикоси дастовардҳои соҳаи маориф ба шумор меравад. Дар ин замина, ҳамасола бахшида ба ҷашнҳои давлатию миллӣ, муаррифии чеҳраҳои шинохтаи илму адаб, арҷгузорӣ ба омӯзгорони фидокор, тарғибу ташвиқи ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ ва дигар мавзуъҳои муҳим озмунҳо баргузор карда мешаванд. Дар идомаи ин анъана ҳафтаномаи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо Вазорати маориф ва илм ба ифтихори ҷашни бузурги таърихӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тавзеҳу баррасӣ ва муаррифии марҳалаҳои рушди маорифи ҷумҳурӣ, инчунин, инъикоси дастоварду навгониҳои соҳа барои беҳтарин мақолаҳо ва асарҳои публитсистӣ таҳти унвони «Рушди маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ» озмун эълон намуд.

Озмун аз моҳи феврал то охири моҳи августи соли равон идома ёфт.




Дар ин давра аз ҷониби устодону омӯзгорон, муҳаққиқону рӯзноманигорон навиштаҳои зиёде пешниҳод гардида, беҳтарини онҳо дар саҳифаҳои нашрия ба табъ расиданд. Дар баробари ин, нигоштаҳое, ки бо истифода аз зеҳни сунъӣ таҳия шуда, муҳтавои умумӣ дошта ё ба талаботи низомномаи озмун ҷавобгӯ набуданд, ба чоп иҷозат дода нашуданд.

Шоистаи таъкид аст, ки навиштаҳои дар доираи озмун ба нашррасида ва дар маҷмуа ҷойгиршуда, ҳарчанд аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво гуногунанд, онҳоро як мавзуи меҳварӣ – инъикоси рушди маориф дар даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳам мепайвандад. Дар мақолаҳои пешниҳодшуда сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, саҳми аҳли маориф дар таҳкими Истиқлоли давлатӣ, марҳалаҳои ташаккулу рушди соҳа, фаъолияти фидокоронаи кормандони таълиму тарбия ва дастовардҳои маорифи мамлакат дар арсаи байналмилалӣ инъикос ёфтаанд. Ҳамчунин, дар навиштаҳои мазкур рӯйдодҳои муҳимми марбут ба ислоҳоти соҳа, навгониву тозакориҳо, фаъолияти омӯзгорони эҷодкору навовар ва мақому манзалати аҳли таълиму тарбия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Бо дарназардошти муҳиммияти мавзуъ ва арзиши маърифатию публитсистии матолиби пешниҳодшуда, гулчини мақолаҳои озмун дар шакли маҷмуаи алоҳида бо номи «Дурахши маориф дар замони Истиқлол» ба табъ расиданд. Маҷмуаи мазкур, аз як тараф, бозгӯкунандаи сиёсати маорифпарваронаи давлат ва дастовардҳои соҳаи ҳаётан муҳимми маориф буда, аз ҷониби дигар, дастури муфиду арзишманд барои дарки амиқи моҳияти истиқлолу озодӣ ва нақши онҳо дар рушду шукуфоии Тоҷикистони азиз маҳсуб меёбад. Ҳамзамон, муаллифон заҳмату фидокории аҳли маорифро бозтоб дода, наслҳои имрӯзу ояндаро ба донишомӯзӣ, худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ ва саҳмгузорӣ дар ободии Ватани маҳбубамон ҳидоят менамоянд.

P.S. **Муаллифоне, ки дар озмуни мазкур иштирок намуда, навиштаҳояшон дар маҷмуа ҷой дода шудаанд, метавонанд китобро аз идораи нашрияи «Омӯзгор» ба таври ройгон дастрас намоянд.**



Бозтоби корномаи сармуҳаррирони «Омӯзгор»

Нашрияи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи рангину пурифтихор дошта, яке аз нахустин нашрияҳои соҳавии кишвар маҳсуб меёбад. Нахустин шумораи нашрия 20 июли соли 1932 бо номи «Барои маорифи коммунистӣ» ба табъ расид. Дар меҳвари маводи он татбиқи ғояҳои замон, маҳви бесаводӣ, ҷалби ҳамагон ба таҳсил, тарбияи ватандӯстӣ ва мубориза бо мухолифони сохтори нави сиёсӣ қарор доштанд. Баъдан нашрия бо номҳои «Газетаи муаллимон», «Маориф ва маданият» чоп шуда, масъалаҳои таълиму тарбия, саводнокнамоии ҷомеа, ҳудшиносию худогоҳии миллӣ ва мушкилоти давраҳои гуногунро баррасӣ кардааст.

Соли 1989 «Газетаи муаллимон» ба «Омӯзгор» табдили ном кард. Имрӯз нашрияи «Омӯзгор» дар радифи беҳтарин нашрияҳои мамлакат қарор дошта, ҳамчун оинаи маорифи кишвар ва раҳнамои маънавии аҳли маориф ва илми ҷумҳурӣ шинохта мешавад. Дар саҳифаҳои он хонандагон мунтазам бо қарору фармонҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои расмии Ҳукумати мамлакат вобаста ба соҳаи маориф, инчунин, ҳуҷҷатҳои меъёрию дастурии Вазорати маориф ва илм шинос мешаванд. «Омӯзгор» дар инъикоси мавзуъҳои ватандӯстӣ, истиқлол, сулҳу субот, худшиносию ифтихори миллӣ, вазъи таълиму тарбия, худомӯзӣ ва такмили ихтисоси аҳли маориф, навгониҳои замон ва тарғиби технологияҳои муосир ҳамеша фаъол буда, аз лиҳози муҳтаво ва ороиш низ пайваста такмил меёбад.

Дар тӯли беш аз 90 соли фаъолият дар нашрия теъдоди зиёди қаламкашони варзидаву соҳибистеъдод кор карда, барои баланд бардоштани мақому эътибори он чидду ҷаҳд намудаанд. Дар бораи ҳаёту фаъолияти гурӯҳе аз онҳо идораи ҳафтаномаи «Омӯзгор» соли 2025 китоби «Замоне бо «Омӯзгор»»-ро ба нашр расонида буд.

Маълум аст, ки дар ташаккул ва фаъолияти босамари ҳар як нашрия сармуҳаррирон нақши муҳим доранд. Мақому манзалат, эътибор ва нуфузи нашрия аз мавқеи эҷодӣ, сатҳи донишу ҷаҳонбинӣ, маҳорати касбӣ ва шахсияти роҳбари он вобастагии зиёд дорад. Сармуҳаррирони он дар марҳалаҳои гуногуни фаъолият шахсиятҳои донишманду кордон, фаъолу кӯшо, навовар ва соҳибтаҷриба будаанд.

Китоби «Сармуҳаррирони «Омӯзгор»» дар бораи таърихи пурифтихори яке аз куҳантарин ва бонуфузтарин нашрияҳои Тоҷикистон ва нақши сармуҳаррирони он дар ташаккулу рушди матбуоти соҳавӣ маълумоти арзишманд пешниҳод менамояд.

Дар меҳвари асосии китоб зиндагинома, фаъолияти касбӣ ва хидматҳои сармуҳаррирон, ки дар даврањои гуногун роҳбарии нашрияро ба уҳда дошта, дар таҳкими мавқеъ, такмили муҳтаво ва боло бурдани эътибори он саҳми арзанда гузоштаанд. Дар китоб роҳи тайкардаи ин шахсиятҳо, талошҳои эҷодию ташкилотчигӣ ва саҳми онҳо дар рушди рӯзноманигории соҳавии тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Китоби «Сармуҳаррирони «Омӯзгор»» барои рӯзноманигорон, омӯзгорон, муҳаққиқон, донишҷӯён, дӯстдорони таърихи матбуоти тоҷик ва доираи васеи хонандагон пешниҳод мегардад. Бозтоби фаъолияти сармуҳаррирони нашрия саҳифаи муҳимми таърихи маориф ва матбуоти даврии тоҷик ба шумор меравад.

Н. ОХУНЗОДА,
«Омӯзгор»

ЧАШМАНДОЗ

МАОРИФИ ҶАҲОН

НАМИБИЯ

Дар Намибия тақрибан 2400 муассисаи таълимӣ ва 35 ҳазор омӯзгор фаъолият мекунанд. Яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи маориф дар солҳои охир нобаробарии таъминот бо омӯзгорон мебошад. Дар баъзе минтақаҳо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ зиёданд, аммо дар мактабҳои миёна норасоии омӯзгорон мушоҳида мешавад. Ҳамзамон, дар баъзе мактабҳо шумораи хонандагон дар як синф аз меъёри муқаррагардида зиёд аст. Тибқи маълумоти бадастомада, дар баъзе ҳолат ба як омӯзгор аз 45 то 55 хонанда рост меояд.

ҶАЗИРАҲОИ СЕЙШЕЛ

Низоми маорифи Ҷазираҳои Сейшел дар солҳои наздик ба марҳалаи нави ислоҳот ворид мешавад. Ҳукумати кишвар соли 2026 нақшаи стратегии рушди маориф ва захираҳои инсонӣ барои солҳои 2026-2030-ро тасдиқ кард. Ин ҳуҷҷат самтҳои асосии рушди таълимро барои панҷ соли оянда муайян мекунад.

Рушди касбии омӯзгорон низ яке аз самтҳои муҳимми нақша мебошад. Дар кишвар барои муассисаҳои ибтидоӣ, миёна ва марказҳои касбӣ тақвими ягонаи фаъолияти таълимӣ таҳия мешавад. Ҳадафи умумии ислоҳот мутобиқ кардани таълим ба талаботи ҷомеа ва бозори меҳнат мебошад.

САН-ТОМЕ ВА ПРИНСИПИ

Дар Сан-Томе ва Принсипи маориф яке аз самтҳои муҳимми рушди иҷтимоии кишвар ба шумор меравад. Дар солҳои охир дастрасии кӯдакон ба таҳсил беҳтар шудааст. Масалан, сатҳи фарогирии кӯдакони синни мактабӣ аз 56 фоиз дар соли 2008 то 93 фоиз дар соли 2017 расида буд. Ҳоло яке аз масъалаҳои муҳим беҳтар намудани шароити муассисаҳои таълимӣ мебошад. Соли 2026 дар доираи барномаҳои рушди устувор як қатор мактабҳо бо таҷҳизоти наву замонавӣ барои таълим таъмин гардиданд.

Дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ низ имкониятҳои нави ҳамкории байналмилалӣ пайдо мешаванд. Масалан, моҳи августи соли 2026 дар кишвар барои донишгоҳҳо имкониятҳои нави ҳамкорӣ дар доираи Erasmus+ муаррифӣ шуданд.

ГАНА

Таҳсилоти миёна яке аз самтҳои муҳимми рушди низоми маорифи Гана ба ҳисоб меравад. Соли ҷорӣ барои боз ҳам беҳтар намудани сифати таҳсилот барномаи нави бузурги сармоягузорӣ тасдиқ гардид. Яке аз ҳадафҳои барнома зиёд кардани ҷойҳои таълимӣ ва беҳтар намудани сифати муҳити омӯзиш аст. Тибқи барнома, инчунин, ба хонандагони дорои маъюбият низ таваҷҷуҳ бештар гардидааст. Самти дигари муҳим, алоқамандии таҳсил бо малакаҳои зарурӣ барои бозори меҳнат аст.

КИПР

Дар Кипр солҳои охир шакли мактабҳои рӯзонаи дарозмуддат васеъ мегардад. Муассисаҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки қисми бештари рӯзро дар муҳити таълимӣ гузаронанд. Соли 2026 шумораи чунин муассисаҳо 220 адад буда, то моҳи августи соли 2026 ба 381 расидааст. Дар баробари ин, Кипр ба омодасозии хонандагон ба ҳаёти касбӣ низ диққат медиҳад. Соли таҳсили 2025-2026 барои хонандагони синфи 11 барномаи Work Week – Job Shadowing амалӣ гардид. Барнома ба хонандагон имкон медиҳад, ки бо муҳити воқеии корӣ шинос шаванд.

Таҳияи Ирода ТИЛАБОВА,
“Омӯзгор”

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дипломи гумшудаи ҶТ №0028370, ки онро соли 2010 Литсейи касбии алоқаи шаҳри Душанбе ба Маҳмудов Сафарали Муродалиевич додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТА №0346865, ки онро соли 2009 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ноҳияи Дӯстӣ ба Ятимова Дилафруз Абдуқаҳоровна додааст, эътибор надорад.

Ҷовидон бод сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва вахдати миллии мардуми шарафманду тамаддунсози Тоҷикистон!

Эмомалӣ Раҳмон

НАЗАРПУРСӢ

ВОЛОТАРИН АРЗИШИ МИЛЛӢ

Истиқлол аз волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷдори тоҷик аст. Баробари ба даст овардани ин неъмати бебаҳо дар байни мардуми тоҷик нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ ва дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ афзуд.

Барои равшантар огоҳ шудан аз нақши Истиқлоли давлатӣ дар рушди соҳаи маориф ва фаъолияти омӯзгорон, назару андешаҳои омӯзгоронро аз минтақаҳои гуногуни кишвар пурсон шудем.

Суҳроб Ваҳҳобиниё – директори мактаби №13-и ноҳияи Тоҷикобод:

– Истиқлоли давлатӣ бузургтарин дастоварди миллати тоҷик дар тӯли таърих баъд аз тақрибан ҳазор соли бедавлатӣ мебошад. Бидуни Истиқлоли давлатӣ ҳеҷ як миллате наметавонад ба рушду шукуфоӣ ва ба қуллаҳои баланди саодату хушбахтӣ бирасад. Имрӯз давлати мустақили тоҷик сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро мустақилона таъйин мекунад. Пас аз Истиқлоли давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маорифро аз соҳаҳои калидӣ эълон кард ва барои рушду нумуи ин соҳаи воқеан муҳим корҳои зиёдеро ба анҷом расонд.

Мояи ифтихор ва саодату хушбахтист, дар кишваре фаъолият мекунем, ки тибқи таҳлилҳо ва таҳқиқоти созмонҳои байналмилалӣ ба унвони яке аз кишварҳои амну ороми минтақа ва ҷаҳон шинохта шудааст. Ин барои кишваре, ки дар замони начандон дур гирифтори ҷангу ноамнӣ буд, мисли муъҷиза аст. Албатта, барои ба ин рӯзҳои саодату хушбахтӣ расидан саҳми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ниҳоят бузург аст.

Ман ҳамчун омӯзгор хушбахтии худро дар чеҳраи хандону маъсуми кӯдакони замони истиқлол мебинам, ки бо хотири шод ба мактаб мераванд ва барои ояндаи Ватани худро сохтан илм меомӯзанд.

Ҳеҷ як кишваре бидуни мактабу маорифи пешрафта наметавонад интизори ояндаи дурахшони худ бошад.

Бунафша Амирсаидова – омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқи МТМУ №44-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ:

– Барои ман истиқлол, пеш аз ҳама, озодии давлат ва соҳибихтиёрии миллат аст. Мо баъди ба даст овардани истиқлол имкон пайдо кардем, ки роҳи ояндаи худро мустақилона интихоб кунем. Ман ҳамчун омӯзгор дар ин солҳо як чизро бештар эҳсос кардам, вақте ки давлат соҳибистиқлол аст, ҳар як шаҳрванди он бояд масъулияти ватандӯстиву меҳанпарастии худро бештар дарк намояд. Агар ба солҳои гузашта назар андозем, мебинем, ки дар соҳаи маориф тағйироти зиёде ба амал омадааст. Мактабҳои наву замонавӣ сохта шуда, шароити таълим беҳтар гардид, китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ бознигарӣ шуданд. Имрӯз барои хонандагон имконоти омӯзиши забонҳои хориҷӣ, технология ва дигар донишҳои зарурӣ осон шудааст.

Шамшод Рачабов – омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики мактаби №15-и ноҳияи Ванҷ:

– Истиқлол яке аз муқаддасоти муҳимми давлату миллат ба ҳисоб меравад, ки он маънои озодӣ, соҳибихтиёрӣ ва мустақил будани давлатро дорад. Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ, сарфи назар аз вазъи бисёр душвори сиёсиву иқтисодӣ, Пешвои миллат соҳаи маорифро ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян намуданд. Маорифи кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ ба бисёр дастоварду пешравиҳо ноил шудааст: сохтани биноҳои нави таълимӣ ва бо ашёи зарурӣ таъмин кардани онҳо, таҳсили донишҷӯён дар хориҷ аз кишвар, шароити созгори таълиму тарбия, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ...

Ҷавоҳир Ашӯров – муовини директори МТХ «Литсейи инноватсионии Ҷавонӣ» дар шаҳри Хуҷанд:

– Истиқлол имконият дод, ки низоми миллии маорифро бо такя ба арзишҳои таърихиву фарҳангии худ, ҳамзамон, бо истифода аз дастовардҳои ҷаҳонии илму технология рушд диҳем. Рушди муассисаҳои таълимӣ, ҳаракати олимпӣ, озмунҳои ҷумҳуриявӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, фанҳои дақиқ ва технологияҳои муосир барои насли нав имконоти васеъ фароҳам оварданд.

Истиқлоли давлатӣ танҳо бо марзу сарҳад пойдор наметонад, онро истиқлоли фикрӣ, илмӣ ва маънавии миллат устувор месозад.

Сиротулло Зоиров – омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе:


– Барои на фақат омӯзгор, балки ҳар як шахси солимандеш, ҳар нафаре, ки Ватанро дӯст медорад ва меҳану миллату озодӣ барояш арзиши баланд дорад, Истиқлол беҳтарин дастоварди аст.

Бо ба даст омадани Истиқлоли давлатӣ тамоми соҳаҳои кишвар рушду пешрафт карданд. Яке аз соҳаҳои калидӣ маориф аст, ки дар сиёсати давлат ҳамчун соҳаи меҳварӣ мавқеи муҳим дорад.

Воқеан ҳам, Истиқлоли давлатӣ ҳамчун арзиши бузурги миллӣ барои рушди устувори маорифи кишвар заминаи муҳим фароҳам овардааст.

Таҳияи
Муҳаммадҷони САФАРАҲМАД,
рӯзноманигор

САЙҚАЛИ ЗЕҲН



МУАММОИ «ИСТИҚЛОЛ»

1. Миллат. 2. Махзани дониш. 3. Маркази давлати Сомониён. 4. Ҷирми осмонӣ, ки намои он дар нишони миллӣ акс шудааст. 5. Маркази маъмурӣ дар ҷануби Тоҷикистон. 6. Оммаи фармонбардор. 7. Ҷумҳурӣ дар Осиёи Миёна. 8. Муқаддасоти миллӣ. 9. Муншии дарбори Сомониён. 10. Ягонагӣ, ҳамдигарфаҳмӣ. 11. Комёбӣ, муваффақият. 12. «*** талабу бузургӣ омӯз» (Низомӣ). 13. Ноҳия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 14. Яке аз нишонаҳои миллат. 15. Суруру шодмонӣ. 16. Асари академик Б. Ғафуров. 17. Фатҳу кушоиш. 18. Муродифи «муассиса», «корхона». 19. Ид, ҷашн, хурсандӣ. 20. Барномаҳои хабарии телевизион ва радиоҳои Тоҷикистон. 21. Қаҳрамони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. 22. Макони таълиму тарбия. 23. *** саодат. 24. Фасли сол. 25. Шоири адабиёти классикии тоҷику форс.

26. Беҳтарин дастоварди таърихӣ дар 35 соли давлатдории миллӣ. 27. Муаллифи мисраи «Раҳми Парвардигори мо омад». 28. Ҳарфи алифбои ниёгон. 29. Романи С. Улуғзода. 30. Нашриёт дар Тоҷикистон. 31. Ҳаммаънои вожаи «мактуб». 32. Андози давраи амирӣ. 33. Бузург, кабир. 34. Нақлкунанда, гӯянда. 35. Шакли ҷамъи вожаи «фахр». 36. Дӯстӣ. 37. Ба низом даровардани ҳар кору амал. 38. Ҳарфи алифбои ниёгон.

Мураттиб
Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»

Ҷавоби муаммои «Олим» («Омӯзгор», №34, 27.08.2026)

Аз боло ба поён: 1. Олим. 2. Омӯз. 3. Осон. 5. Шоҳзира. 7. Самбо. 9. Осмон. 11. Ораш. 12. Шоир. 13. Изни.

Аз чап ба рост: 4. Алпомиш. 6. Асосӣ. 8. Амроз. 10. Ҳормон. 11. Ормонӣ. 12. Шокир. 14. Барно. 15. Аминона.

ҲАФТАНОМА АЗ 28-УМИН НОЯБРИ СОЛИ 1992 ҲАМЧУН МИЛЛИЯ

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА
225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Анвар САФАРЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Илҳомуддин ИБРОҲИМЗОДА
Қобилчон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Насриддин ОХУНЗОДА
(ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотам ҲОМИДЗОДА 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА
(муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА
(шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ
(ВМКБ)
Сухроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ
(вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА
(вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61
(масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА
(ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 44545 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора
Ш. Раҷабзод